**Хайрулло Раҳимов**
**Гавҳар Мухторова**

# МУҚАДДИМАИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРӢ

Душанбе-2007



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Хайрулло Раҳимов**
**Гавҳар Мухторова**

# МУҚАДДИМАИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРӢ

***Муҳаррири масъул: доктори илмҳои педагогӣ, профессор САФАР СУЛАЙМОНӢ***



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Душанбе-2007

ББК 74.03 я 73

Р 43

**Раҳимов Х. Мухторова Г. Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ/ Муҳар.масъул С. Сулаймонӣ.-Душанбе:Ирфон,2007.-    с.**

Китоби мазкур дар асоси меъёрҳои навини донишгоҳӣ ва таҷрибаи педагогии муаллифон бо назардошти ниёзҳои ҷомеаи навин таълиф гардидааст.

Барои донишҷӯёни риштаи омӯзгорӣ ва онҳое, ки таваҷҷӯҳ ба касби омӯзгорӣ доранд, пешниҳод мегардад.

*Муҳаррири масъул доктори илмҳои педагогӣ,*

*профессор Сафар Сулаймонӣ*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Раҳимов Х. 2007*
*Мухторова Г. 2007*

## Дебоча

Мӯҳтарам, донишҷӯи бахши аввали Донишгоҳи омӯзгорӣ! Қаблан ба шумо аҳсан мегӯем! Аҳсан барои он ки касби барои ҷомеа хеле муҳим ва пуримасъулиятро пазируфтаед. Касберо пеша кардаед, ки бузургони башар чӣ дар гузашта ва чӣ ҳол онро баҳри рушду нумӯи ҷомеа басо зарурӣ донистаанд ва ҳамакнун онро пешаи муҳими башар эътироф менамоянд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бар ҳақ нигоштаанд:

*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бахирад рӯзгор.*

Воқеан, ҳастии омӯзгор дар ҷомеа шамьи афрухтаеро мемонад, ки он шамьҳои кӯчаки хомушро фурӯзон мегардонад, ба тирагии рӯзгор нур мебахшад. Ҳаққо, ки як донишманди мумтоз – даҳҳо одамони корсоз. Як омӯзгори кордида- садҳо шогирдони варзида.

Анна, Шумо толибилми касби боифтихор, вале душвори омӯзгориро пеша кардаед. Солҳо сипарӣ мегардад ва бо маҳорати баланд- машьали нурафкани ақлу заковати хеш дар сафи омӯзгорони олиқадри ватанӣ ҷой мегиред. Вале то он дам кӯшиш ба харҷ деҳед, ки лоиқу сазовори ҳамсафон бошед, сиру асрорҳои ниҳонии ихтисоси худро ошкор созед ва ба қавли Ҳусайн Воизи Кошифӣ домани устодон гирифта, қуллаҳои баланди умедро фатҳ намоед.

*Домани устод гиру шод шав,*
*Муддате хидмат куну устод шав.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дониста бошед, шумо минбаъда бо рӯҳи инсон сару кор доред, пас муҳандиси рӯҳи инсон бошед, олами ботини шогирдонро пай баред, то ки аз қуллаи баланди омӯзгорӣ, касбҳои дигар шаванд ҷорӣ. Оянда дар сафи шогирдонат олимони баландмартаба, сохтмончиён, муҳандисон, коргар- устодони гулдасти арсаи кор, духтурони ҳозиқ, кайҳоннавардон ,қаламкашони моҳир, санъатварони воломақом ва ғайра менишинанд, ки шумо бояд онҳоро дида тавонед. Аз ин бобат дар назди касби ибтикории шумо ҳамаи касбҳои дигар, ҳамчун ба модари умумии худ, сари таъзим фуруд меоварад.

Ихтисоси муаллимӣ дониши ҳамаҷониба, саховатмандии самимӣ, муҳаббати бепоён нисбати кӯдаконро мепарварад. Фаъолияти муаллимӣ- ин ҳамеша бо кӯдакон ҳамкорӣ намудан, бо олами ботини онон майл ёфтан, асрори ниҳониашонро ифшо намудан ва ба қобилияташон такон овардан аст. Зинҳор дили беғубору беолоиши онҳоро ранҷондан мумкин нест. Хирадро- хирадмандона, виҷдонро – виҷдонона, ахлоқро- пойдорона, ватандӯстиро- содиқона парвариш кардан мумкин аст, то ба гуфтаҳои зайл сазовор бигардед:

*Бар мақоми рушди рӯҳии одамизот,*
*Муаллимро муҳандиси нахуст бибар ёд.(Х.Р.)*

Ба муаллим, мисли дигар касбу пеша, лаззати зуд дидани самараи меҳнатӣ муяссар намегардад. Аз кишт то дарави вай солҳои зиёд сипарӣ мешаванд. Ба омӯзгор сабру матонате лозим аст, ки бо умеди хайр эҷодкорону ихтироъкорониояндаи худро муддатҳои тӯлонӣ интизор бошад. Маҳз баъди солҳои зиёд ба эшон муяссар мегардад, ки он одами қаблан кӯчак чӣ гуна қудрати тавоно доштанро бубинад, ифтихор кунад

Пешаи омӯзгорӣ- шарафи бузург, вале ҳамон қадар масъулияти калон ҳам дорад: ҳамеша ва дар ҳамаҷо на фақат намояндаи хирадманду пешқадами илму дониши мактаб, ҳамчунин ҳодӣ ва мубориза фаъоли ормонҳои дурахшони башарият низ пиндошта мешавад.

Аз ин рӯ, муаллим рӯҳбаландии худро бештар дар поягузории рушди ҷомиа мебинад. Ба эҷодкории Шумо муаллимони оянда нишондод ва ғояҳои Қонуни маориф ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғизои маънавӣ мебахшанд, ки шумо бояд онҳоро сармашқи кори худ пиндоред.

Омӯзиши маҳорати педагогии шумо аз рӯзи аввали ба мактаби олӣ шомил гардидан оғоз мегардад. «Муқаддимаи тахассуси омӯзгорӣ» фанни аввалини касбии шумо мебошад ва ва аз вазифаҳои зерин иборат мебошад:

1)бо бунёди илмии фаъолияти касби муаллимӣ шинос менамояд;

2) дар мактаби олӣ баҳри омӯзиши фанҳои мухталиф кӯмак ва раҳнамоӣ менамояд;

3)роҳҳои таҷрибаомӯзии педагогиро нишон медиҳад;

4)ба ташаккулдиҳии паҳлуҳои касби омӯзгорӣ, яъне ба машғулиятҳои наҷибона- худтарбияткунӣ раҳнамун месозад;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

5)бо маҳоратҳо ва технологияи педагогӣ аз назари касбӣ ошно месозад.

Ҳамин тавр, курси «Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ» шуморо ба касби интихоб намудаатон муаррифӣ намуда, дар ин ҷода эҷодкор ва номбардор буданатро таммано дорад.

**Мавзӯъи 1. Касби омӯзгорӣ ва паҳлӯҳои асосии он**

Ихтисоси омӯзгорӣ аз истилоҳи пазируфташудаи юнонӣ «*педагогика*» сарчашма гирифтааст. Дар гузашта истилоҳи «*пейдагогос*» маънои «*пейда*»-атфол, кӯдак ва «*гогос*»-раҳнамои атфол, яъне он ғуломонеро, ки бо кӯдакон сарукор доштаанд, «*пейдагогос»* ном бурдаанд. Ин истилоҳ бо мурури замон маънои қаблиашро тағйир дода, маънои *педагогика* –раванди тарбият ва таълим ҳамчунин соҳибкасбе, ки дар мактаб таълиму тарбият медиҳанд, *педагог* (муродифи тоҷикиаш-*омӯзгор*) номида мешавад.

Таълим ва тарбият аз давраи пайдоиши ҷомеа, аз замони олотсозии инсоният ба хотири ҳифзи насли инсонӣ ибтидо гирифта, то кунун ривоҷу равнақ ёфта ва минбаъд ҳам зинаҳои баланди худро тай хоҳад намуд. Тарбият ва таълим дар асоси маҷмӯи таҷрибаҳои гирдомадаи инкишофи нерӯҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ баҳри зарурияти зиндагӣ аз ҷониби ашхоси ихтисосманд ба насли наврас интиқол дода мешавад.

Шарҳу маънидод ва истилоҳоти фавқузикр гувоҳи он аст, ки педагогика илми умумибашарӣ буда ва дар миқёси ҷаҳонӣ тадрис мешавад. Аз ин рӯ он бо рушди дастовардҳои башар, вижагиҳо ва бурдбориҳои ҳар миллат баҳра бардошта, рушду такомул меёбад.

Хамин тавр, замоне сухан дар бораи тахассуси омӯзгорӣ- педагогӣ меравад, соҳибкасбро ба ҳайси ҳам таълимдиҳанда ва ҳам тарбиятгар бояд пиндошт. Пешаи омӯзгорӣ, чуноне ки зикр кардем, аз қадим арзи вуҷуд дорад ва дар ҳар давру замон наслҳои бузургсол таҷрибаҳои андӯхтаи истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, маънавию фарҳангии замонашонро ба



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

наслҳои оянда оӯзонида омадаанд, зеро бидуни чунин равобит пешравӣ ва рушди ҷомеа ғайриимкон аст.

Аз ин рӯ, аз қадим пешаи омӯзгорӣ- устодӣ ба сони байрақбардорни илму маърифат дар ҷаҳон қадру эҳтиром карда мешаванд. Камолиддини Биноӣ барҳақ фармудааст:

*Ҳурмати устод ҳар кӣ надошт,*
*Аллами илм бар ҷаҳон нафрошт.*

Чӣ дар гузашта ва чӣ дар ҳол нисбати ба ину он пеша омода кардани насли наврас бо зарурати объективӣ ба вуқӯъ мапайвандад. Соҳибҳунару донишмандони болаёқати касбҳои гуногун; чорводорӣ, деҳқонӣ, кулолгарӣ, бофандагӣ, наққошӣ, челонгарӣ, саводбарорӣ, мӯтрибӣ, заргарӣ ва ғайраро ба шогирдонаш омӯзонида омадаанд. Дар баъзе касбҳо ҷавонон алоҳида –алоҳида ва бархе гурӯҳ-гурӯҳ омӯзонида шудаанд. Бояд тазаккур намуд, ки омӯзиши гурӯҳӣ- мактаби касбу ҳунарӣ дар сарзамини бостонии мо хеле бармаҳал, ҳатто қабл аз милод вуҷуд доштааст. Ва азбаски касби устодиву омӯзгорӣ аз давру замонҳои хеле қадим арзи вуҷуд доштааст, соҳибҳунарони он ҳам муродифҳои зиёде ба худ гирифтаанд: дабир, устод, педагог, мударрис, мулло, омӯзгор, мураббӣ, муаллим…

Касби омӯзгорӣ дар ҷомеа пешаи басо зарурӣ дониста мешавад. Саромад ва бунйдгузори назарияи илми педагогикаи Ғарб Ян Амос Коменский ихтисоси омӯзгориро дар сатҳи баланд гузоштааст: «…ба муаллимон вазифаи авлое супорида шудааст, ки он баланд дар зери хуршед чизи дигаре буда наметавонад» (38:250).

Алҳақ, касби омӯзгорӣ дар рушду нумӯи ҷомеа қуллаи боэтимод, қуллаи нурафкани булурини софу беғубор аст, ки тахти шӯоъҳои он фозилони илму маърифат, ихтисосҳои гуногун, созандагони ҷомиаи навин бо қалбу ниятҳои пок шӯълавар мегарданд. Бо камоли фазилату хайрхоҳии омӯзгорон кадрҳои баландихтисос ба арсаи кор меоянд.

Дар «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ барҳақ омада: «*Бидон, ки ҳеҷ коре бе устоде муяссар намешавад ва ҳар кӣ бе устод коре кунад,бебунёд бошад*»(36:48).

*Ҳар киро устод набвад, кор бар бунёд нест,*
*Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест»2.*

Ихтисоси омӯзгорӣ хусусиятҳои ба худ хосе дорад, бидуни шавқу фараҳмандӣ, бидуни авҷу оташи эҷодӣ, бидуни қобилияти дӯстории шахсияти шогирдон ва нисбати кори пуршарафу душвор худро педагог шуморидан мумкин нест. Шоир Муҳаммадаминхоҷаи Кошиф хеле хуб гуфтааст: «*Дар дарун оташ набошад, шӯъла кай берун занад*». Оре, муаллим тавассутӣ ин хусусиятҳо варзида ва мумтоз мегарданд. Муаллими мумтоз бошад, ба ҳар навъ сифат медиҳад: муаллим- муҳандиси рӯҳи одамизод, муаллим- меъмори халқ, муаллим- духтури иллатҳои инкишоф,муаллим- мураббии зеҳн ва ҳофиза, муаллим- дирежёри фикр ва эҳсос…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кулли ин воқеият аст, чунки такроран мегӯем, ки омӯзгор бо рӯҳи инсон ва ақлу заковати он сарукор дорад. Бинобар ин касби муаллимӣ аз дигар касбҳо бо он фарқ мекунад, ки натиҷа, ҳаловату самараи меҳнати худро ҷуз намебинад, баҳри ба натиҷаҳои он расидан солҳои тӯлониро сипарӣ менамояд. Самараи заҳматҳои солҳои тӯлонии муаллим баъди дар ҷомеа фаъоляткунии шогирдонаш намоён мегардад.

Яке аз фазилатҳои замонавии омӯзгор, бидуни ҳукмравой, бо шогирдони худ ҳамкорӣ карда тавонистан аст. Ягон китоби дарсӣ ва дастури методӣ бо шогирдон ҳамкории гарму самимии педагогии омӯзгорро иваз наметавонад кунад. Педагогикаи ҳамкорӣ шуоъ ва заррабинеро мемонад, ки тавассути он муаллим олами ботини шогирдон: дарду ниёз, шодиву сурур, нуқсону камбудиҳояшонро дида ва фаҳмида метавонанд, таваҷҷӯҳу меҳрашонро ба касбу ҳунари писандидаашон менигаронанад, нуктаи ноаёни қобилияту итеъдодашонро баҳри манфиати ҷомеа меҳрубонона такон медиҳанд. Омӯзгоре, ки аз педагогикаи ҳамкорӣ дар канор мемонад- ин бохти ӯст.

Лозим ба ёдоварист, ки педагогикаи ҳамкориро чунон танзим бояд дод, ки шогирдон аз муаллим накебанд, худро дар ҳузураш озод ҳис кунанд,вале дар ҳама ҷой обрӯю нуфузи муаллим на бояд коҳиш ёбад ва қадру қиматаш тавассути серталабӣ ҳифз гардад.Сарзанишу танбеҳи барҳақ мадди назар дошта мешавад, аммо дар меъёри одоби муоширати педагогӣ.

Вазифаҳои кунунии иҷтимоии муаллими давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявии мо аз инҳо иборат аст: «Шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои тафаккури эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва соҳиби дониши амиқ,маҳорат, малакаи касбӣ тайёр намояд, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ. Риояи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳои фаро гирифта шудаанд» (12:2).

Муаллими ҷумҳурии мо баҳри чунин вазифаҳо ва мактаби дунявӣ басо ранҷу машаққатҳоро аз сар гузаронд, аз обу оташи мубориҳаҳои шадиди таърихи сабақ гирифт, қурбониҳо дод, обутоб ёфт. Солҳои 20-30-юм барои ривоҷу равнақи мактабҳои нави дунявӣ ва маҳви бесаводӣ аз бисёр монеаву тазодҳо сарбаландона гузашт. Дар он солҳо набудани бино ва василаҳои таълимӣ ва билохира задухӯрдҳои хунин кори мактабу муаллимонро мушкил мегардонад(21:67). Илова бар ин ҷоҳилону душманони мактаби дунявӣ фидокории  муаллимонро дида натавониста, иддаи аз онҳоро қатл мекарданд. Он замонҳо даҳҳо фидоиёни ҷодаи илму маърифатро ба шаҳодат расониданд.

Дар задухӯрд, ҷангҳои дохилии соли 1992 ва бесарусомониҳои минбаъда идомаёфтаи он сатҳи зиндагии мардуми тоҷикро хеле паст кард. Қисман муаллимон аз сабаби мушкилиҳои моддӣ, харобу валангор гаштани манзилу макон ва маоши нокифоя касби худро тарк карданд. Аммо қисми асосии онҳо ба хотири миллат, ба хотири шогирдони баркамоли дар ин ҷангӣ бемаънӣ қурбоншуда, агарчи аз сатҳи  зиндагӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мӯҳтоҷӣ кашида, дандон ба дандон монда , касби олимақоми худро тарк накарданд, ба умеди ояндаи миллат тоб оварданд.

Холо муаллим ба хотири он шаҳидону қурбониён, ба хотири ояндаи нек ва такрор наёфтани ҷанги нанговари хонумонсӯз, ба хотири одаму одамгарӣ ва сулҳи пойдор ҳамкорию ваҳдат ва башардӯстӣ, ба хотири пойдории миллат ва устувору пойдор гузоштани пояи давлати демократии ҳуқуқбунёд шогирдони сазоворро таълим медиҳанд.

Устувории пойдевори ҳар кишварро мактабу маорифаш муаян мекунад,чунки ояндаи кишвар ба наслҳои ҷавон тааллуқ дорад. Маҳз наслҳои солим, соҳибмаълумоту шуурноки балаёқат метавонад ба рушду нумӯи ҷомеа таҳким бахшад. Сиришти чунин наслҳои олимақом аз бисёр ҷиҳат ба заҳмату фаъолияти муаллимони олиқадр вобаста аст. Ҳаққо, ки дар иқтидору пойдории кишвар нақши бузург дорад муаллим!

Давлат дар ҷомеа мавқеи бузург доштани кадрҳои педагогиро ба инобат гирифта, барои онҳо имконият васеъ ва имтиёзҳо медиҳад. Минбаъд ба коркунони педагогӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 декабри соли 1993 ба тасвиб расонида буд, як қатор ҳуқуқ ва имтиёзҳои шоён ба назар гирифта шудааст. Ин имтиёзҳо боз дар чанд санаду ҳуҷҷатҳои давлатӣ такмил дода шудаанд.

Коркунони маориф мувофиқи тартиби муқарраркардаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рӯзи кори шашсоатан ба меъёр даровардашуда ва ҳафтаи кӯтоҳи корӣ, ба рухсатии дарозмуддати пулакӣ гирифтани нафақа аз рӯи собиқаи кор то расидан ба сини нафақа ҳуқуқ доранд». Ҳамчунин дар Қонуни мазкур «ба ҳавасмангардонии модӣ ва маънавӣ барои комёбиҳо дар фаъолияти педагогӣ ва тарбияаи насли наврас, мукофонидан бо ордену медалҳо, дарёфти унвонҳои фахрӣ» (12: Моддаи 34) низ дар назар дошта шудааст.

Дар байни муаллимони чмҳурӣ Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ, ҳазорҳо нафар муаллимони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», муалимони хизматнишондодаи ҷумҳурӣ, даҳҳо нафар депутатҳои мардумӣ, муаллими навовар, муаллим- методист, муаллими калон ва ғайра шӯҳрат доранд. Аз 29 сентябри соли 1965 инҷониб ҳар соле дар якшанбеи аввалини моҳи октябр «Рӯзи муаллимон» ҷашн гирифта мешавад.

Барои тайёр кардан ва баланд бардоштани дараҷаи маҳорату маънавиёти муаллимон дар ҷумҳурӣ омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ, донишгоҳо ва Донишгоҳи омӯзгорӣ, Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимон, Академияи илмҳои педагогӣ, Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогӣ фаъолият доранд. Илова бар ин, барои омӯзгорон маҷаллаҳои «Маърифат», «Мактаб ва ҷомеа», ҳафтаномаи «Омӯзгор», адабиёти гуногуни илмӣ-методӣ, илмӣ-педагогӣ нашр мешаванд.

Дар мардум мақоле ҳаст: «Агар худро яксола таъмин карданӣ бошӣ-шолӣ кор, худро даҳсола таъмин карданӣ бошӣ –дарахт шинон, дарахти пурсамар ва агар, худро садсола таъмин карданӣ бошӣ- инсон тарбия намо». Тарбияи инсони комил бештар ба дӯши муаллим аст ва ӯ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

бояд бо меҳру ғамхорӣ шогирдоне бипарварад, ки онон дар рӯзгори ободу осудаву фаровони хеш аз машаққатҳои устоди худ бо некиҳо ёдовар шаванд. Зеро ганҷи илму дониш бе ранҷ намешавад. «То хушаҳо ба даст кунӣ, донае бикор!»-гуфтааст Камоли Хуҷандӣ.

Чӣ омӯзгор ва чӣ толибилм бояд донад, ки бидуни заҳамот илмро ах худ кардан нест ва илм ҳаст, ки заҳамоти зиёдеро мепарварад.

Ба замми ин муаллим худ низ омӯзгор бошад, таҷрибаҳои пешқадами педагогии соҳаи фанни тадрсисии худро омӯхта, дар фаъолияти педагогии худ аз онҳо эҷодкорона баҳраманд гардад.

Дар шароити зиндагии мо инсон ба ҳисоби миёна 70 сол умр мебинад, вале аз он 23 солаш бо хобби ғафлат, 13 солаш бо маҷлису сӯҳбатҳои муфид, 6 солаш бо тановвули ғизо сарф мешавад. Аммо муаллим ҳар рӯз 8 соатӣ 23 сол хуфтанро ба худ раво намебинад, ӯ ҳар субҳ аз хоб бармаҳал хеста, якуним –ду соат худомӯзӣ мекунад ва бо ин иқдом дар се субҳ як рӯз, дар се сол як сол бурд мекунад. Дар «Ҳадис» ҳам омадааст:»Хобби субҳ ризқ мебарад», «Соате талаб кардани илм беҳтар аз намозгузории як шаб аст ва рӯзе талаби илм кардан беҳ аз се моҳи рӯзадорӣ аст».

Умари Хайём низ фармудааст:

*Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт:*
*К-аз хоб касеро гули шодӣ нашукуфт,*
*Коре чӣ кунӣ, ки бо аҷал бояд ҷуфт,*
*Бархез, ки умрҳо мебояд хуфт .*

Дар ҷомеа нуфуз ва мавқеи муаллимони мактаби ибтидоӣ низ назаррас аст. Заҳмату меҳрубониҳои эшонро шогирдон тамоми умр ба ҳайси «муаллими аввалин» қадр мекунанд,ёдовар мешаванд: Меҳри аввалин устод, ҳеҷ гоҳ наравад аз ёд.

Ҷунки онон омӯзгоронеанд, ки дастони ҳоло ногирои атфоли кӯчакро дошта, бо заҳмати зиёд ба навиштан рост мекунанд. Ва билохира онон омӯзгоронеанд, ки дар фаъолияти касби пурифтихори хеш ба педагогикаи ҳамкорӣ майл намуда, таҳкурсии нахустини рушду камолоти минбаъдаи таълимию тарбиявии наслҳо мегузоранд.

Барои ба мартабаи баланди омӯзгорӣ расидан ҳанӯз аз курсии шогирдӣ кӯшиш бояд кӯшиш ба харҷ дод ва бо фараҳмандӣ ҷидду ҷаҳд бояд кард.

*Ба шогирдӣ ҳар он, к-ӯ шод гардад,*
*Расад рӯзе, ки худ устод гардад.*

Дар таҷлилу тарбияи насли наврас- ворисони ҷомеа худфиребӣ ва ба ибораи УнсурулмаолииКайковус гӯем, «гандумкамоли ҷавфурӯш» набояд буд. Баракс, ба он бояд кӯшид, ки гуфтаи АбдураҳмониҶомӣ ба вуқӯъ ояд.

*Дарси муаллим ар бувад замзамаи муҳаббате,*
*Ҷумъа ба мактаб оварад тифли гурезпойро!*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тарбияи солими наслҳои ояндаро омӯзгор тавассути меҳру заҳмати бепоёни хеш таъмин мекунад,хомҳоро мепазонад ва бо ин иқдоми хайр дар шахсияти онҳо номи нек мебарад, ҷовидон мегардад. Кори хайрро ниёгон низ бисёр сутудаанд. Чунончи, Саъдии бузург овардаанд:

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар ки накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

**Мавзӯи 2.Талабот ба шахсияти омӯзгор**

Омӯзгор шахсиятест, ки дар ҷараёни зиндагӣ худро на танҳо моҳияти иҷтимоӣ дошта, инчунин дорои сифатҳои иҷтимоӣ, қобилияти оқилона фикрронӣ, масъулият ва дарки фаъолияти ҷамъиятӣ, устуворӣ нисбати ақоид ва эътиқоди худ медонад.

Омӯзгор касеро тарбия мекунад, ки тибқӣ талаботи давру замон аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ, донишманд, нерӯманд, меҳнатдӯст, дорои ахлоқи ҳамида, ватандӯст, инсонпарвар бошад. Вай бояд дар адои вазифа қобилияти педагогиашро мунтазам афзун гардонад, навигариҳои системаи донишҳои педагогӣ ва равоншиносиро мунтазам омӯзад.

Касби педагогӣ паҳлуҳои зиёди илмӣ- адабии хос дорад. Аз ин рӯ на ҳама аз ӯҳдаи ин пеша баромада метавонад, зеро муаллимӣ хусусиятҳои хосу маҳорати фавқулоддаро тақозо мекунад. Ашхосе ,ки ба ҳар васила ба дили атфол роҳ ёфта, онҳоро чун оҳанрабо ҷониби худ кашида, дар ҳалқаи онон мемонанд ва ба ҳарфу лафзи онҳо толибу муштарӣ мегарданд, лаёқату қобилияти модарзодии омӯзгорӣ доранд,

Вале на ба ҳама шавқу давутози шӯхонаи кӯдакон писанд меояд. Аз ашхоси бадмуомилаи ҷангара кӯдакон фарор мекунанд, худро канор мегиранд, то ки гирифтори маломату сарзанишҳои онҳо нагардад. Чунин одамон аз тахассуси педагогӣ дуранд

Билохира, яке аз хусусиятҳои асосии пешаи муаллимӣ шахсияти шогирдонро эҳтиром кардан, ба онҳо ҳастии худро бахшидан аст.Чунин садоқатмандии муаллим гоҳо ба қуллаи баланди фидокорӣ мерасад. Дар ин бобат корнамоии педагог, духтур ва нависандаи машҳури поляк Якуш Корчак мисоли барҷаста шуда метавонад. Гитлерчиён шогирдони Я.Корчакро, барои несту нобуд кардан ба камераи гази Траблинк мебурданд, то ки онҳоро сӯзонда ба хокистар табдил диҳанд. Дар ҳамин асно Я.Корчак, ки дар сафи шогирдонаш қарор дошт, ба вай пешниҳод карданд: бебачаҳо зинда монданро интихоб мекунад ва ё ҳамроҳи онҳо маргро!

Вай бе ҳеҷ шакку шубҳа маргро интихоб намуд. «Ҷаноби Гольдшмит,-гуфт ба вай гестапочӣ,-мо шуморо чун духтури хуб медонем, ба Треблинк рафтанатон шарт нест». «Ман виҷдон савдо намекунам»-ҷавоб –дод Януш Корчак. Қаҳрамон ҳамроҳи 200 нафар шогирдонаш сӯи марг рафт…(43:10).

Баробари эҳтироми шахсияти шогирдон нисбати онҳо серталаб будан ҳам лозим аст. Агар бо ибораи А.С.Макаренко гӯем, ба бача ҳар қадар талабгузорӣ- ин ишорати ҳамон қадар дӯстдории муаллим нисбати



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ӯст. Чунки серталабӣ коҳилиро рафт намуда,шогирдонро аз илму маърифати басо гарон бархурдор мегардонад. Ҳақ бар ҷониби Саъдии бузург аст, ки фармуда:

*Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар.*

СИФАТҲОИ МАЙЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ ЧУНИНАНД:

-бачаро ба ҳайси объекти фаъол донистан ва тамоми хислатҳои ӯро омӯхтан;

-мушоҳидакору ҳассос будан;

-омӯхтани роҳҳои дурусти муомила ва иртибот бо кӯдакон;

-қобилияти ташкилотчигӣ доштан;

- устувор будан дар афкору зиндагии худ;-

-серталабӣ, поквиҷдонӣ, росткорӣ, хоксорӣ, таҳаммул кардан тавонистан ва амсоли инҳо.

Муаллим нисбат ба тарбияи солими насли наврас шахси масъул ва дар назди ҷомеа ҷавобгар аст. Ба хотири он ки тарбияи навниҳолон осеб наёбад, худи муаллим бояд солимфикр, бомеҳр, ҷуянда ва мушкилкушои касби худ бошад. Ҳикматҳои касбашро аз мардумва бузургон биомӯзад, зеро мардум эҷодкори нодир, омӯзгори моҳир, ислоҳкори қодир аст. Агар ба ин манбаи ғанӣ оқилона таваҷҷӯҳ диҳанд, калиди тамоми мушкилоту муаммоҳоро боз мегарданд.

Дар мактаб аксари камбудиҳои таълимӣ ва тарбиятӣ аз нокифоягии маҳорати педагогӣ, ахлоқ ва одоби муошırати педагогии омӯзгорон оғоз мешавад. Пас маҳорати педагогӣ чист?

МАҲОРАТИ (САНЪАТИ)ПЕДАГОГӢ- ба дараҷаи баланд таъмин намудани худташкилдиҳии маҷмӯи фаъолияти касбӣ мебошаж ва аз чунин самтҳо иборат мебошад: инсонпарварӣ, дониши касбӣ, қобилияти педагогӣ, техникаи педагогӣ.

САМТИ ИНСОНПАРВАРӢ-аз меҳри бепоён доштани муаллим нисбати кӯдакон- дастпарварон ва ихтисоси худ ба вуқӯъ мепайвандад, ки он дар худ ду намудро мегирад:дар худ мақсадҳои олӣ(ормонҳо) гузоштан; майлу рағбат ба касб- фанни тадрисии хеш.

ДОНИШИ КАСБӢ-чунин қисматҳоро тақозо мекунад:

а) хуб донистани фанни тадрисӣ ва услуби он;

б)донистани педагогика;

в)донистани равоншиносӣ.

Ин қисматҳоро надониста,дар кори таълиму тарбияти шогирдон комёб шудан ғайриимкон аст.

ҚОБИЛИЯТИ ПЕДАГОГӢ-ин аз қисматҳои зерин иборат аст:

-равобити некхоҳӣ ва инсонпарварӣ, нисбати одамон;

-дорои қобилияти даркнамоӣ, ҳушёрии касбӣ, ҳусни таваҷҷӯҳ, шоистаи касби педагогӣ будан;

-амалиёти шахсият- дорои қобилияти ба ирода таъсиррасонӣ ва эътиқоди мантиқӣ;

-матонати пуртаъсир- қобилияти худидоракунӣ;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

-пешбини некхоҳона;

- зоҳир намудани қобилияти эҷодкорӣ.

ТЕХНИКАИ (маҳорати)ПЕДАГОГӢ_маҷмӯи усулҳо. Воситаи он – нутқ ва муносибати шифоҳӣ. Техникаи педагогӣ иборат аз ду қисмат аст:

-худидоракунӣ- идора кардани ҷисм (имову ишора), эҳсос, авзо, таваҷҷӯҳ, мушоҳидакорӣ, тасаввурот, техникаи нутқ (нафасгирӣ, тарзи талаффуз, суръатинутқ);

-таъсир расонида тавонистан ба фард ва коллектив: маҳорати дидактикӣ, ташкилотчигӣ, конструктивӣ, алоқамандӣ; усулҳои талаботи гузориши технологӣ, ӯҳдакунии таваҷҷӯҳи педагогӣ, ташкили корҳои эҷодӣ ва ғ.

Ба замми ин омӯзгор бояд ба узвҳои муҳими маҳорати педагогӣ : ахлоқ ва одоби муоширати педагогӣ риоя кунад. Ҳини таълиму тарбияи талабагон ва волидайни онҳо ахлоқи педагогӣ ва одоби муошират ниҳоят муҳим аст.

ЭТИКАИ ПЕДАГОГӢ-илми ахлоқу одоби омӯзгорӣ. Ахлоқ як шакли шуури иҷтимоист, ки инкишофи ҷомеаро инъикос мекунад ва ба он фаъолона таъсир мерасонад. Дар муносибат бо пайравони худ ва атрофиён муаллим шоистаи ибрат бояд бошад. Ахлоқи шуурона дар раванди амалиёти муаллим таркибу зоҳир меёбад. Муаллими замон ҳамеша ва дар ҳама ҷо зимни этикаи педагогӣ рафтор мекунад, ба вай мисли замонҳои гузашта ба шогирд ситам кардан, лату кӯб, дашному дуои бад, таҳқиру ба нафсонияти мусоҳиб сахт расидан, бегона аст.

Этикаи педагогӣ давру марҳилаҳои зиёдеро аз сар гузаронида, ба дараҷаи риояи имрӯзаи аҳлоқи демократии худ расидааст. Одоби мактабдорони пешин ба усули таъдиду ситамкунӣ асос ёфта буд. Дар яке аз пандҳои юнонӣ омадааст: «Гӯши бача дар пушташ, вай ҳамон вақт гӯш мекунад, ки ӯро лат кунанд». Ё дар мактабҳои собиқи мусулмони назди масҷиди Осиёи Миёна чунин таъдидкунӣ ҳукмрон будааст:

*«Беадабро ҳар кӯҷо ёбӣ, бикӯб,*
*Хирс мулло мешавд аз зарби ҷуб».*

Чунин ситамкунӣ ба шогирдон имконияти саводбарорӣ ва илмомӯзиро надода ,оқибат пой ба гурез мекард.

Оре, лату кӯб, дашному хархаша, кинаву адоват, хурдагирӣ-инҳо амалиёти фишороварист нисбати шогирдон ва ҳеҷ гоҳ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, балки ҷисму рӯҳи онҳоро озурда мегардонад ва ниҳоят ононро ба пархошгариву рӯйгардонӣ меорад. Аммо дастпарварон аз сарзанишҳои бамавриду бамавқеъ аз муаллим намеранҷанд, зеро онҳо ҳис мекунанд, ки вай ба коҳиливу бепарвоияшон такон доданист. Бале , маҳз серталабии оқилона шогирдро болу пар мебахшад Аммо ҳанӯз ҳам омӯзгороне ёфт мешаванд, ки этикаи педагогиро дағалона вайрон мекунанд. Чунончи, муаллимае модарро барои давои бачааш ба мактаб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

даъват карда, ба ҷои он ки этика ва одоби муоширати педагогӣ баҷо биорад ва бо хушмуомилагӣ ба ҳаллу фасли рафтори зишти шогирд гузарад, якбора ба сари ӯ оташи хашму ғазаб мерезад: «Ту бача не , як бало  калон кардаӣ. Охир, кулолгар бошӣ, дуруст кулолгарӣ кун, агар мисли бачаи бесарат зарфҳои каҷу килеб месохтагӣ бошӣ, бас кун ин кулолгариатро!»

Оё нисбати модар чунин дилозорӣ кардани муаллими маълумоти олидор мезебад? Ба маънои аслиаш, кулолгар ҳам    маҳорати волои касбиро азислоҳкунии каҷу килеби зарфҳои аввалинаш пайдо мекунад, ба шарте ки аз устоди худ ҳамкорию дастгирӣ ёбад, на кӯзашиканӣ кунад. «Захми табар мераваду захми гапи бад не» -мегӯяд андарзи мардумӣ. Омӯзгор бояд ба ҳар васила аз олами ботини шогирдон огоҳ бошад, Кобилияти ниҳони ононро дарёбад ва такон диҳад. Омӯзгор чун ғаввоси заршинос ба қаъри дили шогирдон ғута зада, аз ботини ниҳони онон марвориду дурдонаҳои истеъдод ба  соҳил меоварад ва бо камоли фазилату хайрхоҳӣ он қобилиятҳоро болу пар мебахшад. Чунин аст ҳадди камолоти комили рӯҳафзоии омӯзгорӣ.

Этикаи кунуни хислатҳои беҳтарини инсониро, аз қабили инсондӯстӣ, муносибати дуруст ба касбу кор, эҳтироми шахсияти шогирдон, волидайни онон таҷассум мекунад. Этикаи педагогӣ бо равоншиносӣ робитаи ногусастанӣ дорад, зеро бидуни равоншиносӣ омӯхтани хислатҳои шааахсияти дастпарварон имконнопазир аст. Албатта, меъёри ахлоқи омӯзгор ва зуҳуроти  он қолабӣ нест. Мавриди муомила онҳо ба мавқеъ, шароит ва хусусиятҳои равонии ҳар фард бо ақлу хирад пардохта мешаванд.

Муаллим ҳамон вақт  ноили комёбиҳо ва сазовори обрӯи баланд мегардад, ки нисбати меъёри ахлоқ ва зуҳуроти онҳо эҷодкорона амал кунад.

Аммо аз омӯзгорон обрӯю нуфузи муаллимро дар чини пешонӣ, сахтгирӣ ва дар ҳузури шогирдон бидуни хандаю шӯхӣ муомилакунӣ мепиндоранд. Гӯё хандаю ҳазлу шӯхӣ қадру қимати муаллимро паст карда, даспарваронро ба нописандӣ ва рӯдавӣ меоварда бошад. Вале таҷрибаҳо собит мекунанд, ки чунин фаҳмиш хатои  маҳз аст. Ҳол он ки рафтори фишоровари шогирдонро аз муаллим ҷудо мекунад ва онҳоро ба беҷуръатӣ ва ғайрифаъол амалкунӣ меоварад. Ба маврид хандонидани шогирдон ягон ҷои бадӣ надорад. Баръакс, хандаи самимӣ хастагиро рафъ намуда, шогирдонро бардаму хушҳол мегардонад, фаъолияти дарккуниро метезонад. Алалхусус, кушодарӯӣ ва ҳазлу шӯхӣ, агар он дар меъёру доираи одоб  бошад, талабагоронро ба муаллим наздик мекунад. Ҳофизи Шерозӣ хеле хуб нигоштаанд:

*Латифае ба миён ору хуш бихандонаш,*

*Ба нуқтае, ки дилашро дар он ризо бошад.*

Равоншиносҳо эҳсоси мусбатро илҳомбахши тавонои фаъолияти инсон мешуморанд. Шарму ҳаё, шодиву фараҳ, рӯҳафзоӣ, нафрат ба рафторҳои зишт инҳо эҳсосҳои ахлоқи шоиста буда, фаъолияти эҷодии шахсро афзун мегардонанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нисбати шарму ҳаё Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» нигоштааст: «*Он (ҳаё) хислати Шариф ва сирати маҳбул аст. Ҳаёро шохе аз дарахти имон гуфтаанд, ҳаё аз шароити назми олам аст. Агар сифати шарм аз миён барафтад ва ҳеҷ касро аз ҳеҷ кас шарм набошад, низоми ҷаҳон халал пазирад ва масолеҳи халоиқ аз якдигар фурӯрезад. Аммо сифати ҳаё намегузорад, ки ҳар кас ҳар чӣ хоҳад бикунад:*

*Гар ҳаё набвад барафтад расми исмат аз миён,*

*В-ар ҳиҷобе дар миён аст аз тақозои ҳаёст».*(36:129-130).

Дар равнди таълим нутқи образнок ва боэҳсоси муаллим толибилмонро на танҳо рӯҳбаланд мегардонад, ҳамчунин дар амиқ ҳифз кардани маводи таълимӣ мадад мерасонад. Этикаи педагогӣ тақозо мекунад, ки барои омӯзгор бачаи «нағз» ва «бад», духтари «зердаст» ва «болонишин» нест, балки маҳз «талаба» вуҷуд дорад, қатъи назар аз мансаби волидайнашон. Ҳама шогирдон дар назари хиради ӯ яксон мебошанд. Муаллим пеш аз ҳама манфиати умумро дар назар дошта бошад.

Табиист, ки дар синф қобилияти талабагон гуногунанд: дар қатори пешқадамон миёнахонону сустхонон ҳам мешаванд. Муаллим ба шогирдони фаъолу ташаббускор бештар талабот гузошта, бо сустхонҳо низ кор мебарад, то ки онҳо ҳам бо рӯҳафзони муаллим ба пешқадамон расида гиранд.

**Хонавода** -рукни ҳамаи намудҳои тарбияи фарзанд- давоми насл, бақои умр мебошад. Дар тарбияи насли наврас бидуни дахолат, бидуни ҳамкории оилаҳо дар умури таълиму тарбия ба муваффақиятҳо ноил шудан имконнопазир аст. Чунки танҳо падару модарон феълу рафтор ва хусусиятҳои рӯҳии фарзандонро хуб медонанд. Аз ин лиҳоз, мактаб бо хонавода мунтазам ҳамкорӣ дорад. Аммо дар муомила бо аҳли хонавода аз омӯзгор басо ҳассосӣ ва аҳлоқи баланди педагогӣ доштанро талаб мекунанд. Аснои мукотиба бо волидайн тарфҳои мусбати бачаро ба инобат гирифта, сипас норасиҳо ва камбудиҳояшонро иброз намудан мувофиқи этикаи педагогӣ аст.

Бо мурури замон касбу пешаҳои нав пайдо мегардад,баъзе касбҳо аз байн мераванд. Аммо касби омӯзгорӣ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад,он дар ҳар давру замон арзи вуҷуд намуда, бунёди кулли касбҳоро мегузорад. Он замон этикаи педагогӣ ҳам зинаҳои баландтарини рушду камолоти худро доро мегардад, шӯҳрати ин касбро басо воло мегардонад, олами маънавии муаллимро боз ҳам зебу зинат мебахшад. Албатта чунин этика заминаи сарчашмаи худро аз замонҳои сипаришуда-замони мо мегирад. Дар ҳама фаъолият барои дурахшон аз имрӯз омодагӣ гирифта мешавад.

## ОДОБИ МУОШИРАТИ ПЕДАГОГӢ

Одоби муошırати педагогӣ- риояти меъёри қоидаҳои одоби муомила ва рафтори омӯзгор нисбати шогирдон ва волидайни онон ва интихоби роҳи шоистаи муносибат бо онҳо дар мавридҳои гуногуни раванди таълиму тарбия. Одоби муошırати муаллим нисбати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дастпарварон ба  усулҳои аҳлоқи умумибашарӣ бунёд ёфтааст. Олами ботини толибилмонро дарк намуда, ба онҳо таъсири мусбат расонидан ҷиҳати муҳими одоби муошират аст. Одоби муошırати педагогӣ алайҳи муносибатҳои фаъолонаи ситамоварӣ роҳи дурусти накукорию рӯҳафзоӣ пеш мегирад, то ки ҳар кас баҳри равнақи кор аҳду ҷаҳд бинмоянд.

Дар ин ҷода Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» таъкид намудааст: «*Ҳамчунин, футуввват ба аҳд вафо кардан аст… ва вафо кардан кори ҷавонмардон аст ва нуқси аҳду шикастани паймон нишонаи нуқсони виҷдон аст:*

*Дасти вафо дар камари аҳд кун,*
*То нашавӣ аҳдшикан,ҷаҳд кун.*

Набояд фаромӯш кард,ки танҳо лутфу эҳсон ва серталабии оқилонаи муаллим шогирдро илҳом мебахшад, умедбахшу шуҷоат медиҳад. Омӯзгор бояд ба ҳар васила аз олами ботини шогирдон огоҳ бошад, қобилияту истеъдоди ниҳонии онҳоро дарёбад ва онҳоро такон диҳад. Олами ботини хонандагонро дарк намуда, ба онҳо таъсири мусбат расонидан ҷиҳати муҳими одоби муошират аст. Вақте ки омӯзгор барои дарс додан вориди синф мегардад, дар кадом ҳолате ки набошад, чун ҳарвақта бо лутфу марҳамат рӯҳияи шогирдонро бояд биболад. Агар аз ҷое ранҷида бо чеҳраи гирифта назди  шогирдон дароянд, аҳли синф авзои ӯро «мехонанд» ва ба дарс фаъол иштирок намекунанд. Бинобар ин ба муаллим зарур аст, ки ҳаргуна ҳиссиётҳои худро дар ҳузури дастпарварон бипӯшад, таҳаммул кунад. Зеро чеҳраи кушоди омӯзгор кушода, ғайрату эҷодкории шогирдонро ба ҷӯш меорад.

Солҳои охир бархе муаллимон ба талабаҳо бар хилофи одоби марбут «ҳафтафаҳм», «хумкалла», «ношуд», «нодон» гӯён муроҷиат мекунанд, ки ин на фақат беандешагӣ, ҳамчунин беадолатии маҳз аст. Чунин муомила ба рӯҳияи онон таъсири манфӣ расонида, саддироҳи инкишофашон мегардад. Ҳол он ки дар мактаби таҳсилоти умумиро бо баҳои қаноатбахш хатм намуда, минбаъд садҳо нафар машҳури олам шудагонро ҳама медонанд.

Муаллимоне низ ҳастанд, ки тавасути шогирдон  дар ғайбашон ба нафсонияти аҳли оилаашон сахт мерасанд ва билохира ба вайроншавии муносибати ҳамкории онҳо рахна мезананд, дар дили волидайн тухми кинаву адоват мекоранд. «

Умуман, хирадмандӣ набвад дар ғайби касе  бадгӯӣ ва ғайбаткунӣ. Нисбати ин хислати шум дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ омадааст:

*Ғайбати кас то битавонӣ магӯй,*
*З- он ки зи ғайбат биравад обрӯй.*
*Гӯш манеҳ бар лаби ғайбатгарон,*
*То ту ҳам анбоз набоши дар он.*



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Одоби муоширати педагогӣ такозо мекунад, ки ҳангоми муомила бо мусоҳиб бояду шояд қабл аз баёни нуқсону камбудиҳо ҷиҳатҳои мусбати он шахс ҳатман зикр карда шавад, то ки беғаразии омӯзгор ва хайрхоҳонии ӯ аз ҷониби тарафайн ҳис карда шавад.

Алалхусус, роҳҳои баланд бардоштани маҳорати педагогӣ, пеш аз ҳама ба худи омӯзгор , ба садоқадмандии касбии ӯ вобаста аст.Нисбати баланд бардоштани донишҳои умӯми ва ихтисосӣ мунтазам бо меҳр ва ҷӯшу хурӯши илҳомбахш кор кардан лозим меояд. Аммо шахс тамоми донишҳои башарият, ҳатто танҳо як фан, аз он ҷумла педагогикаро ба дараҷаи пурро ва мукаммал аз худ карда наметавонад. Ҳақ ба ҷониби Абдураҳмони Ҷомӣ, ки нигоштаанд, умри инсон намеравад:

Умр кам , фазлу адаб бисёр аст,
Касби он кун, ки туро ночор аст2.

Бо вуҷуди он агар шахс бо талаботу дархости давру замон гавҳарғундори касби худ бошад, ҳароина дар ихтисоси хеш номбардор шуда метавонад. Гуфтаи фавқулзикри алломаро ба тариқи зайл дарку маънидод* кардан мумкин аст:

*Ёрон, фазлу адаб беинтиҳост,*
*Умри, одам кам –бар он норасост,*
*Лек баҳри гулчини ҳар шуғлу пеша,*
*Чун заргар ҷавҳар гундоштан равост.*

Оре, хусусан пешаи омӯзгорӣ мушкилкушо ва муаммоҳои ҳалталаби зиде дорад, чунки соҳибкасб бо рӯҳи инсон сару кор дорад ва билохира бидуни маҳорати баланди педагогӣ гиреҳкушоиӣ карда наметавонад. Беҳуда М.И.Калилин муаллимро «…муҳандиси рӯҳи одамизод» нагуфтааст (39:143). Асос доштани ин гуфтан ӯро бо мисолҳои зерин тавзеҳ медиҳем.

Муаллиме аснои дарс ба талабаи сустхон бидуни номгирӣ муроҷиат кард: «Канӣ, ҳафтафаҳм, ту баромада ба саволи ман ҷавоб деҳ!» Талаба бо рӯҳи озурда ба назди тахтаи синфхона баромада, аз дил мегузаронад, ки муаллим донишманд аст, кор накардани каллаи маро медонад. Дар системаи асаби ӯ ангезаи нодонӣ кор мекунад.

Муаллими дигар, ки таҷриба ва обрую нуфузи баланд дошт, дар муомила бо ҳамон талабаи сустхон усули хос пеш гирифт: «Акмалҷон, донишманди ояндаи ман…»-гӯён муроҷиат кард, ки ҳамаро дар ҳайрат гузошт. «Муаллим, - гуфт яке аз ҳамдарсонаш, - Акмал чӣ гуна донишманди оянда мешавад, ки ҳамеша аз дарсҳо баҳои паст мегирад?» «Акмал алҳол баҳои паст гирад ҳам , бо қиёфаи ҷиддӣ ҷавобан гуфт муаллим, дар оянда донишманди бузург мешавад, ба ин бовариам комил. Дар зиндагӣ бисёр одамонеро дидам, ки дар аввал суст хонда, минбаъда машҳур гаштанд…». Акмал дид, ки муаллим ҷиддӣ гап мезанад, рӯҳан илҳом меёбад, дар системаи асаби ӯ ангезаи доноӣ кор



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мекунад. Билохира, муаллими дуввум гуфтаҳои муаллими пештараро ботил кард, ба рӯҳи шогирд моҳирона нури дониш барангехт ва дар дилаш фатҳи қуллаи муроди минбаъда шӯълавар бинмуд, муаллими аввалин бошад, на фақат шахсияти бачаро таҳқир кард, инчунин сади роҳи инкишофи ӯ гашта буд. Аммо гуфтаҳои хайрҳохонаи муаллими дуввум ба Акмал аксуамали рӯҳӣ барангехт.

Билохир чунин ангезиши рӯҳӣ- муҳандисии муаллими дуввум Акмалро ҷониби фатҳи қуллаҳои умеди нав ба миёномада ҳидоят бинмуд. Алалхусус оиди муҳандис-доноӣ кор будани муаллим гуфтаҳои М.И.Калининро бар ҳақ эътироф бояд кард ва бар он метавон илова намуд кард:

*Бар мақоми рушди рӯҳии одамизод,*
*Муаллимро муҳандиси нахуст бибар ёд.*

Хислати наҷиби дигари касби муаллимӣ дар сабру таҳаммул дида мешавад. Матиниродагӣ- асоси кори омӯзгор мебошад. Муаллими саросемакор дар умури таълим ва тарбия зуд ноили муваффақиятҳо шуда наметавонад, вай ҳам худа ва ҳам кори тарбияи шогирдонашро хароб мекунад, бо дилтангӣ дере нагузашта асабонӣ мешавад, панҷаҳои дастонаш ларзиш пайдо мекунад ва минбаъд ба маризии фишори хун гирифтор мегардад. Чунки дар як муддати кӯтоҳ бачаро саводноку донишманд гардонидан, хислаҳои ноҷуяи ӯро ислоҳ кардан мумкин нест. Муаллиме ноили комёбиҳо мегардад, ки фаъолияти худро зимни нақшаи дақиқу мушаххас тамкинона ва мунтазам пеш мебарад. Зеро тарбия кори тӯлонӣ ва мушкил аст. Он пурсабрӣ ва моҳирона муомилакуниро талаб мекунад.

На бояд фаромуш кард, ки эҳтироми шахсияти шогирд- талаба дар маркази фаъолияти педагогӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар фасли «Натиҷагирӣ аз консепсияи миллии маълумот» омадааст: *«Тарбия бо мазмуни таълим ҳамгироӣ ва пайвандии ногӯстанӣ пайдо карда, гуманизм-дӯст доштани инсон, эҳтироми мақом ва муҳити моддию маънавии вай-ҳадафи асосии тарбия қарор мегардад»*(3:84).

## Мавзӯи 3. Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва роҳҳои пешгирифтаи он

### 1. Усулҳои ташкил ва сохтори маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ яке аз соҳаҳои умда, поягузору нерӯи ҷомеа ва мунтазам рушдёбанда, асоси рушду камолоти шахс, ҷомеа ва давлат ба шумор меравад. Қудрат, тавоноӣ ва устувории ҳар кишварро системаи маорифи пухта ва дақиқи андешида муайян мекунад.

Мақсади маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи давру замон қонеъ гардондани рушди мутаносиби ҳамаҷонибаи шахсият, ифшо намудани қобилият ва истеъдодҳо, баланд бардоштани сифати кору ҳаёти худ ва дар ҳамин замина афзӯн гардонидани мероси иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ баҳри таъмини пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлати демократию ҳуқуқбунёд мебошад.

Вазифаи маориф зимни таълиму тарбия тайёр кардани шаҳрвандони сатҳи маърифаташон баланд, дорои лаёқати эҷодӣ, ҳамаҷониба рушдёфта ва дорои донишҳои амиқ, маҳорат ва малакаҳои касбӣ, ки онҳо ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, инсонпарварӣ, адолати иҷтимоӣ, риояи арзишҳои аз тарафи умум эътирофшудаи инсонпарварӣ, ҳуқуқ ва қонунҳо фаро гирифташуда бошанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки дар иҷлосияи ҳаҷдаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993 тасдиқ шудааст ва минбаъд тағйироту иловаҳо (4 ноябри 1995; 14 декабри 1996 ва 15 майи 1997) Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум дохил карда шудаанд, асосҳои сохтор, фаъолият ва идораҳои системаи маорифи ҷумҳуриро муқаррар намуда, барои дигар санадҳои марбути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ гузашт.

Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тағйироту иловаҳо 3 маи соли 2002 тасдиқ шуд. Дар он мафҳуми «маориф» чунин маънидод шудааст: *Маориф-системаи иҷтимоие, ки раванди идораи таълим, тарбияи маълумот ва умуман маърифати ҷомеаро ба низом медарорад.*

Тибқи ин ду ҳуҷҷати муҳими давлатӣ қонуни маорифи ҷумҳурӣ дар ҳамаи паҳлуҳо, аз ҷумла дар усулҳои асосии сиёсати давлатии соҳаи маориф, систамаи маориф- таркиб ва сохтори муассисаҳои таълимӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, шаклҳои ташкили таълимӣ, омӯзиши фанҳои нав, таълими тафриқавии ҳамгиро ва мазмуни тарбия таҷдиди назар карда шуд. Дар ҳамаи ин паҳлуҳои системаи маориф ҳамчун рукни мустақил ба симои хоси худ ва дар пояи маданияти миллӣ, забон, таъриху анъанаҳои мардумӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Мо ин гуна фарқиятро дар «Усулҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф» низ дида метавонем. Чунинанд он усулҳо:

1. Ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани таълим дар муассисаҳои таълимии давлатӣ.

2. Ягонагии фазои фарҳангӣ ва маърифатӣ, робитаи таълим бо анъанаҳои миллию фарҳангии халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Ҷумҳурии Тоҷикистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

3. Ба мадди аввал гузошта шудани арзишҳои умумибашарӣ, ҳаёту саломатии инсон, инкишофи озодонаи шахс, тарбияи шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба Ватан.

4. Ҳатмӣ будани маълумоти асосӣ, дастрас будани маълумоти миёна ё маълумоти касбии ибтидоӣ ва асоси озмуни дараҷаҳои минбаъдаи таълим.

5. Томияти системаи маориф ва идомати зинаҳои он дар муассисаҳои таълиму тарбияи давлатӣ ва хусусӣ.

6. Дастрас будани маълумот, ҳимояи шахс аз ҳама гуна маҳдудиятҳо дар соҳаи таълиму тарбия.

7. Ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идораи маориф. Новобаста будани муассисаҳои таълимии давлатӣ аз нишондодҳои идеологӣ ва қарорҳои ҳизбҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ.

8. Бепул будани маълумоти миёнаи ҳамагонӣ ва нахуст маълумоти касбии ҳамаи зинаҳо дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ё маҳаллӣ, дар ҳудуди меъёри дахлдори маълумот.

9. Мутобиқати маълумот бо стандарти давлатӣ.

Чунин дигаргуниҳоро дар «Системаи маориф-таркиб ва сохтори муассисаҳои таълимӣ» низ дидан мумкин аст, ки муаллими оянда бояд онҳоро хуб донад.

1. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ системаи ягонаи таълими муттасил амал мекунад, ки маълумоти ҳамагонӣ, касбӣ ва тайёрии махсуси шаҳрвандон, такмили ихтисос ва бозрмӯзии кадрҳоро таъмин сохта, ба тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат мекунад.

2. Муассисаҳои таълимӣ аз инҳо иборатанд:

-томактабӣ;

-маълумоти ҳамагонӣ;

-муассиаҳои махсуси таълиму тарбия;

-беруназмактабӣ;

-касбӣ (ибтидоӣ, миёнаи махсус, олӣ, комплексҳои таълимии истеҳсолӣ ва ғайра);

-муассисаҳои таълимии илоавгӣ ва хадамоти таълимӣ;

3. Муассисаҳои таълими чунин буда метавонанд:

-давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

-пулакӣ ва бепул;

-тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ.

4. Муассисаҳои давлатии таълимӣ дорои ҳуқуқи мустақили шахси юридикӣ буда, мувофиқӣ тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёбад.

5. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ аз лаҳзаи мувофиқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шуданаш ба ҳуқуқи шахси юридикӣ ҳисоб мешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

6. Асоси ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимии давлатиро низомномаҳои тасдиқкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномаҳое, ки дар асоси онҳо тартиб дода мешаванд, ташкил медиҳад.

7. Бо мақсади ба муассисаҳои таълимӣ додани мақоми муайян (гимназия, литсей, донишкада, донишгоҳ, академия ва ғайра), инчунин санҷиши сифати кори онҳо мувофиқи Низомномае, ки Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, аз ҷониби мақомоти маориф аттестатсияи давлатию ҷамъиятии онҳо гузаронида мешавад.

8. Давлат риояи ҳуқуқи муассисаҳои таълимиро кафолат медиҳад.

<u>Таълими томактабӣ</u>

Бо мақсади расонидани ёрӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоидтари тарбияи кӯдакони хурдсол ва синнӣ томактабӣ, бо назардошти майлу рағбат ва ниёзи волидайн ширхоргоҳу кӯдакистонҳо ва дигар муассисаҳои томактабии кӯтоҳмуддат, рӯзона, шабонарӯзӣ ва қудакистонҳои типии интернати гуногунсоҳа ташкил карда мешаванд.

<u>Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ</u>

Маълумоти миёнаи ҳамагонӣ қисми асосии системаи муттасили таълим буда, инкишофи шахсият, аз худ намудани донишҳои илмӣ, малакаҳои меҳнатӣ ва касбӣ ибтидоӣ, рушди қ$билияти эҷодии инфиродӣ, сатҳи фарҳангӣ ва тарбияи ҷисмониро таъмин мекунад.

Тибқи Қонуни маориф ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани маълумоти миёнаи ҳамагонӣ инҳо ва намудҳои гуногуни мактабҳо ташкил карда мешаванд, ки аз се зина-*<u>ибтидоӣ, асосӣ ва миёна</u>* иборатанд. Синну сол ва давомнокии таҳсил дар ҳар зинаи таълим мувофиқи Низомномаи мактаби маълумоти ҳамагонӣ муайян карда мешавад.

Маълумоти асосӣ (нӯҳсола) ҳатмӣ мебошад.

Қабули талабагон ба зинаи сеюми маълумот дар муассисаҳои маълумоти миёнаи ҳамагонӣ дар асоси озмун сурат мегирад. Ҳангоми аз як синф ба синфи дигар гузаштан бо қарори идораи муассисаи таълимӣ мумкин аст имтиҳонот ҷорӣ карда шавад.

Бо қарори шӯрои мактаб талабагонеро, ки 15-сола шудаанд, аз муассисаи таълимии давлатӣ хориҷ кардан мумкин аст.

Аз рӯи нишондоди тиббӣ ва дигар асосҳои пешбинишудаи Оинномаи муассисаи таълимӣ имтиҳонҳоро ба дигар шаклҳои санҷиш иваз кардан мумкин аст.

Муассисаҳои маълумоти ҳамагонӣ илова ба меъёри давлати метавонанд шаклҳои зайли таълимиро низ ҷорӣ намоянд:

а) таъмили тафриқавӣ;

б) курсҳои мувофиқи талаби хонандагон;

в) курсҳои омӯзиши амиқи фанҳои таълимӣ.

Барномаи ин курсҳоро мақомоти идораи муассисаҳои таълимоти умумӣ тасдиқ мекунанд.

Мувофиқи хоҳиши талабагон ва волидайни онҳо (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) дар сурати мавҷуд будани базаи зарурии моддӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

дар мактаби миёнаи маълумоти ҳамагонӣ тайёрии ибтидоии касбиро ҳам ташкил кардан мумкин аст.

Кӯдакону бачагони ятим ва наврасоне, ки аз сарпарастии волидайн маҳрум шудаанд, дар хонаи бачагон ва мактаб-интернатҳои маълумоти ҳамагонии гуногун, ки барои онҳо таъсис гардидаанд, тарбия меёбанд.

Барои бачагон ва наврасоне, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, мактабҳои маълумоти ҳамагонии солимгардонии санаторӣ, мактаб-интернатҳои санаторӣ, хонаҳои санатории бачагона ташкил карда шудаанд.

Барои бачагон ва наврасони дорои иллати ҷисмонӣ ва ақлӣ, ки имкони дар мактабҳои маълумоти ҳамагонии муқаррарӣ таҳсил карданро надоранд, мактабҳои махсуси (ёрирасони) маълумоти миёнаи ҳамагонӣ, мактаб-интернатҳо ва синфҳое, ки таълиму тарбия ва табобати ин гуна бачагонро таъмин карда, онҳоро барои меҳнати муфиди ҷамъиятӣ омода месозанд, таъсис карда шудаанд.

Бачагон ва наврасоне, ки ба шароити махсуси тарбия мӯҳтоҷанд, дар мактабҳои махсус ё омӯзишгоҳҳои махсуси касбӣ, ки офияти иҷтимоии онҳоро таъмин менамоянд, таълим мегиранд.

Тарбия ва таълими беруназмактабӣ

Таълиму тарбияи беруназмактабӣ қисми таркибии системаи маориф буда, аз ташаккули қобилияту истеъдоди бачагону хонандагон, қонеъ гардонидани шавқу завқ ва талаботи маънавии онҳо нигаронида шудааст.

Кори беруназмактабӣ якҷоя бо муассисаҳои таълиму тарбия, коллективҳои меҳнатӣ, кооперативҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои эҷодӣ, ширкатҳо, хазинаҳо, шаҳрвандон бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ ташкил карда мешавад) ва ба интихоби ихтиёрии навъи муассисаҳо ва майлу рағбати алоқамандон асос меёбад.

Ба муассисаҳои таълиму тарбияи беруназмактабӣ қасрҳо, хонаҳо, стансияҳо, клубҳо ва марказҳои эҷодии бачагону наврасон, мактабҳои варзиши бачагону наврасон, мактабҳои ҳунарӣ, бадеӣ, студияҳои мусиқӣ, муассисаҳои солимгардонӣ ва дигарҳо таалуқ доранд.

Мазмун ва шакли кори муассисаҳои беруназмактабиро мутобиқи Низмономаи муассисаҳои беруназмактабӣ шӯрои онҳо муайян мекунанд.

Тарбиягирандагон ва хонандагони онҳо ба истифодаи бепул ва имтиёзноки интишоотҳои варзишӣ, фарҳангӣ ҳуқуқ доранд. Тартиби истифодаи имтиёзоти мазкурро мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян мекунад.

Маълумоти ибтидои касбӣ

Муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, курсҳо, комбинатҳои таълимии курсӣ ва ғайра) ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки мувофиқи майлу рағбат ва қобилияташон дар заминаи маълумоти асосӣ, касбу ихтисосҳои коргарӣ гиранд, вобаста ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

талаботи соҳаҳои хоҷагии халқ ва кадрҳои соҳибихтисос бозомӯзӣ намояд ва ихтисосашонро такмил диҳанд.

Давлат ба шаҳрвандон бепул гирифтани касби аввалро дар ҳамаи шаклҳои маълумоти ибтидоии касбӣ кафолат медиҳад.

Маълумоти миёнаи касбӣ

Дар муассисаҳои маълумоти миёнаи касбӣ (техникумҳо, литсейҳо, коллеҷҳо, мактабҳои миёнаи махсус ва дигар муассисаҳои таълимии ба онҳо баробар) шаҳрвандон метавонанд бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ) дарҷаи баланди касби коргарӣ ё дар заминаи маълумоти ибтидоии касбӣ, асосӣ ва миёнаи пурра ихтисос гиранд, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос кунанд.

Маълумоти олӣ

Маълумоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи маълумоти миёнаи ҳамагонии пурра ва касбӣ аз ҳисоби давлат ва муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ бепул ва (ё) дар асоси қарордод (пулакӣ) ба амал бароварда мешавад. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар асоси шартнома (пулакӣ) бори дуюм маълумоти олӣ гиранд.

Мактабҳои олӣ фаъолияташонро дар асоси Низомномаи мактабҳои олӣ ба амал мебароранд(3:33:34).

Тибқи нишон доди Консепсияи (аз лот. Conceptio-фаҳмиш, система, нуқтаи назар) миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуну мундариҷаи маълумоти ҳар навъи мактаб дар се ҳуҷҷати меъёрӣ-нақша, барнома, китобҳои дарсию дастурҳои таълимӣ инъикос мегарданд. Муаллими оянда бояд ба ин ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ эътибори ҷиддӣ диҳад.

Нақшаҳои таълимӣ аз ҷониби коллегияи Вазортаи маориф тасвиб карда мешаванд. Онҳо меъёру ҳайати фанҳои таълимии мактабиро муайян карда, тартиби омӯзиши онҳоро ба соли хониш ва миқдори соатҳои ҳафтаина дар ҳар синф муқаррар менамоянд. Ҳар муассисаи таълимӣ ва тарбиявӣ мувофиқи хусусияти худ дорои нақаи таълимии ба худ хос фаъолият мекунад: нақшаи таълимии мактаби ибтидоӣ, мактаби маълумоти ҳамагонӣ, мактаби шабона, ғоибона, мактаби олӣ ва ғайра.

Дар нақшаҳои таълимӣ усулҳои муҳими системаи маориф инъикос меёбад. Дар муайян кардани ҳайати фанҳои тадрисӣ зарурати инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти толибилмон ба ҳисоб гирифта мешавад ва фанҳое ба нақша шомил карда мешаванд, ки ба тайёрии маълумоти умумӣ ва таълими политехникӣ, инкишофи тарбияи меҳнатӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣва эстетикӣ, ҳамчунин омӯзиши касбу ҳунар, фарҳанги миллӣ ва ғайра мувофиқат кунанд.

Дар нақшаҳои таълимии ҷории ҷумҳурӣ барои муайян кардани мазмуну мундариҷоти маълумоти мактабҳо фанҳои таълимӣ ба се гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: силсилаи фанҳои тарисии умумибашарӣ, силсилаи фанҳои моҳияти ҷумҳуридошта ва фанҳое, ки худи мактаб муайянмекунад (фанҳои интихобӣ, факултатив ва машғулиятҳои иловагӣ). Дар ҳамин асос нақаҳои таълимии ҷумҳурӣ ва вилоятӣ кор



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

карда мешаванд, ки ғайр аз ин зимнан аз ҳисоби силсилаи фанҳои таълимии ҷумҳурӣ ва мактабӣ дар мактаби асосӣ барои тафриқои муфассал ва барои мактаби муёнаи ҳамагонӣ таълими тафриқаи мухтасар низ нақшаи таълимӣ тартиб дода шудааст. Ин барои майлу қобилиятдорони риштаи риёзиёт, физика, адабиёт, забонҳои хориҷӣ ва дигар фанҳои таалуқдор.

Нақшаҳои таълимӣ бо «Мактуби эзоҳӣ» ва ё баъзан бо «Тавзеҳот» оғоз меёбанд, ки дар он саршавию хотимаёбии соли хониш, чорякҳо ва идомати онҳо, таътилҳо, тартиби гузаронидани имтиҳонот, фанҳои таълимие, ки ба гурӯҳ ва зергурӯҳҳо ҷудо карда омӯзонида мешаванд, зикр карда мешаванд. Дар «Мактуби эзоҳӣ»-и солҳои гузаштан нақшаи таълимӣ роҷеъ ба қабули синфи I кӯдаконе, ки то 31 декабр синнашон ба ҳафт мерасад, зикр ёфта буд. Давомнокии дарсҳо дар синфи I то нимсолаи аввали син II (якуним соли хониш) 35 дақиқа, дар дигар синфҳо 45 дақиқа нишон дода шуда буданд.

Дар нақшаи таълими умумии синфҳои ибтидоӣ акнун ба ҷои фанҳои алоҳидаи «Алифбо», «Забони тоҷикӣ», «Хониш», «Инкишофи нутқ», «Хониши берунаазсинфӣ» як фан- «Забони модарӣ» омӯзонида мешавад, ки ҳамаи қисматҳои дар боло нишон додашударо ба таври муштарак ҳамгиро мебошад. Ҳамчунин ба ҷои таълими меҳнат ва санъати тасвирии собиқ ҳам як фанни муштарак- «Санъати миллӣ ва меҳнат ҳамгиро» карда шуд.

Алалхусус, нақшаҳои  таълимии ҷорӣ аз нақшаҳои собиқ дар масъалаҳои зайл фарқ мекунанд ва бартарӣ доранд:

1. Дар таърихи мактаби тоҷик бори аввал бо тақозои замон фанҳои нави «Алифбои ниёгон ва матн», «Таърихи дин», «Одобнома», «Иқтисоди бозоргонӣ», «Асосҳои маданияти ҷаҳон», «Физика ва ситорашиносӣ», «Асосҳои омор ва ҲМЭ», «Адабиёти халқҳои ҷаҳон», «Техника ва технология», «Технология ва касбу ҳунарҳои миллӣ» ва ғайраҳо ба нақашаи таълимӣ дохил карда шуданд. Ин фанҳои мазмунан нави маълумот аз як тараф симои хоси ҷомеаи моро ифода кунанд, аз тарафи дигар, ба стандартии умумибаҷаҳонии мазмуни маълумот мусоидат мекунанд.

2. Нақшаҳои таълимии ҷорӣ дар таърихи мактаби тоҷик  бори аввал имконият медиҳанд, ки синфҳои I-IV ва синфҳои ба таълими тафриқа гузаштан, X-XI ба ҳафтаи 5-рӯзаи таълим гузаранд. Талабагони синфҳои ибтидоӣ метавонанд дар рӯзи шашуми ҳафта аз ҳисоби соатҳои факултативӣ озодона дар машғулиятҳои бадеию эстетикӣ, техникӣ, ритмика (мавзуният), шоҳмот, омӯхтани забонҳои хориҷӣ ё маҳаллӣ шуғл варзанд. Талабагони синфҳои X-XI дар рӯзи озод ба мактаб омада, дар таҳти роҳбарии муаллимон вобаста ба риштаи тафриқаи худ ба корҳои мустақилона машғул мешаванд.

Чунин тағйиротҳои нақшаҳои таълимӣ албатта ба дигар ҳуҷҷатҳои давлатӣ –барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ низ инъикоси худро меёбанд.

<u>2. Кашфиёти иҷтимоии муаллим.</u>



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар амал татбиқ намудани ҳамаи нишондодҳои Қонуни маориф ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бар души муаллими оликадр аст. муаллими ҷумҳӯрӣ бояд ба тайёрии пухта, ҷаҳду ҷадал ва сабру матонат метавонад ин вазифаҳои волои ҷамъиятиро бо сарбаландӣ ба сомон расонад. Азбаски маҳсули заҳмати ӯ мисли дарахти «пешпазак» зуд бор намеорад, солҳои тӯлониро мунтазир мешавад, то ки маҳсули «меваориашро» бубинад. Зеро ӯ дар ҷомеа истеҳсолкунандаи қувваҳои нав аст. Ҳар қадаре, ки ин қувваҳо болаёқат бошанд, рушду нумӯи ҷомеа ҳамон қадар боло мегирад.

Аз ин рӯ, чӣ дар гузашта ва чӣ дар ҳозира муаллимро ба таври ҳаққонӣ ба ҳар навъ васф карда меоянд, ки ин бесабаб нест-дар ҷомеа шахси бағоят зарурӣ аст. муаллим шахсест ба гузашта ва оянда назаркунанда, фаъолияти ӯ ба ташаккули одамоне дохил дорад, ки имрӯз дар курсии мактабӣ нишаста, рӯ ба фардо овардаанд- тақдири асри бистуякуми кишварро ҳал мекунанд. Барои ҳамин ҳам муаллим хуб эҳсос мекунад, ки дар синфи имрӯзаи ӯ таъминкунандагони ҳаёти дурахшони оянда тайёр шуда истодааст. Имрӯз онҳо аз имтиёзҳои пешинагон файзу баҳра бардошта, баҳри пасояндагон қарзи зиндагии хеш адо мекунанд, чунонки Низомии Ганҷавӣ нигоштаанд:

*Зи боге, ки пешинагон коштанд,*
*Пасояндагон мева бардоштанд.*
*Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,*
*Зи баҳри касон мо бикорем низ.*

Барои амалӣ гардидани нишондодҳои фавқулзикр кашфиёти муаллим нақши муҳим мебозад. Дар фаъолияти муаллим, асосан ду кашфиёт дида мешавад. Кашфиёти аввал- тамоми хислатҳои шогирдонро дониста гирифтан. Вақте, ки муаллим феълу атвори шогирдонашро дониста гирад, кашфиёти аввалини ӯ ба шумор меравад. Минбаъда, ба ҳар яке чӣ гуна муомила кардан, кор бурдан барои муаллим осон мегардад. Чунин кашфиёт дар симои муаллимони соҳибтаҷрибаи синфҳои ибтидоӣ бештар мушоҳида мешавад. Баъзе муаллимони синфҳои ибтидоӣ бо шогирдони синфиояндаи худ ҳанӯз қабл аз мактаб омаданашон робита барқарор мекунанд. Ба хонаю кӯдакистонҳо рафта, шароити зиндагӣ, имкониятҳои мактабхонӣ, хислатҳои хоси рӯҳӣ, завқу шавқ, қобилияти ҳар кадом талабаиояндаи худро меомӯзанд, ки ин кашфиёти бузург аст, ки дар натиҷа кӯдакон ҳоло ба мактаб нарафта, ба муаллим унс мегиранд. Саривақт чунин забонёбии муаллим бурдбории ӯ мебошад. Ҷалолиддини Балхӣ хуб гуфтааст:

*Чунки бо кӯдак сару корат фитод,*
*Ҳам забони кӯдакон бояд кушод.*

Вақте, ки талабагони синфи якум ба мактаб меоянд, ба муаллими кашшоф хислату хусусияти ҳар кадом аҳли синф ҳамчун оина равшан мегардад ва бо кӣ чӣ гуна муносибат доштанро хуб медонад.

Муаллимони синфҳои болоӣ баҳри чунин кашфиёт қаблан бо муаллимони синфҳои ибтидоӣ равобити қавӣ пайдо мекунанд, ба дарсҳо



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ва машғулиятҳои тарбиявии онҳо ташриф меоваранд. Дар хонаводаҳо бо волидайн сӯҳбатҳо мекунанд, то ки ҳар як талабаи худро кашф намоянд.

Кашфиёти дуюм – ин ба кашфиёти аввалӣ пайравӣ намуда, зимни таълим ва тарбияти дастпарварон аломатҳои ниҳони қобилияти умумӣ ва хусусӣ донистани онҳоро муайян мекунад. Чунин вижагиҳоро мушаххас намуда, аз имконият ва шароитҳои муҳайё намудаи «Қонуни маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон» баҳраманд гардонидан – ҳар якеро ба риштаи дилхоҳи таълими тафриқа таъмин намудан ба шумор меравад.

Дар ҳамин радиф нишонаҳои ниҳони истеъдодҳоро низ ифшо намудан лозим аст. Албатта, нишонаҳои истеъдод мисли қобилият ба ҳама хос нестанд, онҳо ҷо-ҷо зоҳир мегарданд, ки қобили дастгирианд. Чунончи, нишонаҳои ҳофизаи баланд доштан (иддае дар айёми кӯдакӣ «Қуръон»-ро ҳифз кардаанд), овози хоси форам доштан, қувваи дарки мусиқӣ, фаномӯзӣ, ихтироъкорӣ, наққошӣ, рассомӣ, истеъдоди бадеӣ, нотиқӣ, . Ин гуна нишонаҳои истеъдод аҳён-аҳён мешаванд ва бояд онҳо ҳаматарафа дастгирӣ ёбанд.

Бахусус дар ин ҷо гуфтаи Саъдии бузургворро зикр намудан хеле ба маврид аст: «*Тарбия як сон аст, лекин истеъдод мухталиф*».

Дар ҳамин радиф, дар синф бачаҳои карахту корношоям ҳам пайдо мешаванд, ки бояд муаллим бо ин қабил шогирдони душвортаълим ва душвортарбия бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Бо роҳу усулҳои гуногун (чунончи, донистани майлу рағбат, ҳавасмандгардонӣ) ба қобилияти умумиашон такон оварад, то ки онҳо аз коҳилию нодонӣ, худро раҳо диҳанд. Тавре ки Шайх Саъдӣ алайҳираҳма гуфтаанд:

*Чу мебинӣ, ки нобинову чоҳ аст,*
*Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст.*

Алалхусус, синф гулзореро мемонад, ки дар он гулҳои гуногунранг мерӯянд ва ҳар ранг аз маркази диққати муаллим берун намемонад. Зеро пойдории ҷомеа ва ободии диёр аз бисёр ҷиҳат ба дониши амиқ ва ахлоқу одоби насли наврас вобастагӣ дорад.

Дар хотир бояд дошт, ки муаллим ҳамаи ин нишондодҳои фавқузикрро танҳо тибқи омили басо муҳим муносибату равобити педагогӣ амалӣ гардонда метавонад. Дар поён ба тариқи ниҳоят фишурда нисбати ин омил таваққуф мекунем.

## Равобити педагогӣ ва вазифаҳои он

Робитаи муаллим бо талабагон навъи гуногунеро дорад. Яке аз он робитаи раванди таълимро ташкил медиҳад, ки дар он чунин вазифаҳои амалӣ дар назар дошта мешавад:

робитаи амалии равонии муаллим бо талабагон;

раванди таълимро муштарак амал намудани муаллим ва талабагон;

ҳангоми таълим овардани далелу мисолҳои воқеӣ;



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ба вуҷуд овардани вазъияти равонии гуруҳӣ, ҷустуҷӯ ва идроккунӣ;

худамалигардонӣ ва худошкоркунии эҷодкории шахсӣ дар раванди таълим.

Дар амалигардонии равандаи тарбиявии таълим таҳти робитаи муаллим чунин вазифаҳо анҷом дода мешавад:

барпо намудани муносибати системаи тарбиявӣ тибқи робитаи равонии муаллим ва кӯдакон дар раванди таълим;

раҳёфт баҳри ташаккул додани системаи педагогие, ки фаъолияти таълимиро таъмин мекунад;

идораи боҳадаф баҳри ташаккули шахсият;

дар раванди фаъолияти таълимӣ бартарафкунии монеаҳои равонӣ (дарккунӣ, синнусолӣ, дидактикӣ ва ғайра);

амалигардонии имкониятҳои томи маҷмӯи таъсирбахшии тарбиявӣ ба талабагон;

ташаккули муносибатҳои судбахши шахсиятии талабагон дар гуруҳ.

Дар иҷрои вазифаҳои рушди таълим муаллим бояд дар ин робита чунин корҳоро ба анҷом мерасонад:

барпо намудани бунёдиои иҷтимоию равонии инкишофи мақсадноки шахсият зимни фаъолияти таълим;

барпо намудани низоми диалектикии тазодҳое, ки ба кайфияти нерӯи муҳаррики инкишофи шахсият аҳамият доранд;

барпо намудани вазъияти равоние, ки ба мусоидат ва ошкор намудан (худомӯзӣ ва худтарбиякунӣ) шахсият мутааллиқ мебошанд;

бартарафкунии омилҳои ҷойдоштаи иҷтимоию равоние, ки дар раванди равобит зоҳир гашта, боиси боздории инкишофи шахсият мегарданд (карахтӣ, коҳилӣ, шармуҳаё, нобоварӣ ва ғайра).

Чунонки мебинем, равобити педагогии муаллим бо дастпарварон паҳлуҳои зиёд дорад, вале муаллимон на ҳама вақт онҳоро ба инобат мегиранд. Тадқиқотҳо собит мекунанд, ки дар баъзе синфҳо талабагон ба фаъолияти таълимӣ завқу шавқ надоранд, ки ин боиси суст азхудкунии фанҳо гардидааст.

Мавриди таҷрибаи педагогӣ донишҷӯён чунин саволҳо медиҳанд: дар синф худро чӣ тавр бояд нигоҳ дошт, ба талабагон аснои вохӯрӣ дар роҳрав, дар кӯча чӣ хел сӯҳбат орост, бо кадом оҳанг ва амсоли инҳо. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо дар робитаи педагогӣ бо талабагон омода нестанд. Барои ин худро бо донишҳои мантиқии тарзи баёноти вазифаҳои робита мусаллаҳ намудан зарур аст.

Аснои тарзи баёноти вазоифи робита педагог аз сатҳи доираи вазифаҳои педагогии гузашташудаи синфӣ мебарояд, мутобиқи вазъият зимни медотҳои таъсирбахш ба хусусиятҳои инфиродии талабагон робита барқарор мекунад.

Дӯсти азиз, муаллими оянда, ту на бояд аз вазъи имрӯзаи омӯзгорони ҷумҳурии басо азияткашидаамон ҳаросӣ. Албатта, ин оқибатҳои ҷангҳои дохилӣ дар шароити иқтисодӣ бозорӣ диёри хеле



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ободу зебоамонро ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ кашид, сатҳи зиндагӣ ва маърифатии мардум, дар ҳамин қатор муаллимон, хеле паст рафт. Қисме аз муллимон тарки касбу диёр намуданд. Аммо ҳоло ту на бояд ноумед бошӣ, зеро «ҳар вайронӣ боз ободоние дорад» гуфтаанд, ки воқеан, нишонаҳои он аллакай ба назар намоён шуда истодааст. Низоми Ганҷавӣ бар ҳақ гуфтаанд:

*Дар навмедӣ басо умед аст,*
*Поёни шаби сияҳ сафед аст.*

Туро кунун давлати ҳуқуқбунёди демократӣ хор шудан намемонад, зеро ту ба вай аз ҳарвақта дида баҳри ободӣ ва гул-гул шукуфонии диёри азиз зарурӣ. Оре, ба қавли шоир Ҳозиқ кишвари мо кунин ба гулистони оянда умед дорад:

*Гулистон дар бағал дорад хаёлам,*
*Қабули тарбият дорад ниҳолам.*

Ту ба умеди ояндаи дурахшон он «ниҳоли умед»--ро бо парвариш фаро гир, қадамҳои устувор гузор. Асрорҳои ниҳонӣ касби хешро кашф кун, ошкор намо, ихтироъ кун. Дар ақлу заковат чӣ гуна қудрат доштани худро ба хотири халқат нишон деҳ. Дар асри нав ба ту комёбиҳои беназир таманно дорем!

## Мавзӯи 4. Моҳияти гуманистии фаъолияти педагогӣ

### 1. Мафҳуми «гуманизм», шакл ва услубҳои он

*Банӣ-одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

*Саъдӣ*

Тамоми фаъолияти педагогӣ хусусияти гуманистӣ дорад, зеро маҳз педагог ба умури таълиму тарбияи инсон сарукор дошта, шогирдони худро ҳанӯз аз кӯдакӣ дар рӯҳияи одаму одамгарӣ тарбият мекунад. Аз ин лиҳоз гуманизм яке аз рукни асосии тарбияти олами маънавии инсон ба шумор меравад ва он бояду шояд тибқи усулҳои демократӣ сурат гирад.

Гуманизм истилоҳи лотинии humanis буда, маънои инсонигарӣ, одамият, одамигарӣ, инсонпарвариро дорад. Он маҷмӯи ақидаест, ки таърихан тағйир ёфта, бахусус эҳтиром ва қадру қимати инсонро ифода намуда, барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муҳайё намудани шароити зарурироо тақозо мекунад.

Ба пайдоиши ақидаҳои гуманистӣ омилҳои зерин сабаб гардидаанд: а) инкишофи нерӯҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, илм, фарҳанг, афкори пешқадами фалсафӣ; б) фаъолияти муштараки мардум, муборизаи зидди истисмору нобаробарӣ ва беадолатӣ, ёриву дастгирии ҳамдигарӣ; в) эҳтиёҷоти озод шудан аз шиканҷаҳои замони мавҷуда; г) мубориза алайҳи сохтори нобаробариҳои иҷтимоӣ.

Гуманистон дар ҳар давру замон ақоиди озодӣ, баробарӣ, бародарӣ, аз байн бардоштани ҷабру зулм ва қонеъ гардонидани талаботи инсонро ҳуқуқи табиии ӯ дониста, дар назди қонун баробар будани онро пеш мегирифтанд, обрӯ ва шаъну шарафи инсониро новобаста ба баромадӣ иҷтимоӣ ва мавқеи иҷтимоии он эътироф кардаанд.

Гуманизм хислати хоси кулли башарият, аз ҷумла мардуми тоҷик, низ мебошад. Гуманистон-инсонпарварони тоҷик таваҷҷӯҳи асосиро ба моҳияти ахлоқи шахсият равона мекарданд. Гуманизми мардуми мо замонҳои хеле қадим арзи вуҷуд дорад. Он адлу адолат, инсофу шафқат, муомилоту муносибати байни инсонии одамон, меҳру муҳаббат нисбати одамон, ғамхорӣ дар ҳаққи инсон, эҳтироми шаъни инсон, қадру қимат, қобилияту шарофати инсон ва ғайраро инъикосу тараннум карда меояд. Ба гуфти олими намоёни тоҷик Маҳмадулло Лутфуллоев гуманистони мо «… бештар аз 3500 сол боз дар ҳамин бобатҳо мегӯянду менависанд»(18:77).

Ин ҳамон гуманистонест, ки дар «Авесто» инъикоси худро ёфта буд. Ҳақ ба ҷониби олими маъруфи тоҷик Акбар Турсунов, ки зикр кардааст: «Мутобиқи таълимоти Зардушт, ҳар марду зан, чӣ ғаниву чӣ фақир, мебоист аз шаш сифати эзидӣ (ростӣ ва дурустӣ, ниҳоди пок, иқтидори муқаддас, ишқу муҳаббат, камоли маънавию ҷисмонӣ, ҷовидонӣ ва бемаргӣ) баҳраманд гардад ва инҳоро дар замири худ парвариш диҳад, то ба ин васила саодати худ ва дигаронoро таъмин намояд»(31:77).

Имрӯзҳо байни мову «Авесто» (талаффузи аслии «Авесто» «апастак» буда, маънои «асос»-ро дорад), 2600-сола фосила аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Басандааст, ки дар боби гуманизм се асли онро ба мадди назар гирем: «Гуфтори нек», «пиндори нек», «рафтори нек». Дар ин се ибора тамоми хислатҳои ҳамидаи инсон ва рафтори шоистаи гуманистии он иифшо мегирад. М. Лутфуллоев менависад, ки агар тамоми китобҳои педагогии Шарқу Ғарбро варақ-варақ биҷӯед, волотаре, арзандатаре, гуворотаре аз ин се ибора пайдо намекунед. Агар пайдо шавад ҳам, сарчашмааш ҳамин «Авесто» аст (18:45).

Гуманизми мардуми мо аз замонҳои хеле қадим ибтидо гирифта, сипас он дар асарҳои Рӯдакию Фирдавсӣ, Ибни Синою  Умари Хайём, Низомию Саъдӣ, Носири Хусраву Камоли Хуҷандӣ, Ҳофизу Ҷомӣ ва дигарон пайваста ба ахлоқ баҳри нест кардани зулму истибдод, барҳам додани муносибатҳои мухолифи иҷтимоӣ ва низои одамон равона карда мешуд.

Сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдуллои Рӯдакӣ фармудаанд:

*Гар бар сари нафси худ амирӣ-мардӣ,*
*Бар кӯру кард ар нуқта нагирӣ-мардӣ.*
*Мардӣ набувад фитодаро пой задан,*
*Гар дасти фитодае бигирӣ-мардӣ!»(23:175).*

Ё ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Футувватномаи султонӣ» овардааст: «Футувват он аст, ки ҳеҷ коре накунӣ дар ниҳонӣ ки он ошкор нагардад ва бо ҳама кас ба хулқи накӯ ҳосил тавонӣ кард ва чунонки гуфтаанд:

*Ба ҳама халқи ҷаҳон хулқи писандида намоӣ,*
*Ки сӯи хулди барин роҳ бар он аст, эй дил.*

Гуманизм –одаму одамигарии мардуми мо ҳазорсолаҳоро тай карда омадааст. Аммо иддае аз таҳқиқкорони тамаддуни гузаштаю ҳозираи башарияти Ғарб даъво доранд, ки «гуманизм ба маънои тому истилоҳ ба рӯҳи азалии Ховар бегона аст»(31:43).

Вале мо аз гуфтаҳои дар боби гуманизми олимони фавқузикр ва зубдаи офаридаҳои зайли ниёгону муосирамон такя намуда, он гуфтаҳоро ба куллӣ рад мекунем ва бо камоли ифтихор метавонем гӯем, ки гуманизм аз мост ки бармост.

Сарчашмаи гуманизми аҷамиён, чунин ки зикр ёфт, аз «гуфтори нек», «пиндори нек», «рафтори нек»-и башардӯстии дини Зардуштӣ ба дини мубини Ислом низ маънан инъикоси худро ёфтааст. Чунончи, дар Ҳадис чунин ҳикматҳои чун дуру нураналонури тарбияи гуманистии волоро мутолиа мекунем :

Касе, ки ғайридинро ҳақорат мекунад, рӯзи қиёмат бо тозиёнаи алавин зада мешавад.

Ҳамаи дилозорон ба дӯзах маҳкуманд.

Касе, ки ба хурдтаракон раҳму шафқат, ба калонсолон иззату икром надорад, вай мӯмин нест.

Баробари иззату икроми фарзандонат одобу ахлокро ҳам нағз кунед.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Илмро аввал худ, сипас ба дигарон омӯхтан беҳтарин садақа.

Ман бо одами ба кафилӣ гирифтаи ятим дар ҷаннат бо ҳам мешавам.

Аз боби одаму одамгарии баҳри беканори бузургони адабиёти тоҷику форс чакидаҳое чанд мисол меорем.

Беш аз 900 сол қабл Унсурулмаолии Кайковус дар асари панду ахлоқии худ «Қобуснома» дар боби «Андар ёд кардани пандҳои Нӯшервони Одил» овардааст: «Агар хоҳӣ, ки қадри ту бар ҷой бошад, қадри мардумон бишинос», «Агар хоҳӣ, ки беҳтарини халқ бошӣ, аз халқ чизе дареғ мадор»

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» сирати одамиро дар ҷои аввал гузошта гуфтааст:

*Ҳар ки дар ӯ сирати некӯ бувад,*
*Одамӣ аз одамиён ӯ бувад(36:143).*

.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ шахси ба мардум нафърасонро аз қавми беҳтарин инсон дониста гуфтааст:

*Эй ки пурсӣ ки беҳтарин кас кист?*
*Гӯям аз қавли беҳтарин касон.*
*Беҳтарин кас касе бувад, зи халқ,*
*Беш бошад ба халқ нафърасон.*

Тошхӯҷаи Асирӣ ҳамин фикрро давом дода, ба маънои одамият равшанӣ меандозад:

*Одамият чист? –Худро дур аз шар доштан,*
*Хайрхоҳи халқ будан –нафъи безар доштан.*

Дар асри XX шоири тоҷик, Ҳабиб Юсуфӣ бар ҳақ ҳар одамро гавҳари бебаҳо –баҳои олам дониста:

*Гавҳари қимат зи гавҳарҳо ба олам одам аст,*
*Дар ҷаҳони ту ба ҳар одам баҳои олам аст.*

Тибқи қоидаҳои ахлоқи гуманистӣ ҳар фард дар ҷомеа бояд софдилона хидмат ва муносибат кунад, одамони арсаи меҳнатро эҳтиром намояд, ба давлату халқи худ содиқ бошад. Ахлоқи гуманистии ҷомеаи демократӣ асосан чунин муносибатҳои ташаккули маънавиётро фаро мегирад:

- муносибат нисбати ғояҳои давлати худ: садоқат ба идеологияи демократӣ; дарк кардани дурнамои инкишофи ҷаҳонӣ; дуруст арзёбӣ намудани воқеаҳои дохили кишвар ва арсаи байналхалқӣ; расидан ба қадри инсон; оштинопазирӣ нисбати душманони сулҳу озодии халқҳо;

- муносибат ба Ватан, ба мамлакат ва халқҳои дигар: муҳаббат ба кишвари худ, эҳтироми рамзҳои давлатӣ: суруди миллӣ, Нишон ва Парчами давлатӣ, дӯстӣ ва бародарӣ ба ҳамаи сокинони он, оштинопазирӣ нисбати кинаву адоватҳои миллӣ ва нажодӣ; ҳамфикрии бародарона бо меҳнаткашони ҳамаи давлатҳо, бо ҳамаи халқҳо;

- муносибат ба меҳнат: меҳнати софдилона баҳри худ ва ҷомеа; касе кор намекунад – намехӯрад; манфиати зиёд овардан ба давлат; мубориза бо вайронкунандагони интизоми меҳнат;



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- муносибат нисбати комёбиҳои ҷамъиятӣ: кӯшиши ҳар фард барои муҳофизаткунӣ ва афзунгардонии комёбиҳои иҷтимоӣ; ҳифзи табиат;

- муносибат бо одамон: ёрии дӯстонаи байниҳамдигарӣ ва коллектив; муносибати башардӯстона ва эҳтироми ҳамдигарӣ; одам ба одам дӯст, рафиқ ва бародар; эҳтироми аҳли хонавода, ғамхорӣ ба кӯдакон;

- муносибати худӣ: баланд бардоштани шуурнокӣ, тоқатнопазирӣ нисбати вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ; шарафмандӣ ва ҳақгӯй, ахлоқи ҳамида, фурӯтанӣ ва камтарӣ дар ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ ва ғайра.

Алалхусус, гуманизм – ин усулм ахлоқӣ буда, одамро ба дараҷаи олӣ қадр карданро ифода мекунад. Дар навбати худ ба сифати ашхоси ба ин усул сарукор дошта мутааллиқ аст. Аввалҳо ормонҳои гуманистиро аз абадияти тағйирнаёбандаи «табиати инсонӣ» донистa, онро ба озодии индивидуализм пайваста, ба таври абстрактӣ маънидод мекарданд, ки дар он моҳияти зиддиинсонӣ пардапӯшӣ дошт. Озодии сухан, ҳуқуқи маҷлис, ҳуқуқи интихобӣ доштани умумро мегуфтанду ҳамаи масъалаҳоро хӯҷаинҳо худашон бо ҳуқуқпоймолкунӣ ҳаллу фасл менамуданд.

Дар арзёбии гуманизми муосир ҳамаи он комёбиҳои беҳтарини афкори замонҳои гузашта ва ғояҳои асосии қадркунии инсон инъикоси худро ёфтааст. Гуманизми ҳақиқӣ истисмори одам аз тарафи одам, ҷабру зулми миллӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва сиёсиро намепарварад.

Сохти демократии давлатдорӣ ғояҳои гуманистии пешқадами замонҳои гузаштаро идома дода, имкониятҳои талаботи моддӣ ва рӯҳии одам, идоракунии демократии ҷомеа аз тарафи ҳамаи одамон, тавлиди ормонҳои адолатхоҳӣ, муҳайё кардани шароит барои ҳуқуқи зистан, меҳнат, маълумот, таъминоти иҷтимоии инсон, баробарии миллӣ ва фарҳангӣ, муҳайё намудани шароит баҳри инкишофи мутаносиби одамро ба вуқӯъ мепайвандад.

Нисбати гуманистӣ – башардӯстии шахс, пеш аз ҳама, сухан дар хусуси эҳтироми одам ҳамчун эҷодкори бузурги табиат, ҳамчун шахсияти олиқадри ҳассос, мушфиқ, некхоҳ, кӯшишгари на танҳо барои ҳаёти худ, инчунин барои дигарон ҳам, ба манфиати умум ва ҷомеа меравад.

Усули эҳтироми шахсияти одами боэътибор ва боқадр тақозо мекунад, ки кулли муносибатҳои мавҷулаи таҳқиркунанда – асорат, беёварӣ, ҳақиркунӣ вожгун бошад. Гуманизми абстрактӣ барои он хатарнок аст, ки ба ҳамаи амалиёти рафтори одамон – бешарафӣ, хашм, ғоратгарӣ, поймолкунии шарафи инсониро мепарварад. Гуманизми абстрактӣ чунин арз дорад: ҳар одамро эҳтиром кунед, вале тарзи амали ӯро дигар накунед, агарчӣ ӯ зидди гуманистӣ бошад ҳам, одамро ҳамчун мавҷудоти умумӣ эҳтиёт намоед, бароиислоҳи ин ё он нуқсони одам ҳеҷ чорабинӣ накунед, то ки он дар бамаърифатӣ нигоҳ дошта шавад. Муносибати абстрактии гуманизм зидди талабгузорӣ ба одам аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо таваҷҷӯҳ ба ин  дар мактабҳои шароити демократӣ дошта ба одам эҳтироми баланд, бо пайвастагии талаботи оқилонаи баланди ахлоқӣ баҳри ташаккули сифатҳои беҳтарини ҳар фард лозим аст.

Педагогикаи демократӣ методҳои тарбияи авторитарӣ (ҳукмравоӣ)-ро рад мекунад ва дар ҳамин радиф гуманизми ахлоқи бепарвоӣ, саҳланкорӣ, беинтизомиро намепазирад.

Усул ва услубҳои  тарбияи гуманистӣ тақозо мекунад, ки барои ташаккули сифатҳои шахсият ташкили ҳамкории коллективҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, маърифатии маънавӣ- этикӣ, барпо намудани вазъиятҳои ин ё он амалиёти гуманистӣ зоҳиркунанда, ҳамчунин намунаи ибрати шахсии худи муаллимон ва мураббиёнро бояд ба инобат гирифт. Намунаи ибрати шахсии муаллимон нисбати садҳо сӯҳбат ва нақлҳои гуманистии одамони дигар таъсирбахштар аст.

Аснои ташкили фаъолиятҳои коллективӣ ба он намудҳое эътибор дода мешавад, ки хонандагон нисбати одамони алоҳида ғамхориҳои зиёд зоҳир мекунанд, аз қабили дастёрӣ намудан ба одамони кӯҳансол, маҷрӯҳ, мададрасонӣ ба ашхоси мӯҳтоҷ, ҳимояти заифон, онҳое, ки ноҳақ ранҷонида шудаанд. Ба ин сарварӣ намудани талабагон аз болои корҳои кӯдакони кӯдакистонҳо, синфҳои поёнӣ, ҳамчунин ёриву ёварии ҳамдигарии рафиқона дар кор, дар таълимгариро низ ба ин корҳои хайр ҳамроҳ кардан мумкин аст.

Дар ташкил намудани ин навъи тарбия истифодаи шаклҳои зерини фаъолияти муфиди талабагон басо аҳамияти калони тарбиятии инсонпарварӣ доранд: таъсис намудани осорхонаи таърихӣ ва кор, ҷустуҷӯи қаҳрамонҳои дар ҷангҳо ба шаҳодатрасида, мукотиба бо авлодони қаҳрамонҳо, поси хотири гузаштагон ва ғайраҳо. Дар ҳамаи ин намудҳои фаъолият талабагон бо корнамоиҳои одамон, мардонагӣ, шуҷоату фидокорию ватандӯстии одамон бармехӯранд, ки ин эҳтироми ононро нисбати ғамхориҳои некдилон афзун мегардонад.

Дар тарбияи гуманистии талабагон дарсҳо хелемуфиданд. Муаллимон тавассути дарсҳо ҷиҳатҳои мусбати шахсияти олимон, адибон, қаҳрамониҳои ашхоси арсаи кор, навоварон, ихтироъкорон, ки баҳри инсоният кардаанд, баррасӣ менамоянд. Аз корнамоиҳои бемисли бузургон, порчаҳои эҷодии эшон мисолҳо овардан, усулҳои ахлоқӣ ва кирдорҳои шоистаи онҳоро баррасӣ намудан ба талабагон таъсири амиқи инсонпарварӣ мегузорад.

Дар синфҳои болоӣ талабагон зимни дарсҳои таърих ва адабиёт бевосита масъалаҳои некӣ ва бадӣ, инсонпарварӣ ва ноодамигарӣ, адолат ва беадолатиро таҳлил мекунанд. Дар ин синфҳо тарбияи гуманистӣ ҳатман бо тарбияи ҷинсӣ, бо тайёрии ҳаёти оилавӣ пайваста мешавад. Дар ҳалли ин масъала омӯзиши фанни «Маърифати оиладорӣ» кӯмаки калон мерасонад. Ин фан нисбати ахлоқи ормонҳои хонаводаҳо ташкил кардани сӯҳбатҳои марбут бо духтарон ва писарбачагон имкониятҳои васеъ дода метавонад.

Ҳини корҳои бериғаздарсӣ низ роҷеъ ба мавзӯи тарбияи башардӯстӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидан мумкин аст: зимни



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сӯҳбатҳо дар мавзӯи ахлоқ, дар бораи дӯстӣ ва рафоқат, муҳаббат ба инсон; зимни мушовира сӯҳбатҳои вижа бо духтарон ва писарбачаҳо, эҳтироми тарафайни онҳо ва амсоли инҳо.

Тарбияи гуманистиро бидуни тарбияи демократӣ тасаввур кардан мумкин нест, зеро демократия – ниҳоли сарсабз ва гуманизм – гули ба танаи он печидаро мемонад, ки зимни мададу дастгирии якдигар самараи дилхоҳ дода метавонанд.

## 2. Тарбияи демократӣ

Демократия аз истилоҳи юнонии demokratio гирифта шуда, маънои ҳокимияти мардумиро дорад. Он шакли ташкилоти сиёсии ҷомеа, ки аз рӯи иштироки шаҳрвандон дар кори идоракунӣ баробарии онҳо дар назди қонун, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва озодии шахс аз дигар шаклҳои ҳокимият фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз демократия, пеш аз ҳама, шакли давлатдорӣ аст.

Ба демократия таносуби пурраи мазмун ва шакли фаъолияти муассисаҳои демократӣ, қонунҳо ва ҳокимияти халқ хос аст. Сохти демократии давлатдорӣ ҳуқуқҳои шаҳрвандонро тибқи қонун бо кафолати моддӣ таъмин менамояд. Сарқонун (Конститутсия) намунаи барҷастаи васеъшавии ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, шахсӣ ва озодии шаҳрвандон мебошад. Ҳамаи шаҳрвандон сарфи назар аз миллат, нажод ва ҷинсашон дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ҳуқуқҳои якхела дошта, дар кори роҳбарии давлатӣ баробар иштирок мекунанд. Демократия бо роҳи баланд бардории дараҷаи некӯаҳволӣ ва фарҳангии одамон барои иштироки васеи онҳо дар корҳои идоракунии ҷамъият, инкишофи минбаъдаи қобилияту истеъдоди шахс имкониятҳои мушаххас фароҳам меоварад.

Сохти давлатдории демократӣ дар як радиф ҳатман дар рӯҳияи демократӣ тарбия намудани насли наврасро талаб мекунад. Ин вазифа бар дӯши мактаб ва муаллимон мебошад.

Демократизм дар фаъолияти ташаббускории талабагон, ки шаклҳои гуногуни худидоракунии матабро дар бар мегирад, ташаккул дода мешавад.

Гузаронидани интихоботи фаъолони синф, ҳаққорӣ, танқиди солим, ошкорагии муҳокиман фаъолият, ҳисоботдиҳӣ дар ҳузури коллектив оиди иҷрои корҳои супоридашуда усулии демократизми талабагонро дар мактаб мустаҳкам мегардонад.

Демократизми мактабиён дар коллектив зоҳир мегардад. Дар шароити кунунӣ таҳти амалиёти Қонун дар коллективҳои меҳнатӣ акнун ҳуқуқи интихоби роҳбарон ва назорат аз болои фаъолияти онон бештар шудааст, моҳияти тарбиявии коллектив ҳамчун воситаи ҳаёти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

демократиконии ҷомеа беандоза инкишоф ёфтааст. Қаблан директории мактабро баъзан аз дигар ноҳия таъин мекарданд, ки ӯ бо шароити маҳаллу мактаб ва коллективи педагогӣ шинос набуд. Ин ҳолат гоҳо байни директору коллективи педагогӣ носозгорӣ меовард. Ҳоло бошад, директори мактаб дар конференсияи умумимактабӣ аз байни коллективи педагогӣ пешбарӣ карда мешавад. Шахси сазовор, дидаи коллектив ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ба манфиати умум, ба хотири мақсадҳои ба миён гузошташуда амал бинмояд ва сазовори боварии умум гардад. Шахси роҳбар бояд фикри умумро ба инобат гирад, ба узвҳои коллектив барои ноил шудан ба мақсад ёрӣ расонад, манфиати шахсии худро аз манфиати умум боло надонад, аз вазифа суиистеъмол накунад. Дар навбати худ коллектив ҳам барои ба шахсияти роҳбар шароити мусоид фароҳам овардан, баҳри инкишофи қобилияти вай чораҳо андешад.

Дар мактаб аз кӯдакӣ ба усулҳои демократӣ одат кунондани насли наврас ба рушду камолоти қобилияти онҳо таконӣ маънавӣ мебахшад. Онҳо дар адои ин ё он амал ҳамон вақт фаъолона иштирок мекунанд, ки худро озоду масъул ҳис кунанд. Агар дар маҷлиси умумии синф ба ҷои сардори синф ҳуқуқи маҷлискушоӣ, масъалагузорӣ ва ҳаллу фасли онҳоро худи муаллим ба даст гирад, сардори синф аз масъулияти вазифа дар канор мемонад, фаъолият нишон намедиҳад. Дар чунин мавридҳо муаллим бояд нақши ҳамкор, мушоҳидакор ва маслиҳатгарро бибозад ва ба ҳуқуқпоймолкунӣ роҳ надиҳад.

Солҳои қабл талабагони мактаб аз озодона дӯст доштани ин ё он фан ва ё интихоби касб қариб маҳрум буданд, қобилияту истеъдоди соҳавии ниҳони худро болу пар бахшида наметавонистанд. Ҳоло бошад, тибқи нишондоди Консепсияи миллии маълумот, нақшаю барномаҳои таълимии мактаби таҳсилоти умумӣ аз ин гуна маҳдудият озоданд. Ҳамаи ин талаботҳо кунун ба ҳисоб гирифта шудаанд. Талабагон акнун метавонанд аз синфи панҷум ба баъд ба фанни дӯстдоштаи худ тавассути тафриқаи мукаммал ва тафриқаи мухтасар дар равияҳои дилхоҳашон бо соатҳои иловагии машғулиятҳо бипардозанд. Ин ҳама ба демократизми соҳаи мактабу маориф мувофиқат мекунад.

Аз ҳама муҳимаш дар коллективҳои мактабиён усули демократии озодона интихоб намудани сардорон, ёрии дӯстонаи байниҳамдигарӣ ва иттиҳодияҳо муқаррар карда шавад, то ки талабагон ба коллектив боварӣ ҳосил кунанд, ба он пайравӣ намуда фаъолият кунанд, бо тамоми қувва онро дастгирӣ намоянд.

Дар мактаб ба шахсият таъсир расонда, баҳри ташаббускории ӯ шароит муҳайё кардан лозим аст. Зеро барои худфаъолиятӣ, ба кор эҷодкорона рафторкунӣ, барои интихоби вариантҳои амалиёти минбаъдаи ӯ имконият бояд дод. Толибилмон дар коллектив худро бояд озод ҳис кунанд ва аз он ягон фишороварӣ набинанд, дар он усули ҳаёти демократиро эҳсос намоянд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Мавзӯи V. Шахсияти кӯдак ва муносибати педагогӣ ба он

### 1. Мафҳуми «шахсият» ва омилҳои инкишофу ташаккули он

Рушди умумии инсон ва ду роҳи боҳамалоқаманд – биологӣ ва иҷтимоӣ рӯй медиҳад. Тифл ҳамчун мавҷудоти биологӣ ба дунё меояд, ки инсон тавлид ёфт мегӯянд, вале на шахсият, зеро ба шахсият шудани ӯ ҳоло замоне фаро нарасидааст. Аз ин лиҳоз, мафҳуми «шахсият» хусусият ва сифатҳои иҷтимоии инсон, чунончи, нутқ, шуӯр, одатҳои гуногуни иҷтимоӣ ва дигарҳоро, ки ӯро мавҷудоти ҷамъиятӣ мегардонад, хос аст.

Вижагиҳо ва аломатҳои биологии инсон, аз ҷумла сифатҳои рушди ҷисмонӣ, ба мафҳуми «шахсият» дохил намешаванд. Аз ин рӯ, тифли навзод ва одами ақлбохта шахсият шуда наметавонад. Рушди аломатҳои биологии инсони солим ба раванди инкишофу балоғатрасии минбаъда тааллуқ дорад. Дар ҷисми инсон бо мурури замон устухонбандӣ, мушакҳо, узвҳои дохилӣ ва системаҳо инкишоф меёбад. Раванди камолоти биологӣ ва дигаргуниҳои рафтори одамон аснои инкишофи кӯдакӣ, наврасӣ, балоғат ва синнусоли пирӣ рӯй медиҳад.

Билохира, ҷараёни инкишофи биологии инсон бо сифати миқдори муайяни хусусиятҳои иҷтимоӣ вобаста мегардад, ки ӯро ба мавҷудоти иҷтимоӣ низ табдил додан мегирад. Чунончи, дар охири яксолагӣ кӯдак ба ҳарфзанӣ шурӯъ кардан мегирад. Аммо то ин давр ӯ мавриди тайёриро аз сар мегузаронад: дар якуниммоҳагӣ аснои дидани одамони наздикаш табассум мекунад, дар ду-семоҳагӣ ба сайри берун мебарояд, дар панҷ – шашмоҳагӣ ба таври худ ҳарфҳои норавшан мезанад, қариб дар яксолагӣ аввал калимаҳои якҳиҷогии хос (бу, мам, деҳ…), аз он бу дуҳиҷогии якхела (ма-ма, на-на, да-да, ка-как, ти-тӣ…), сипас ба талаффузи пурра ва мушаххаси калимаҳо мегузарад. Дар яксолагӣ қобилияти дуруст роҳравро пайдо мекунад. Минбаъд малака ва одатҳои бо ашёҳо муносибаткунӣ, инчунин рафтор дар оида ва кӯчаро аз худд намуда, ба адои ин ё он зарурати меҳнатӣ мепардозад. Дар оянда вай худро бо донишҳо ғанӣ гардонида, меъёр ва қоидаҳои ахлоқро аз худ мекунад.

Ҳамин тавр, инсон ҳамчун мавҷудоти биологӣ дар раванди фаъолияти зиндагии худ хусусият ва сифатҳои зиёди иҷтимоиро дарбар намуда, мавҷудоти ҷамъиятии худро таъмин мекунад, ба шахсият табдил меёбад. Аз ин ҷиҳат дар илм инсонро ҳам мавҷудоти биологӣ ва ҳам мавҷудоти иҷтимоӣ, ҳамчун субъект, яъне шахси амалкунандаи фаъолияти таърихӣ ва дарккунандаи ҳодисаҳо медонанд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Алалхусус, мафҳуми «шахсият» - ин тавсифи моҳияти ҷамъиятии инсон ва маҷмӯи ҳосилкардаи сифатҳои иҷтимоии ӯ дар ҷараёни зиндагӣ.

Бояд тазаккур кард, ки аломатҳои шахсият дар иддаи одамон бештару равшантар, ба дигарон сусттар зоҳир мегардад. Пас дараҷаи инкишофи шахсиятро бо кадом аломатҳо ва меъёр бояд муайян кард?

Сатҳи рӯҳии инкишофи шахсият имконияти шуурона идоракунии ахлоқи шахсӣ ва фаъолиятро нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, қобилияти фикр кардани рафтору кирдорҳои худ ва ба онҳо масъул будан яке аз аломатҳои умдаи шахсият ба шумор меравад. Ба аломатҳои муҳими шахсият инҳо дохил мешаванд: оқилӣ, эҳсоси масъулият, озодӣ, шаъну шарафи шахсӣ, фардиятӣ. Аломати муҳими шахсият фаъолияти иҷтимоӣ ва устуворист нисбати ақоид ва эътиқоди худ. Зеро инсон маҳз бо ҷомеа ҳаёт аст ва дар иҷтимо рушд меёбад. Асоси ҳаёти инсон – меҳнат, зеро меҳнат сифатҳои шахсияти ӯро ташаккул медиҳад. Меҳнат ба инсон нафақат бахту саодат, ҳамчунин рушду камолоти рӯҳӣ ва ҷисмонӣ медиҳад. Аснои меҳнат бо одамон олоти истеҳсолот дар муносибат мешавад, таҷрибаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ мегирад, дониш, маҳорат ва малакаҳо ҳосил мекунад.

Мафҳумоти «инсон» ва «шахсият» бояд мафҳуми «фардият»-ро пурра кунад. Фардият хусусиятҳои шабоҳатнадоштаи хоси инсони аст, фарқияти як одам аз одами дигар, як шахсият аз шахсияти дигарро мефаҳмонад. Фардият бо аломатҳои махсус – хусусият, мизоҷ (чунончи, тамкинӣ, қавиироdaгӣ, сусткорӣ), фаъолияти гуногуни эҷодӣ ва қобилияти хоса фарқ мекунад. Мафҳуми «фардият» аслан истилоҳи арабӣ буда, маънои якка, танҳо, як кас, як шахсро ифода мекунад. Ҳар як одами солимақл фард шуда метавонад. Фардият моҳиятан муродифи «шахсият» аст.

Азбаски шахсияти инсон дар тӯли зиндагӣ инкишоф ва ташаккул меёбад, барои педагогика муайян кардану иншо намудани моҳияти мафҳумҳои «инкишоф» ва «ташаккул» бағоят зарур аст.

<u>Рушд</u>, пеш аз ҳама, раванди дигаргунии хусусиятҳои камӣ ва кайфии шахсиятро нишон медиҳад. Инсон таваллуд ёфта бузург мешавад, узвҳои ҷисм ва системаи организм рушд меёбад, ба вай нутқ, сипас захираи луғавӣ пайдо мешавад. Ӯ хусусиятҳои гуногуни иҷтимоӣ, маишӣ ва маҳорати ахлоқӣ, таҷрибаи корӣ пайдо мекунад. Аммо дар рушди шахсият <u>дигаргунии кайфӣ</u> хеле муҳим аст. Такомулоти фаъолияти нутқ қобилияти даркии инсонро баланд бардошта, доираи эҳсосоташро ғанӣ мегардонад. Дар ҷараёни фаъолияти даркӣ тафаккури абстрактӣ рушд меёбад, инчунин хотираи мантиқӣ, ҷаҳонбинӣ ҳамчун системаи назарияҳо ва эътиқод нисбати зиндагӣ рушд мекунад. Ангезиши шаклҳои ахлоқ бештар ҷои худро ба амалиёти фаъоли дигаргуниҳо ирсол медиҳад, қобилияти мустақили худидоракунии рафтор боло мегирад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо хусусияти ҷараёни инкишофи инсонро ҳамчун шахсият муайян мекунад. <u>Бинобар ин дар таҳти инкишоф раванди бо ҳам алоқаманди таҳаввулоти камию кайфӣ,</u>



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки дар камолоти анатомӣ ва физиологӣ, дар такомулоти системаи асаб ва рӯҳиёти одам рӯй медиҳад, ҳамчунин фаъолияти идрок ва эҷодкорӣ, ғанӣ гаштани ҷиҳатҳои ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, ақидаҳои оммавию сиёсӣ ва эътиқодии ӯ фаҳмида мешавад. Ташаккул бошад, натиҷаи инкишофро ифода намуда, ташаккулёбӣ, маҷмӯи хусусият ва сифатҳои устувори ҳосилкардаи шахсиятро дар назар дорад. Бар илова ташаккул ин додани ягон шакл ва ё навъи устувору комили муайян, чунончӣ, асосҳои фан, робитаи шоиста аз ҷониби ягон шахс ва ё гурухҳоро ифода мекунад.

Алалхусус, барои педагогика ва дигар илмҳо, ки оиди рушди шахсият баҳс мекунанд, ба инобат гирифтани сарчашма ва омилҳои асосии рушд масъалаи умда мебошад. Нисбати ин масъала файласуфон, равоншиносон ва педагогҳо ақидаҳои мухталиф доранд.

## § 2. Омилҳои рушд ва ташаккули шахсият аз нигоҳи илмӣ

Таҷрибаҳои зиндагӣ ва тадқиқотҳои илмӣ собит мекунанд, ки омилҳои рушд ва ташаккули шахсият – аломатҳои биологӣ (ирсият), муҳит ва тарбият на танҳо байни худ робитае доранд, инчунин ҳар яке ба дараҷаи таъсирбахшии худ моликанд.

Инсон баъди таваллуд роҳҳои мураккаби рушдро тай намуда, камол меёбад. Рушдии инсон, чунонки ишора кардем, ин ҷараёни дигаргунии миқдорӣ ва сифатӣ буда, он ду намуд дорад – тағйироти анатомию физиологӣ ва дигаргунии рӯҳӣ – равонӣ. Ба дигаргунии анатомию физиологӣ инкишофи ҷисмонии инсон: қомат, мушакҳо, вазн, сохти бадан, гардиши хун ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба тағйироти рӯҳӣ- равонӣ рушди тафаккур, ҳофиза, диққат, захираи луғавии нутқ ва ғайра мансубанд. Дар ин ҳарду намуди рушд ва ташаккулёбии шахсият омилҳои номбурда нақши муайяне мебозанд.

**Ирсият.** Ирсият – ин хусусият ва аломатҳои ҷисми зинда, ки таърихан ва тадриҷан аз насл ба насл гузариш мекунанд. Ирсият хусусиятҳои генетикӣ дар инсон вуҷуддоштаро инъикос намуда, аз падару модар ба фарзандонаш бо тағйиротҳои ҷузъӣ интиқол меёбад . Ба ин сохти анатомию физиологии бадан, ранги пӯст, чашм, мӯй, абрӯ, хусусиятҳои системаи асаб, ҳамчунин аломатҳои нутқ, тафаккури одам ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба ирсият кӯдакон ҳолати саломатии рӯҳӣ ва тарзи зиндагии волидайн низ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Чунончӣ, ба қобилияти ақлии кӯдак нашъамандӣ, майзадагии падар ва модар бениҳоят таъсири манфӣ меорад.

Аммо инкишофи ақлу шуури инсон аз ирсият вобаста нест, ба барномаи рушди пешрафти ҷомеа ва тарбия вобаста аст. Таърих гувоҳ аст, ки аз наслҳои деҳқону ҳунармандон одамони фозил, алломаҳои бузург ба олам омадаанду аз хонадонҳои шоҳу ашрафон фарзандони ноқисулақл.

Бахусус ақлу заковати инсон ҳеҷ гоҳ ба ирсият мансуб нест, он маҳсули пешрафти ҷомеа ва таълиму тарбия мебошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷонибдорони равияи идеалистӣ асрҳои аср даъво мекарданд, ки ақлу шуури инсон ҳамчун хусусият ва аломатҳо аз насл ба насл мегузарад. Ақлу шуури падару модар дар кадом сатҳ бошад, ақлу хирад фарзандаш ҳам дар ҳамон сатҳ қарор меёбад. Ин ақида хатои маҳз аст. Масалан, шикорчиён дар Ҳиндустон соли 1920 аз маскани гургҳо аз духтарфарзанди инсонро, ки яке 8-сола, дигаре 3-сола буд, пайдо мекунанд. Ба яке Камола, ба дигараш Амола ном медиҳанд. Боз дар Ҳиндустон соли 1976 аз хонаи гург писарбачаеро пайдо карда, ба вай Балу (хирсча) ном мегузоранд. Донишмандон муайян мекунанд, ки ин ҳарси кӯдак айёми тифлӣ ба муҳити ҳайвон афтидаанд. Модагург ҳамин тавр майли табиӣ доштааст, ки барои луқмаи хом ба тифли зиндаи бардошта омадааш агар бӯйи гургбачаҳояш шинад, онро нахӯрда қатори бачаҳояш маконда калон мекардааст.

Гап дар сари он, ки ин кӯдакон дар муҳити ҳайвон калон шуда, хислати ҳайвонӣ мегиранд: чорпой роҳ мегарданд, мисли гург улос мекашанд, обу хӯрокро мисли ҳайвон бо даҳонашон мехӯранд. Агарчи онҳо ҷисман калон шуда бошанд ҳам, аз ақлу заковат хароб буданд. Камола ва Балуро то 17-солагиашон ба тарбия мегиранд, бо ду пой мегаштагӣ, бо даст ғизохӯриро меомӯзанд. Ақли духтари 17-сола – Камола дар сатҳи ақли кӯдаки 4-сола боқӣ мемонад. Онҳо мисли ҳайвон умри зиёд намебинанд. Балу соли 1985 аз олам мегузарад.

**<u>Муҳит.</u>** Ба инкишофи шахсият муҳими табиӣ ва муҳити иҷтимоӣ таъсири мусбат метавонад бирасонад.

Муҳити табии барои инкишофи инсон ғизо, обу ҳаво, сару либос медиҳад. Бидуни инҳо, хусусан бе ҳаво тамоми ҷонзод як дақиқа ҳам зиндагӣ карда наметавонад. Аммо муҳити табиӣ баъзан бо офатҳои худ: зилзилаи сахт, селборӣ, хушксолӣ ва ғайра ба инкишофи одамон монеа мешавад.

Муҳити иҷтимоӣ, шароити иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳам ба инкишофи шахсият таъсири мусбат ва ё манфӣ расонида метавонад, ба шарте муҳити иҷтимоӣ таъсири мусбат расонида метавонад, ки сохти давлатдорӣ, системаи нерӯҳои истеҳсолӣ ва муносибатҳои истеҳсолии ҷомеа ба рушди инсоният мусоидат кунад. Он гоҳ шуури одамонаш боло мегирад. Аз муҳити иҷтимоӣ инсон ҳарфзадан, тарз ва таҷрибаҳои зиндагӣ, рафтору муомила, мушоҳидакорӣ, тафаккуру ақидаронӣ ва ғайраҳоро меомӯзад. Дар рушдии шахсият воситаҳои иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар хонавода, муассисаҳои таълимию тарбиятӣ ва васоити ахбори умум аҳамияти муҳим доранд.

Аммо муҳити номусоиди ҷомеа метавонад ба рушди шахс таъсири манфӣ расонад, чунончи, дуздӣ, қотилӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, қиморбозӣ, бесаводӣ ва ғайра.

Аз ин лиҳоз муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ ҳам дар рушдии шахсият омили умда ҳисоб намешавад.

<u>Тарбият</u>. Омили умдае, ки дар радифи ирсият ва муҳит ба рушд ва махсусан ба ташаккули шахсият таъсири муҳим мерасонад – ин таълим тарбият мебошад. Барои он ки инсон дар худ донишҳои зарурӣ,



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

воситаҳои фаъолияти касбӣ ва сифатҳои муфиди маънавию эстетикиро фароҳам орад, барояш таълиму тарбият лозим мебошад. Бо баробари рушди истеҳсолоти ҷомеа ва печида гаштани муносибатҳои иҷтимоӣ нақши тарбият ҳам меафзояд. Дар шароити кунунии басо болоравии илму техника бидуни таълиму тарбияти бардавом ва махсус ташкил кардашуда дар зиндагӣ бурдбориҳои инсоният имконнопазир аст. Дар ин иқдом махсусан тарбият ба сифати воситаи ҳалкунанда баромад мекунад, тавассути он барномаи рушди иҷтимоии шахсият ва рушди қобилияту хирад, аломатҳои тавоногии инсон шӯълавор мегардад.

Тавассути таълим ва тарбият он мамониатҳои муҳити табиӣ, таъсиротҳои манфии гурӯҳҳои носолими иҷтимоӣ, ҳамчунин ғалатфаҳмиҳои ҳаводиси табиӣ ва иҷтимоӣ пай дар пай рафъ ва ислоҳ карда мешаванд, шуури инсоният боз ҳам боло меравад. Замоне мерасад, ки инсоният асрорҳои ҳанӯз ниҳони бархе аз офатҳои табиӣ, аз ҷумла зилзиларо тибқи фаровардаҳои илму техника дақиқ ошкор намуда, аз харобиовариҳо мардумро эмин медорад. Заминҳои асрҳо ноободро мисли Мирзочӯл, Данғара, Ёвон ва ғайраҳоро тавассути ақлу заковат ва техникаи пуриқтидор обод мегардонад ва ба чаманоро табдил медиҳад.

Ҳар яке аз ин омили таълиму тарбия на ба ирсият, балки ба рушди ҷомеа вобаста аст. Дар муҳити табиӣ тамоми ҷондор аз дидгоҳи биологӣ ҷисман инкишоф меёбад. Аммо маҳз шахсият аз дидгоҳи ақлу заковат тибқи таълиму тарбият ташаккул ёфта, монеаҳоро бартараф карда метавонад.

Билохира, агар Камола, Амола ва Балу аз муҳити иҷтимоӣ канда намешуданд, мисли дигар кӯдакон боақлу бошуур ба воя мерасиданд.

Инак, ҳар қадаре, ки ҷомеа тараққӣ кунад, шуури инсон ҳам ҳамон қадар қодир мегардад. Шуури инсони замони мо аз ақлу заковати пешинагон ба дараҷаи ҳайратовар хеле боло рафтааст.

Тасаввур кунед, ки агар Абуабдуллои Рӯдакӣ ва Ибни Сино ҳозир гашта зинда мешуданд, тараққиёт ва пешрафти ҷомеаи имрӯзаи моро бо чашми худ дида, агарчи эшон зодаи қарни X буданд, гиребони ҳайрат мегирифтанд, дар шигифт мемонданд ва ҳамаи инро «мӯъҷиза» мепиндоштанд. Дар тасаввуроти онон «хона» (автобус) пури одам дар роҳи ҳамвори бегарду чанг чунон медавад, ки аспи бидав ба он расида наметавонад. «Симурғ» (ҳавопаймо) дар парвоз, мусофирон мекашонад. «Оинаи ҷаҳоннамо» (телевизион) дар ихтиёри бинанда, куҷоеро хоҳад, тамошо мекунад. «Қуттичаи сеҳрнек» (радио) ҳарф мезанад-е! «Акс» дар девор (филм) ҳаракат мекунад…

Алалхусус инсонияти асрҳои XIX- XXI бо хиради худ ба оҳан «ҷон» дода, онро ҳатто ба парвоз гузоштааст, аз наслҳои пешина хеле пеш рафтааст ва минбаъд ҳам пеш меравад, қуллаҳои дастнорасро фатҳ хоҳад кард. Ҳамаи ин натиҷаи таълиму тарбияти замон аст.

## § 3. Ақидаҳои беасос нисбати рушди шахсият

Нисбати рушди шахсият ақидаҳои беасоси ғайриилмӣ низ вуҷуд доранд. Идеалистон аломатҳои биологӣ, яъне ирсиятро дар рушду



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

камолоти шахсият омили асосӣ мешуморанд, гӯё шуур ва қобилияти инсон ҳам мисли хусусият ва аломатҳои биологии зинда аз насл ба насл гузориш мекунанд, фарзандон ба волидайнашон шабоҳат намуда, он қобилияте, ки онон доранд, ҳамонро дарбар мегиранд. Фарзанди шоҳ қобилияти идоракунии давлатро дорад, фарзандони деҳқону ҳунарманд бо қобилияти маҳдуд таваллуд мешаванд. Чунин ақидаро мо дар боло рад намудем, зеро дар замони мо деҳқонзода олим, сарвари корхона, роҳбари идора кору фаъолият доранд

Ҳамчунин қисми дигари ақидаҳо дар рушди шахсият муҳитро асос мешуморанд. Вале чунонки ишора намудем, назарияҳои илмӣ чунин ақидаро ҳам беасос мешуморанд. Назарияҳои илмӣ исбот намуданд, ки дар ташаккулёбии шахсият омили таълим ва тарбият нақши муҳим мебозад. Ин нуктаи назар комилан дуруст аст ва асоси илмӣ дорад. Агар дар рушди шахсият таъсири муҳитро бо таъсири тарбият муқоиса кунем, мебинем, ки таъсири муҳит, хусусан муҳити табиӣ ба меъёри муайяни стихиявӣ ва ғайрифаъол рӯй медиҳад. Аз ин ҷиҳат, муҳит танҳо чун имконияти пешакии инкишофи шахсият баромад мекунад. Таълиму тарбият ҳамчун таъсири муҳити беруна дар шароити ҳозира бисёр имконияти ҳалли вазифаҳои мураккабро таъмин намуда, ба ташаккули шахсият ва тайёр кардани он ба ҳаёт, фаъолияти касбӣ, додани сифатҳои зарурии тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ алоқаманд аст. Барои ташаккул додани қобилият аломатҳои эҷодкорӣ низ лозиманд.

Барои он ки ин аломатҳо намоён гарданд, на танҳо шароити зарурии иҷтимоӣ ва дараҷаи муайяни инкишофи илмӣ, техникӣ ва фарҳанги ҷомеа, инчунин тарбияти мувофиқ, омӯзиши махсуси ин ё он соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ лозим аст.

## § 4. Марҳалаҳои рушди синнусолии талабагон

Дар педагогика ва равоншиносӣ рушди синнусолии инсонро аз рӯзи таваллуд то давраи гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ ба марҳалаҳои зайл тақсим мекунанд: сини томактабӣ, сини хурди мактабӣ, сини миёнаи мактабӣ, сини калони мактабӣ. Донистани хусусиятҳои инкишофи физиологию анатомӣ ва равоншиносию педагогии ин марҳалаҳо барои мураббиён, муаллимон ва онҳое, ки ба тарбияти кӯдакон, наврасон ва ҷавонон сарукор доранд, ниҳоят зарур аст. Зеро ҳар марҳалаи рушд сиру асрорҳои ошкору ниҳони қонунии худро дорост. Ин қонуниятҳои рушди кӯдакон, наврасон, навҷавононро надониста, дар тарбият ва омӯзиши онҳо ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан ғайриимкон аст. Масалан, муаллимони мактаби ибтидоӣ барои он ки дар таълиму тарбияти кӯдакон ба комёбиҳо ноил гарданд, ҳатто аз асрорҳои рушдии кӯдакони синну соли томактабӣ, инчунин дигар марҳалаҳои инкишофи мактабиён бояд огоҳӣ дошта бошанд. Таҷрибаҳои пешқадам собит мекунанд, ки муаллими синфи аввал ҳанӯз қабл аз ба мактаб қадам гузоштани талабагони ояндаи худ ба оилаҳо ва кӯдакистонҳо ташриф оварда, маълумотҳои зиёд ба даст оварда метавонад. Мавриди чунин вохӯриҳо муаллим бо зисту зиндагонӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

саломатӣ, қобилият, мизоҷ, хулқу атвор, инкишофи рӯҳию ҷисмонӣ, ба мактаб тайёрии кӯдакон аз наздик шинос мешавад ва маслиҳатҳои муфид медиҳад. Ҳамаи ин ба нақшаи фаъолияти минбаъдаи ӯ заминаи муҳим мегузорад.

Педагогҳои бузурги гузашта нисбати таълиму тарбият ба синну сол ва донистани хусусиятҳои кӯдакон эътибори махсус додаанд: муаллим мисли косиб, сифат, хусусиятҳои одамеро, ки ташаккул медиҳад, бояд донад (Я.А.Каменский); қабл аз кӯдакро омӯзонидан, ӯро бояд аз ҳар ҷиҳат омӯхт (К.Д.Ушинский).

Нишондиҳандаҳои меъёри ҳолати инкишофи ҷисми синнусолӣ анатомӣ, физиологӣ, равонӣ, педагогӣ, ҷисмонӣ мешавад, ки муаллим онҳоро бояд мутаваҷҷеҳ шавад.

Нишондиҳандаҳои анатомӣ: рушди устухон, мушакҳо, системаи асаб, мағзи сар (майна), дилу раг, системаи таносули ҷисм; нишондиҳандаҳои физиологӣ: фаъолияти узвҳои нафасгирӣ, гардиши хун, безҳои дохилӣ, системаи асаб ва ғайра. Дар кӯдакони шаш-ҳафтсола мавриди корҳои якхела фаъолияти кори ҳуҷайраҳои асаб зуд суст мешавад, боздории системаи асаб ба миён меояд, ки ин боиси хасташавии кӯдак мегардад. Дар чунин ҳолат иваз кардани як фаъолият ба фаъолияти дигар (чунончи, навиштанро ба мутолиакунӣ) аҳамияти калон дорад. Ба нишондиҳандаҳои меъёри равонӣ инҳо тааллуқ доранд: хусусиятҳои эҳсоскунӣ, фаҳмидагирӣ (идрок), тасаввурот, хотира, хаёлот, диққат, тафаккур ва нутқ, мизоҷ ва хулқ, маҳорат ва малака ва дигар ҷиҳатҳои шахсият. Ба нишондиҳандаҳои ҷисмонӣ, ки ба ҳамаи марҳалаҳои инкишоф хосанд, инҳо мебошанд: қад, вазн, ҳаҷми қафаси сина, нерӯмандии мушакҳо, малакаҳои ҳаракат ва ғайра. Нишондиҳандаҳои педагогӣ: имкониятҳои тарбият, омӯзиш, маълумот, тарбияи ақлӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ ва политехникӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишоф.

Дар ҷудо кардани марҳалаҳои инкишофи синнусолии одам чунин нишондиҳандаҳо муштарак нишон дода мешаванд. Аммо баъзе аз ин нишондиҳандаҳо дар ину он марҳалаи инкишоф ҳамчун меъёри барандагӣ (асосӣ) ҳисоб меёбанд. Чунончи, дар марҳалаи навзодӣ ҳолати ҷисмонӣ меъёри асосӣ мебозад. Меъёри равонӣ дар хулқи кӯдакони сини томактабӣ муҳим мебошад. Барои сини хурди мактабӣ нақши барандагиро нишондиҳандаҳои педагогӣ мебозад. Фаъолияти таълимиро мазмун ва хусусиятҳои рушди зеҳнӣ, сифатҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ муайян мекунанд.

Ҳоло ба тавсифи мухтасари марҳалаҳои синну сол таваққуф менамоем.

**Синни томактабӣ.** Пеш аз он ки ба синни томактабии кӯдакон маълумот диҳем, марҳалаҳои қаблан тай намудаи онҳоро низ бояд зикр кард.

**Навзод** – аз рӯзи таваллуд то 1-2 моҳагӣ. Дар ин давр тарбия асосан ба инкишофи ҷисмӣ ва саломатии тифлакон нигаронида мешавад. Дуруст ғизохӯрӣ, расму русумҳои обутобдиҳӣ, риояи дар вақт-вақташ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

хобравӣ, қоидаҳои ҳифзиссиҳа ва тозагӣ асоси нигоҳдории мустаҳкамкунии саломатии онҳо ба шумор меравад.

Мардуми мо дар ин давр расму русум, урфу одат ва роҳҳои табобатии худро дорад. Модаркалонҳо навзодро 3-4 маротиба бо омехтаи гилу намак мешӯянд, то ки пӯсти бадани онҳо сахт шавад ва аз ҳар гуна микробҳо муҳофизат намояд. Намакобшӯӣ тифлонро дар гармӣ аз арақ кардан, сурхшавии зери дастҳо ва миёни пойҳо нигоҳ медорад. Ин амалиёт аҳамияти якумра дорад: пӯсти бадани мустаҳкам дар калонсолӣ ҳам аз ҳар гуна маризиҳо муҳофизат мекунад. Дар ин давр тифлакон бевосита бо олами атроф робита мепайванданд: ба ҳар чиз даст дароз мекунанд, чизи ба даст даровардаашро ба даҳон мебаранд.

Дар 2-3 – моҳагӣ ба онҳо ҳаракати муҳаррикии махсус оғоз меёбад, ҳаракатҳои дасту пояшон фаъол мегардад. Аз ҳамин давр онҳо ба инкишофи давраи дигари худ – кӯдакӣ мегузаранд.

**Кӯдаки ширхор**– аз 1 – 2 моҳагӣ то яксола. Дар ин давра кӯдак сарашро рост мегирад, мешинад, бо дасту пой ҳаракат мекунад ва билохира қадамҳои аввалин мегузорад. Вижагиҳои равонии шахсият фаъолона рушд меёбанд. Асбобҳои бозӣ ба ӯ ҳаловати хоса мебахшанд.

Дар ин айём воситаи аз ҳама муҳим барои ӯ нутқ пайдо мешавад. Сухани аввалини кӯдак ӯро бо муҳити атроф мепайвандад. Узвҳои нутқ дар давоми яксолагӣ ташаккул меёбад. Кӯдак рушд ёфта, бо бузургсолог дар робита мешавад. Бавижа дар ин давр ба кӯдаки ширхор барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият замина пайдо мешавад.

**Давраи кӯдакии бармаҳал** – аз як то сесолагӣ.

Дар ин давр дар рушд ва ташаккули шахсияти кӯдак ҷаҳиши сифатӣ рӯй медиҳад. Нутқ омили асосии рӯҳии шахсият гашта, доираи дарккунӣ ва робитаро вусъат мегардонад. Ғамхорӣ дар бораи инкишофи нутқ вазифаи умдаи тарбият мебошад. Кӯдакон нисбати ҳодиса ва воқеаҳои муҳити зист ба бузургсолон саволҳо медиҳанд: Вай чӣ? Аз куҷо пайдо шудааст? Чӣ кор мекунад? Ба кучо меравад? … Чунин саволҳои кӯдак хусусияти хоси ҳамин синну сол аст. Чунки ҳоло майнаи сари онҳо ба сони ҳарири сафед пок аст. Акнун бо кунҷковию саволдиҳии худ онро бо «гулдӯзӣ» нақошӣ мекунад. Бояд бузургсолони хонавода ба мураббиёни кӯдакистон ба ҳар як саволи додаи онҳо тибқи фаҳмишашон дуруст ҷавоб диҳанд, чунки онон дар саромади роҳи захирағундорӣ, суханчинӣ, маънавиёт, донистани ҳодисаҳо мебошанд.

Вале на ҳамаи бузурсолон ин хислати онҳоро мефаҳманд, аз саволдиҳии онон ба танг омада, сарзанишҳо мекунанд: Бас, гаранг накун! Даматро гир, маҳмадоно! Э, бас кун, ин қадар мепурсӣ! Ва ғ. Оқибат бо чунин муомилаи сардонаи бузургсолон кӯдак аз назди хирвори зар бо домани холӣ бармегардад. Агар образнок карда гӯем, ин навниҳол айёми гули матлаи баҳорон аз сардии муомилаи бузурсолон гулу ҳосил мепартояд ва ҳангоми мактабхонӣ аз ноқисии захираи луғавӣ душвортаълим мегардад. Иддае аз калонсолон ба ивази посухи саҳеҳ бо ситеза ва ё ҳазлона ба саволи кӯдак нодуруст ҷавоб медиҳанд, ки ин ӯро ба фаҳмиши нодуруст мебарад: ҳамшира аз саволҳои зиёди бародари



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

хурдаш дилгир шуда, ба саволи охирини ӯ – «Апа чӣ пухта истодаӣ?» Ба ҷойи он ки «шӯрбо» гӯяд, бо қаҳр «шаппотӣ мепазам, фаҳмидӣ?!» - гуфта ҷавоб медиҳад. Бача ба назди модараш омада, «Оча, шаппотӣ мехӯрам» - мегӯяд. Ё кӯдаке мавриди хусуфи Офтоб аз модаркалонаш «Бибӣ, Офтобро кӣ мегирад гуфтӣ?» - гӯён мепурсад. Модаркалон «Офтобро аждар ба комаш кашид»- гӯён ҷавоб мегардонад.

Ёдрас мешавем, ки кӯдакони ин синну сол ба маънои маҷозии калимаҳо ҳоло сарфаҳм намераванд, бузурсолон чӣ тавр маънидод кунанд, ҳамон тавр мефаҳманд: «шаппотӣ» гӯянд, шаппотӣ «аждар» гӯянд, аждар.

Барои он ки атфоли ин синну сол аз гулчинии сухан бидуни ғалатфаҳмӣ дуруст баҳра бардоранд, гуфтаҳои Ҷамолиддини Балхиро бо илова меоварем:

*Чунки бо кӯдак сарукорат фитод,*
*Ҳам забони кӯдакон бояд кушод*

*Ҳар саволе, ки биёранд бар миён,*
*Бо забони фаҳмашон бинмо баён.*
*(Х.Р.)*

Дар ин давр миқдори зиёди калимаҳоро аз худ мекунанд. Нутқи кӯдак на худ ба худ, балки дар натиҷаи таъсири беруна, зимни робита рушд меёбад.

Дар ин давра муносибатҳои рафтори кӯдакон низ ташаккул ёфта, нишонаҳои хулқ гузошта мешавад ва дар натиҷа қоидаҳои ахлоқро аз худ мекунад: кадом корро кардан мумкин, кадомашро не, сарфаҳм меравaнд. Дар амалиёт аввалин маротиба кӯдак рафтори мустақилона зоҳир менамояд, асосҳои ирода, қобилияти корӣ ва меҳнатдӯстиаш ташаккул ёфта, «ман худам» гӯён либосҳояшро мепӯшад, худаш хӯрок мехӯрад ва ғ.

Дар ин марҳала, агарчи дар инкишофи фардӣ тафовут хеле калон бошад ҳам, ҳар кӯдак шахсият мегардад, худро аз олами фарогирифта ҷудо карда метавонад; ба вай тамоми сифатҳои одами калон гузошта мешавад. Барои ҳамин ҳам баъзе равоншиносҳо тасдиқ мекунанд, ки миёнаи роҳи рушди инсон аз замони таваллуд то бузургсолӣ – сесолагии кӯдак ба ҳисоб меравад.

Синни томактабӣ – аз 3 то 6-7 – солагӣ. Дар ин марҳала фаъолияти узвҳои ҳис, инкишофи тасаввурот ба хаёлот, хотира, тафаккур ва нутқ дар маҷмӯъ ба ташаккули давраи фаҳмидагирии олам меоварад. Амалиёти мантиқӣ ва мулоҳизаи унсурҳои абстрактӣ (мафҳумӣ) ташаккул меёбад. Аммо онҳо ба сохтори дарки эҳсосот ҳамчун аносири иловагӣ ва ёрирасон баромад мекунанд. Он кӯдаки синни томактабӣ ақлан бештар инкишоф меёбад, агар образҳои ашё ва воқеаҳои ҳисшавандаи пиромуни атроф дар вай ҷамъбаст ва ба як дараҷаи муайян ба система даровардa шуда бошад. Он зумраи ҳодиса ва ашёҳоро бо осонӣ ва озодона дар хотир нигоҳ дошта метавонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чунонки ишора шуд, мавридҳои синни кӯдакии бармаҳал ва томактабӣ дар рушду камолоти кӯдакон асроре ниҳон аст. Ин асрор барои донистани муҳити зист нигаронида шудааст.

Синни томактабӣ ин ибтидои инкишофи ҳамаҷониба ва ташаккулёбии шахсият аст. Кӯдак дар ин давр чунин захираи маънавӣ мегирад, ки он ҳама қариб нисфи захираи маънавиёти тамоми умри боқимондаро ташкил мекунад, дигар ин ки дар ин айём ҳар чизи дида, шунида, дониста ва кардааш дар хотираш чун нақш бар санг мемонад, фаромӯш намешавад.

Л.Н.Толстой тасдиқ мекунад, ки кӯдак аз рӯзи таваллуд то панҷсолагӣ аз олами фарогирифта барои худ нисбат баъди панҷсолагӣ, то охири умр чандин маротиба зиёд хирад, ҳис, ирода, хулқ мегирад.

В.А.Сухомлинский зимни тадқиқотҳои тӯлонии худ муайян мекунад, ки кӯдаки ҳафтсолаи нав ба мактаб омада 3 – 3,5 ҳазор калимаи забони модариашро маънидод мекунад, аз онҳо дар захираи нутқи фаъолаш зиёда аз 1,5 ҳазор калима ҳаст. Аммо коргари маълумоти миёнадори 50-сола 5-5,5 азор калима, аз он 2,2,5 ҳазор калимаи фаъол дорад(43:10).

Солҳои кӯдакӣ дар ҳаёти одам ҳамин хел аҳамияти муҳим дорад.

Дар оилаҳое, ки ба ин ҷиҳати тарбия эътибор намедиҳанд, кӯдакон бе захираи даркорӣ ба мактаб меоянд ва душвортаълиму душвортарбия мегарданд. А.С.Макаренко падару модаронро таъкид карда гуфта буд: «Агар шумо то панҷсолагӣ мувофиқи талаб дуруст тарбият накунед, минбаъд аз нав тарбият кардан лозим меояд»

Аммо азнавтарбиякунӣ басо душвор аст.

Дар мактабҳои ҷумҳурии мо талабагони душвортаълим аз душвортарбият зиёданд, ки яке аз сабабҳои асосии он ба ин паҳлӯи муҳими тарбият эътибор надодани бузургсолон мебошад. Бинобар ин дар барномаи кӯдакистон тарбияи ҷисмонӣ, ақлӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ мадди назар гирифта шудааст.

Бозӣ фаъолияти асосии кӯдакон ба шумор меравад, зеро ин талаботи ҳаётии синнусолии онҳост. Кӯдак чӣ қадар хоҳад, ҳамон қадар бозӣ мекунад, бо завқу шавқ хасташавиашро ҳис намекунад. Дар бозӣ бо ихтисосҳои гуногун шинос мешавад, чунки бозиҳо ҳаёти воқеиро инъикос мекунанд. Биноан арбоби оянда дар бозӣ муайян мегардад.

Ҳамин тавр, дар кӯдак хоҳиш ва омадагии шахсӣ нисбати системанок азхудкунии донишҳои илмӣ ба миён меояд ва он чунин нишондиҳандаҳои омодагиро тақозо мекунад: майлу рағбат ба донистани олам, устуворӣ, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, андешаҳои мантиқӣ, талабот ба дониш. Дар шароити имрӯзаи мо кӯдакон дар ҳафтсолагӣ ба чунин омодагӣ молик мегарданд.

Синни хурди мактабӣ – 7-11 – сола. Ин син ба таълиму тарбияти синфҳои I – IV тааллуқ дорад. Кӯдаки ҳафтсола ба мактаб ояд ҳам, асосан сифатҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии синни томактабиро дар худ нигоҳ медорад, вале аз синфи чаҳорум ба вай нишонаҳои наврасӣ ва ихтилофоти ба ин син хосро доро мегардад. Омӯзгор ба синни хурди



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

мактабӣ тибқи барномаи таълимӣ таъсир намуда, системаи донишҳо ва кори тарбиятро ба роҳ мемонад, дониш, маҳорат ва малакаҳо медиҳад. Ин таъсиррасонӣ хусусияти объективӣ мегирад, ки ин ҷо кӯдак ба ҳайси объекти тарбият дониста мешавад. Дар барномаи таълимӣ ва тарбиятӣ дараҷаи муайяни инкишофи ақлӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ, ҷисмонӣ ба инобат гирифта шудааст.

Аммо маълум аст, ки дар мактаб, агарчи барномаи таълимӣ барои ҳама яксон муайян шуда бошад ҳам, одатан, дониш ва тарбияти талабагон дар як сатҳ намешавад. Чунки ҳар талаба хусусиятҳои фардии худро дорост. Аз ин ҷиҳат кӯдак дар мактаб худро ҳамчун субъекти тарбият зоҳир менамояд.

Муаллими эҷодкор услуби тафаккури фардии талабаро муайян карда, раванди омӯзишро тавре равона мекунад, ки ба имкониятҳои фаҳмидагирии ӯ мувофиқ ояд. Инкишофи кӯдакони ҳафтсола ҳанӯз ба охир намерасад, барои ҳамин ҳам талабаи синфи якум мавриди дарс ва машғулиятҳои тӯлонӣ дуру дароз диққат карда наметавонад, зуд монда мешавад. Бинобар ин акнун дар синфи якум ва нимсолаи аввали синфи дуюм давомнокии дарсҳоро 35 дақиқа муайян кардаанд. Дигар ин ки барои ба дарсҳо ҷалб кардани таваҷҷӯҳи талабагони синфҳои ибтидоӣ бо аёният дарс гузаштан, дақиқаҳои варзишӣ гузаронидан ва бозиҳои гуногуни дидактикӣ гузаронида; завқу рағбати онҳоро бедор кардан аҳамияти калон дорад.

Дар ин давр системаи устухон ва мушакҳо ба кӯдакон имкониятҳои давидан, ҷаҳидан, ҳаво додан, бозиҳои муҳаррикӣ карданро медиҳанд. Вале системаи устухонбандӣ ҳанӯз идома дорад. Мушакҳо, устухонҳо, тағоякҳо дар ин давра бошиддат инкишоф меёбанд.

Дар ин синну сол кӯдакон тақлидкунанда мешаванд. Аз ин рӯ, дар фаъолияти таълимии онҳо либоспӯшӣ, услуб, тарзи фаҳмондан ва рафтори муаллим намунаи ибрат мегардад. Онҳо муаллими худро беҳад дӯст медоранд, гуфтаҳои ӯ барояшон аз гуфтаҳои дигарон боло меистад.

Агар кӯдакон то ба мактаб омаданашон ба омӯзиш шавқманд карда шуда бошанд, онҳо душвориҳоро бо осонӣ рафъ намуда метавонанд. Муаллими ботаҷриба аснои таълим нохушиҳои шогирдонро зуд пай бурда, кӯшиш мекунад, ки он монеаҳоро бо ивазкунии фаъолият, алоқамандии таълим бо табиати маҳал, сайру гашт, саёҳат (экскурсия) бартараф мекунад.

Яке аз паҳлӯҳои муҳими мактаби ибтидоӣ дуруст ба роҳ мондани корҳои санитарию ҳифзиссиҳа мебошад. «Ҳеҷ чиз дар дунё арзише надорад, агар саломатӣ набошад» (16:3). менависад Маҳмадулло Лутф. Биноан ҳар чоряк духтурон кӯдаконро муоина карда, саломатиашонро санҷида истанд, вазн, қад, қувваи сомеа, босираи онҳоро аз назар гузаронанд.

Дар педагогика рушди равонӣ ва фаъолияти дарккунии кӯдакони ин синну сол бағоят муҳим аст. Ин ба омили асосӣ – инкишоф ва такомулоти системаи асаб, ки ба мағзи сар тааллуқ дорад, вобаста аст. Инкишофи майна дар кӯдакони синни хурди мактабӣ ба ҳаҷми афзоиши



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

вазн ва дигаргунии сохти ҳуҷраҳои асаб вобастаанд. Дар охири синни хурди мактабӣ вазни майнаи сари онҳо ба ҳаҷми майнаи калонсолон (1400 грамм) наздик мешавад.

Асоси рушдии шахсияти кӯдакони синни хурди мактабӣ ин бо ҳам пайвастагии тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ҷисмонӣ ҳисоб меёбад.

Ҳамин тавр, синни хурди мактабӣ марҳалаи пурарзиши рушди сифатҳои шахсият аст.

**Синни наврасӣ** – 12-16 – сола. Ин марҳалаи инкишофро синни миёнаи мактабӣ ва давраи гузариш ҳам меноманд, ки аз кӯдакӣ ба ҷавонӣ гузариш меёбад. Наврас худро ҳамчун калонсол ҳис мекунад ва чун калонсол рафтор карданӣ мешавад. Вале дар асл вай на калонсол, балки наврас аст. Дар ин синну сол дар онҳо ҳам аломатҳои кӯдакӣ, ҳам хислатҳои ҷавонӣ дида мешавад ва онҳо боз дар ҳолати инкишофёбӣ мебошанд.

Ба наврас роҷеъ ба инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, ақлӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ ва ташаккули шахсияташ дигаргуниҳои сифатӣ рӯй медиҳад. Ин тағйирот баъзан ба нохушиҳо меорад. Аз ҳамин сабаб ин давраро синни душвори тарбия меноманд. Ҳолати субъективии калонсолӣ дар наврас бо аломатҳои объективӣ мустаҳкам мегардад. Расиши таносул оғоз мешавад.

Кӯдаки ин синну сол зуд рушд меёбад, ҷисман мустаҳкам мегардад ва агарчи ҳаракатҳояш дағал ва нуқс дошта бошад ҳам, вай дар худ нерӯи калонсолиро эҳсос мекунад. Дар ин марҳала ғадудҳо ва тағоякҳои сипаршакли дохилӣ фаъол мегарданд. Аммо дар инкишофи ҷисмонӣ номутаносибӣ мушоҳида карда мешавад: дасту по дароз, инкишофи тан қафо мемонад. Ин номутаносибӣ баъзан наврасро ба хашмгинӣ, ҳардамхаёлӣ, гоҳо ба парешонхотирӣ меорад, қобилияти кориаш суст мегардад.

Дар наврас ҳавобаландӣ, баландпарвозӣ ва «қаҳрамонии сохта» зоҳир мешавад. Вай бо олами ботини худ, бо таассуротҳои худ, бо фикр ва ҳиссиётҳои худ зиндагӣ мекунад. Дар ин маврид кӯмаки бузургсолон зарур аст. Онҳо бояд олами ботини ӯро фаҳманд, ҳиссиёту майлашро эҳтиром кунанд. Агар волидайн, муаллимон, бузургсолон вазъияти ӯро ба ҳисоб нагиранд, албатта, дар байнашон низоъ сар мезанад, хусусан талаботи худро ба вай бо зӯрӣ бор кунанд, рафтораш сахт мекоҳад. Ҳамин ки дар натиҷа мухолифатҳо байни калонсолону наврасон ба миён омад, таъсири тарбия намешавад. Одами калонсол бо наврас на ҳамчун кӯдак, балки ҳамчун наврас бояд муомила кунад, наврас бошад, худро ҳамчун калонсол мепиндорад. Вай, ҳамчун қоида, аз хоҳиш ва ҳуқуқҳои мустақилияти худ намегардад. Одатан низоъ то дами калонсол нисбати наврас дигар кардани муносибат давом мекунад. Наврас боварӣ ҳосил мекунад, ки бузургсолон ва ё волидайн бо вай нодуруст муомила доранд, ӯро фаҳмида наметавонанд ва ё фаҳмидан намехоҳанд, хеле дилозор мегардад. Агар ин ҳолат дуру дароз давом кунад, онгоҳ падару модарон обрӯю эътибор гум мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар равобит будан бо ҳамсолон, рафиқон, дӯстон муносибати асосии наврасон аст. Шароити муҳими таъсири тарбият ҳамон вақт натиҷабахш мегардад, ки тарбиятгар фикр, таассурот ва ҳиссиёти наврасро ба инобат гирад. Наврас худаш дар болои худ кор мекунад, сифатҳои шахсияташро такмил медиҳад, бо розигии бузургсолон, агар вазифаҳои гузоштаи онҳо дуруст ва иҷрошаванда бошад, амал мекунад.

Вазифаҳои муҳими таълимӣ ва корҳои фориғазсинфии наврасон аз ташаккули самти иҷтимоии шахсият ва мавқеи фаъоли ҳаётии ӯ иборат аст. Дар ин марҳала наврасон ба ихтисосҳои одамон ва ташаккул додани соҳаи муайяни дониши илмӣ, майли бадеию эстетикӣ рағбат пайдо мекунад. Барои қонеъ гардонидани чунин рағбат ва ошкор кардани қобилияту истеъдоди онҳо ҳоло дар мактаб тавассути таълими тафриқаи муфассал шароит ва имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Ин, албатта, ба касбгоҳии онҳо низ мадад мерасонад. Муҳимаш он ки ба ин ё он ихтисос майл пайдо кардани ононро бояду шояд бо намудҳои гуногуни меҳнатӣ, ҷисмонӣ, эстетикӣ ва дигар фаъолиятҳо тақвият додан аст. Маҳз фаъолияти писанддида, майлу рағбат, талаботи зиндагӣ ва саъю кӯшиши шахсӣ аз вай ихтилофотро меронад.

Дар ин синну сол ҳисси ватанпарварӣ, муҳаббат ба диёри азиз, далерӣ ва қатъият ташаккул меёбад.

Дониш, фаҳмиши амиқи муаллими мактаби ибтидоӣ, нисбати наврасон, ба вай имконият медиҳанд, ки пешомадҳои рушди ҳар як кӯдакро сари вақт ошкор намояд, тарафҳои манфии талабагони худро барои дар вақташ пешгирӣ намудан чораҳо андешад. Роҳи ҳаётии наврас аз бисёр ҷиҳат ба он сифатҳои шахсият, ки дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад, вобаста аст.

Оинни бармаҳали ҷавонӣ – 16-18 – сола. Синни калони мактабӣ – марҳалаи навҷавонӣ, камолоти рӯҳию ҷисмонӣ. Асосан давраи хотимаёбии рушди анатомӣ – физиологии организми инсон. Ҷавон на ҳамчун наврас худро бузургсол мепиндорад, балки вай акнун бузургсол аст. Дар ин син инкишофи ҷисмонӣ ба бар майл мекунад. Қисми асосии тан ва ҳаҷми дил баробар, инчунин сустии инкишофи системаҳои хунгард бартараф мешавад, ҳаҷми қафаси сина васеъ мегардад. Ин давраро марҳалаи ҳусну камолоти инсон ҳам меноманд. Нерӯмандии мушакҳо меафзояд. Дар ин давр асосан камолоти ҷинсӣ ба охир мерасад, инкишофи умумии қад суст, вале устуворшавии нерӯи ҷисмонӣ ва саломатӣ идома меёбад. Марҳалаи ҷавонӣ ин давраи интихоби касб, давраи ибтидои шуғли меҳнат аст.

Эътиқод ва ақидаҳои ватандӯстӣ, ғояҳои сиёсӣ-ахлоқии ҷавон мавқеи муносибати ҳаётии ӯ нисбат ба меҳнат, ба нафъи халқу Ватан хизматкунии ӯро муайян мекунанд. Тарбияи ҷавон акнун бевосита ба фаъолияти меҳнатӣ омода кардани ӯ мебошад. Аз ҳама муҳимаш ба вай ташаккул додани эҳтиром ва муҳаббат ба касбу пеша, ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Дар ин давр инкишофи системаи асаб ба дараҷаи баланд боло мегирад. Ин ба амиқ омӯхтани асосҳои фан



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ва хусусан фанни дӯстдоштааш, ки дар тафриқаи маҳдуд тадрис мекунад, имконияти калон медиҳад.

Дар синни навҷавонӣ сифат ва хислатҳои шахсият шакли ягонагию мақсаднокӣ мегирад, моҳияти тарбият боз ҳам афзун мегардад. Навҷавониро синни ташаккули ҷаҳонбинӣ меноманд, зеро доираи дониши ҷавонон хеле ривоҷ меёбад. Дар онҳо ҳисси дӯстӣ ва рафоқатии байни ҳамсолон ривоҷ ёфта, баъзан камолоти дӯстӣ ба ишқ табдил меёбад. Бинобар ин мактаб ва коллективи педагогӣ вазифадоранд, ки аз ин эҳсосоти баланди ҷавонӣ муфидона истифода бурда, дар онон хислатҳои мардонагӣ, вафодорӣ, қавииродагӣ, ростқавлӣ, рафтори поку беғуборро тарбия намоянд, то ки аз исноду доғбиёрӣ дар канор бошанд.

Ва онҳо рағбати оилаву оиладорӣ пайдо мешавад. Барои он ки ба ин масъалаи муҳими ҳаётӣ оқилона рафтор кунанд, онҳоро омӯзиши курси «Маърифати оиладорӣ» мададрасон мегардад.

Бояд қайд кард, ки дар ин марҳала навҷавонон майли мустақилият, ташаббускорӣ, бо хоҳиши худ амалкуниро доранд. Агар дар онҳо сифатҳои қавииродагӣ, назария ва эътиқоди шахсият ташаккул наёфта бошад, навҷавон ё ҷавондухтар метавонад ба таъсири ҳаёти носолими иддаи ҳамсолону калонсолони қиморбоз, майзада, нашъаманд, тамокукаш гирифтор шаванд. Барои ин коллективи синф, созмони ҷавонон, муаллимон, кумитаи волидайн – ҳамаи узвҳои тарбиявӣ бояд ба по хезад, ҳаёти инсонро аз чунин ҳолати нангину сангин раҳо диҳанд. Агар дар синни наврасӣ кӯдак бештар мутобиқи майли шахсии «ман» («ман худам») рафтор кунад, дар синни навҷавонӣ вай ба маслиҳатҳои дӯстон ва муаллимон гӯш мекардагӣ мешавад.

Синни навҷавонӣ–айёми худтарбиякунӣ, худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ мебошад. Ҷамъбасти тарбият дар ин давр ташаккули сифатҳои мардонагӣ, ватанпарварӣ, мубориз будан баҳри мақсадҳои олӣ – демократия мебошад.

Бавижа, ҳар фард дар ҷодаи инкишофи худ марҳалаҳои синну солро паси сар мекунад. Муаллими эҷодкор роҳи инкишофи ҳаётии ҳар талабаро тасаввур мекунад, барои ҳамаҷониба солим қад бардоштани навниҳолони боғи кишвар тамоми чорабиниҳоро истифода мебарад, то ки ин навниҳолон ба мардум бор оваранд.

Аммо ҳамаи талабагон яксон намешаванд – ҳар яке фард аст, хусусиятҳои ба худ хосе дорад. Вале дар ҳар марҳалаи инкишоф нисбати тарбият ва рушди кӯдакон талаботи ягона вуҷуд дорад. Агар талаба ба талаботи умумӣ сар фарорад, онгоҳ роҳи инкишофи ӯро дуруст муайян кардан ва камбудиҳои дар вай ҷой доштаро ислоҳ намудан осон аст. Агар кӯдак дар инкишоф аз ҳамсолонаш бо сифатҳои мушаххас афзалияту бартарӣ дошта бошад, онгоҳ барои инкишофи минбаъдаи ӯ ба сифатҳои хосаш таъсиру такон бояд бахшид. Аммо, агарчи кӯдак дар маҷмӯъ инкишофи қобилияти баланди ин ё он соҳа, чунончи, риёзӣ дошта бошад ҳам, ҳамчун қоида, дар ҳудуди хислатҳои инкишофи марҳалаҳои синни худ мебошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## Мавзӯи VI. Роҳҳои омӯзиши касби омӯзгорӣ

### 1.Дар мактабҳои омӯзгорӣ дарёфти тахассуси омӯзгорӣ

Дар марҳалаи болоравии илму техника омӯзгори донандаи асосҳои технологӣ ва компютеронии истеҳсолот, этика, эстетика, мантиқ, ҳуқуқ ва бо методҳои таълиму тарбия мусаллаҳ бударо тақозо мекунад. Чунин омӯзгорон тавассути омӯзишгоҳҳои миёна ва мактабҳои олии омӯзгорӣ тайёр карда мешаванд. Хатмкунандагони ин муассисаҳои таълимӣ дар тамоми звеноҳои системаи маориф фаъолият карда метавонанд.

Дар ин муассисаҳои таълимии номбурда довталабон бо супоридани имтиҳонҳои қабул, коллоквиум (сӯҳбат) ва тавсияномаю пешниҳодҳои шӯрои мактабҳо ва корхонаю муассисаҳо қабул карда мешаванд, ки қобилияти омӯзгорӣ дошта бошанд.

Омӯзишгоҳҳои миёнаи омӯзгорӣ асосан барои мактабҳои ибтидоӣ муаллим тайёр мекунанд.

Маълумоти олии педагогиро дар мактабҳои олии омӯзгорӣ мегиранд. Муаллимони оянда – донишҷӯён тибқи Низомномаи мактабҳои олӣ 4-5 сол дар саҳни донишкада ва ё донишгоҳ фаъолият мекунанд. Онҳо барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои касбӣ ва беҳдошти худ ҳуқуқ доранд, ки аз лабораторияҳо, кабинетҳо, қироатхонаҳо, китобхонаҳо, асбобу василаҳои варзишӣ – ҳамааш бепул истифода баранд. Донишҷӯ ҳуқуқи ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ шуғл варзидан низ дорад. Мактаби олӣ аз он манфиатдор аст, ки донишҷӯён масъалаҳои дохили коллективиро фаъолона муҳокима кунанд ва роҳҳои ҳалли баланд бардоштани сифати дониш, азхудкунии асосҳои фан, назму низом, таъмини кӯмакхарҷӣ, тақсимоти ҷой дар хобгоҳҳоро ба роҳ монанд.

Вазифаи донишҷӯ, ба манфиати ӯ, чунин муайян карда шудааст:

- мунтазам ва ҳамаҷониба аз худ кардани донишҳои назарӣ ва ҳосил кардани маҳорати амалӣ аз ихтисоси интихобкардаи худ;
- аз худ кардан ва баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва фарҳангӣ;
- ҳосил кардани малакаҳои ташкили корҳои оммавӣ-тарбиявӣ;
- ба машғулиятҳои таълимӣ ҳатман иштирок кардан ва дар вақташ иҷро кардани супоришҳои таълимие, ки дар нақша ва барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд;
- дар корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ фаъол иштирок кардан;
- риоя намудани усулҳои ахлоқӣ;
- иҷро кардани қоидаҳои тартиботи дохили муассисаи таълимии олӣ ва хобгоҳҳои донишҷӯён.

### 2.Мазмун, сохт, шакл ва услубҳои дарёфти тахасуси омӯзгорӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мактаби олиро ректор ва проректорҳо идора мекунанд. Донишкада ва ё донишгоҳ аз факултаҳо ва факултаҳо аз кафедраҳо иборатанд. Сарвари факулта – декан, сарвари кафедра – мудир, ки онҳо дар ҷамъомад бо роҳи овоздиҳии пӯшида ба мӯҳлати панҷ сол интихоб карда мешаванд.

Дар идоракунии дохилимактабӣ ташкилоти иттифоқи касаба нақши муҳимро мебозад. Иттифоқи касаба барои ёрирасонии донишҷӯён, беҳтар кардани шароити таълимӣ, маишӣ ва истироҳати онҳо чораҳои мушаххас меандешад.

Дар мактабҳои олӣ чунин вазифаҳо муқаррар карда шудааст: профессор, дотсент, муаллими калон, ассистент, мудири кабинет, лаборанти калон, устои таълимӣ, лаборант.

Ба шӯрои илмии мактаби олӣ ректор, проректорон, деканҳо, профессорон, дотсентҳо ба ҳайси баранда вакилони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва донишҷӯён шомил мешаванд.

Донишкада ва донишгоҳи омӯзгорӣ ҳуқуқ доранд, ки тартиби омӯзиши маводҳои барномавиро тағйир диҳанд, курсҳои махсус, семинарҳои махсус ва факултативҳо ташкил намоянд; метавонанд як ё ду имтиҳони давлатиро ба кори дипломӣ иваз кунанд.

Нақшаи таълимии ин мактабҳои олӣ се силсилаи фанҳоро фаро мегирад: илмҳои ҷамъиятӣ, илмҳои психологӣ – педагогӣ ва илмҳои махсус. Дар нақшаи таълимӣ таҷрибаи педагогӣ аз курсҳои IV ва V пешбинӣ карда шудааст.

Маркази умури таълимӣ ва тарбиявӣ дар макотиби олӣ гурӯҳи донишҷӯён ба шумор меравад. Гурӯҳ асосан аз 25 нафар иборат мешавад, ки он дар асоси ҷадвали қатъӣ ҳар рӯз 6-8 соат машғулияти таълимӣ мегузарад. Аз муаллимони тадрискунанда яке ба ҳайси куратор таъин мегардад.

Сардори гурӯҳро деканат пешниҳод намуда, ректорат бо фармон тасдиқ мекунад.

Барои таҳсил ва интизоми хуб, ҳамчунин дар корҳои иҷтимоӣ фаъол иштирок кардани донишҷӯ ҳавасманд гардонида мешавад. Инчунин ба онҳое, ки қоидаҳои дохили донишгоҳро вайрон мекунанд, то аз донишгоҳ хориҷ кардан ҷазо дода мешаванд.

Донишҷӯ муродифҳои таълимгиранда, толибилм, шогирд, студент (лот. studens – шахси боғайрат коркунанда)-ро дорад.

Дар макотиби олӣ шакли асосии корҳои таълимӣ лексия, семинарҳо, машғулиятҳои амалии лабораторӣ, корҳои курсӣ, мушовара, коллоквиум, санҷиш, имтиҳонҳо мебошанд. Ҳар якеи онҳоро аз нигоҳи ба касби омӯзгорӣ чӣ гуна аҳамият доранд, дида мебароем.

Дар мактаби олии омӯзгорӣ шакли асосии ташкили корҳои таълимиро лексия ташкил мекунад. Лексия истилоҳи лотинӣ буда, маънояш хондан, қироат кардан мебошад. Дар лексия маводи таълимӣ, ягон масъала, мавзӯъ, методҳои фан пай дар пай, системанок баён карда мешавад. Лексияи мактаби олӣ аз лексияи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва лексияҳои оммавӣ фарқ мекунад. Барои лексияи мактабҳои олӣ 50-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

60% вақти таълимӣ ҷудо карда мешавад. Ҳини лексия мазмуни асосии маводи таълимӣ тибқи нақша ва рӯйхати адабиёт ба донишҷӯён баррасӣ мегардад. Ягон китоби дарсии хуб ҳам ҷои суханони лекторро гирифта наметавонад. Аз ин лиҳоз ба ҳамаи лаҳзаҳои лексия иштирок кардани толибилмон ҳатмист. Ба замми ин мазмуни онро бо диққат гӯш карда, оиди он фикр рондан, маводро шуурона фаҳмидан, фикри лектор, мулоҳиза ва хулосаҳои ӯро дарк намудан зарур аст. Аз ин хотир пеш аз лектор ба аудитория даромада, ба навишта гирифтани ҷойҳои муҳими он омода шудан лозим аст, зеро аз дақиқаҳои аввалини лексия фикрҳои асосӣ баён карда мешавад.

Ҳангоми қироати лексия омӯзгор аз воситаҳои аёнии таълим, ҳамчун усул аз методҳои эзоҳ (нақл), ҳикоя, сӯҳбат ва мавқеъ истифода мебарад. Мувофиқи талаботи мавзӯъ ва мазмуни маводи таълимӣ муаллим аз методҳои таълими проблемавӣ истифода бурда, шавқмандии донишҷӯёнро меангезонад.

Лектор ҳар як лаҳзаи лексияро асосонок намуда, моҳияти проблемаҳоро мекушояд, далелҳо меорад, бо мисолҳои ҳаётӣ баррасӣ мекунад. Дар хотима супоришҳо дода, хулосаҳои зарурӣ бароварда мешавад. Қоидаҳо, мисолҳои зиндагӣ, ҷойҳои муҳими лексияро навишта гирифтан лозим аст, зеро ҳамаи иттилоотро дар хотир нигоҳ доштан имконнопазир аст.

Донишҷӯ барои қайдҳои махсус дар дафтараш мувофиқи талаб ¼ ҳисса ҳошия бояд монад. Аз маводҳои иловагӣ истифода бурда, дар ҳошия иловаҳои зарурӣ ҳамроҳ мекунад.

Агар лектор дар як дақиқа ҳамагӣ 70 калима талаффуз кунад, барои бо ин суръат навиштани лексия аз стенография (юн. услуби тез навиштани нутқ тавассути системаи аломатҳо ва ихтисори калимаю ибораҳо) истифода бурдан лозим аст. Лектор барои фарқ кардани қоидаҳо, иқтибосҳо ба интонатсия (пасту баландии оҳанги нутқ) бояд риоя кунад. Лексияро бо калимаҳои кӯтоҳкардашуда, аломатҳои махсус навишта гирифтан мумкин аст Дар зер мо аз онҳо намуна меорем.

Рамзҳои риёзӣ

| | | |
|---|---|---|
| Беканор ………………… | $\infty$ | А- ампер |
| Калон ………………….. | $>$ | А.с. – ампер соат |
| Хурд…………………… | $<$ | В – волт |
| Калон ё баробар ……… | $\geq$ | Вт – ватт |
| Хурд ё баробар………… | $\leq$ | Г– грамм |
| Интеграл ………………. | $\int$ | Га – гектар |
| Монанд………………… | $\sim$ | дақ. – дақиқа |
| Параллел……………….. | $\parallel$ | дм – детсиметр |
| Перпендикуляр……….. | † | кВт – киловатт |
| Тахминан……………… | $\approx$ | кг – килограмм |
| Дарача………………… | $\Delta$ | км – километр |
| Давом дорад………… | $\rightarrow$ | л – литр |
| | | м - метр |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ихтисораҳо

а - аср
библ. – библиография
вил. – вилоят
диг. – дигар
дисс. – диссертатсия
з-д – завод
зоол. – зоология
ин-т – институт
к-з – колхоз
кишв. – кишвар
корр. – корреспондент
лот. – лотинӣ
м. – милод
мас. – масалан
млн.- миллион
наф. - нафар
ниг. - нигаред
проф. - профессор
Инқ. – Инқилоб
р.о. – роҳи оҳан
с. – сол
саҳ. – саҳифа
с. – д. – сотсиал-демократ
с-з – совхоз
ст. – стансия (истгоҳ)
тав. – таваллуд
тахал. – тахаллус
ун-т – университет
ф-ка – фабрика
х.х. – хоҷагии халқ
Ш. – шаҳр
юн. – юнонӣ
қ – қарн
қиш. – қишлоқ
қ-кӯҳ – қаторкӯҳ
ҳаз. – ҳазор
ҷаз. – ҷазира
Ҷ. – Ҷануб
ч. – чилд
ғ. – ғайра

Дар ислоҳи хатоҳои матн чунин аломатҳо гузошта мешавад:
Z – гузоштани абзатс (сари хат)
~ – беабзатс навиштани матн
….. – партофтани ҳарфҳои зиёдатӣ
….. - ҷудо кардани калимаҳо
…... – якҷоя кардани калимаҳо
….. – зиёдатии калима ё ҷумла
✓л – илова кардани калима ва ё ҳарфҳо
= - дефис
- - тире
~~ - иваз кардани ҷойи ҳарф, калима
…. – ба дигар сатр гузаронидан
…. – холӣ навиштан
…. – курсив
Аа – ҳарфи калон
аА – ҳарфи майда
<→←> - пас ё пеш бурдани сатр

…… – барқарор кардан (лозим донистани калима ё ҷумлаи хат задашуда).

Ҳамин тавр, донишҷӯ барои шунидан ва навишта гирифтани ҷойҳои муҳими лексия тайёрии пухта мебинад.

Лексияҳои дастурӣ ва обзорӣ ҳам мешаванд, ки онҳо бештар ба донишҷӯёни ғобхон тааллуқ доранд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Машғулиятҳои семинарӣ**. Семинар калимаи лотинӣ буда, маънояш манбаъ мебошад. Он шакли ташкилии раванди таълимии макотиби олӣ, ки дар он толибилмон таҳти нишондоди муаллим мустақилона кор карда, реферат ё маърӯза тайёр мекунанд. Дар семинар маводҳои назариявии омӯхташавандаро барои амиқтар азхудкунӣ истифода мебаранд. Муаллим мавзӯъҳо, масъалаҳои семинарро муайян карда, ба шогирдон рӯйхати адабиёти заруриро тавсия медиҳад. Донишҷӯён тибқи адабиёти тавсияшуда мустақилона кор мекунанд. Баҳри ҳаллу фасли масъала бештар ба маводҳои маҳаллӣ, афкори педагогии ниёгон, таҷрибаҳои омӯзгорони ҷумҳурӣ ва берун аз марзи он такя карда мешавад.

Ҳангоми навиштани маърӯза ё реферат (калимаи лотинӣ буда, маънояш маърӯза мекунам, хабар медиҳам аст) баёни мухтасари хаттӣ доир ба мазмуни кори илмӣ, масъалаҳое, ки ба обзори адабиёти дахлдор ва дигар махазҳо вобастагӣ доранд, ифшо медиҳад. Дар навиштани маърӯза ва реферат истифодаи иқтибосҳо аҳамияти калони исботкунӣ доранд.

Иқтибос – ба гуфтор ё матни худ аз ҷое далел овардан, аз дониши касе ва ё китобе баҳраманд шудан. Иқтибосҳо дар повараќи матн ё китоб аз кадом маъхаз гирифта шуданашон ҳавола дода мешаванд. Маърӯза ва реферат як намуди кори илмӣ – эҷодии донишҷӯён ҳисоб мешаванд.

Дар шароити имрӯза дидем, ки донишҷӯён дар факултаҳои ҷуғрофия, физика, филологияи тоҷик, биология бо маърӯзаю реферат баромад кардан он тараф истад, ҳатто ба саволҳои асосии семинар ва машғулиятҳои амалии лабораторӣ тайёрӣ надида меоянд. Баъзан 2-3 нафар оппоненти таъин кардем танҳо ба бархе аз саволҳо ҷавоб медоданд. Хуллас семинару машғулиятҳои лабораторӣ дар сатҳи паст мегузаштанд.

Барои бартараф кардани карахтӣ ва бетаваҷҷӯҳии донишҷӯён роҳи зайлро пеш гирифтем. Ҳангоми ин машғулиятҳои амалӣ ба системаи панҷбалии баҳо се аломат баҳои дигар илова намудам: нуқта (.), минус (-) ва сифр (0). Ба донишҷӯён фаҳмонидем, ки ин ҳашт намуди баҳо (., -, 0, 1, 2, 3, 4, 5) нисбат ба фаъолияту дониши шумо ҳаракаткунанда – ивазшавандаанд. Нуқта (.) маънои рамзии «як бал»-ро дорад ва ба донишҷӯён гузошта мешавад, ки ягон ҷавоби нодурусти ҳамсабақи баромад кардаистодаашро ислоҳ мекунад ва ба баҳои қаблан гирифтааш ё минбаъд гирандааш ҳамроҳ карда мешавад ( «2» бошад «3»). Минус (-) ба касе гузошта мешавад, ки ба савол нодуруст ҷавоб медиҳад ва агар пештар ҷавоби мусбат гирифта бошад, ё минбаъд мегирифтааш як балл кам карда мешавад («4») гирифта бошед, ба «3» мефарояд). Сифр (0) он баромадкунандае мегирад, ки ба савол тамоман тайёр нест. Дигар баҳоҳо («1», «2», «3», «4», «5») ба меъёри худашон гузошта мешаванд. Барои он ки донишҷӯён баҳои мусбат гирифта, бепарво нашаванд, то машғулияти охирин чунин тарзи арзёбии дониш, маҳорат ва малакаҳо идома меёбад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баъди тамоман ба охир расидани машғулиятҳои амалӣ ононе, ки баҳои мусбаташон («3», «4», «5») бетағйир мемонад, аснои санҷиш ва имтиҳон онҳо ба инобат гирифта мешаванд. Онҳо ба қисми асосии савол ҷавоб медиҳанд ва онҳое, ки аз баҳои «0», «1», «2» халос нахӯрдаанд, ба саволҳо мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ пурра ҷавоб дода, баҳо мегиранд.

Онҳое, ки рӯзҳои ғайриҳозирӣ доранд, бештар мепурсем ва матни бесарӣ (коркардадихӣ – отработка) талаб мекунам, то ки занҷиркании – пайдарҳамии донишгириашон барқарор гардад.

Оппонентҳое, ки дар ҳаллу фасли ҷамъбастии саволҳо иштирок мекунанд, мувофиқи фаъолияташон низ арзёбӣ карда мешаванд. Онҳоро дар ҳар машғулият иваз карда меистам.

Мавзӯъҳои семинар мувофиқи мундариҷаашон ба 4-6 саволи мушаххас тақсим карда мешаванд ва онҳое, ки ба ин ё он савол гузориш медиҳанд, ба назди машқтахта мебароянд. Гузоришдиҳанда на фақат дар доираи савол, ҳамчунин аз мавзӯъҳои қаблан гузаштан ба саволаш дахлдорро низ ҷавоб диҳад. Вай аз асбобҳои тартибдодаи худ (нақша, ҷадвал ва ғ.) истифода бурда, ба савол ҷавоб медиҳад, ба саволҳои додаи ҳамсабақон, аппонентҳо ва омӯзгор ҷавоб бояд диҳад.

Баъди чунин роҳро пеш гирифтан донишҷӯён такон ёфта, ба машғулиятҳои амалӣ фаъол иштирок мекардагӣ шуданд. Баъзеҳо маърӯза ва реферат ҳам навиштанд.

Дар курсҳои болоӣ семинарии махсус низ гузаронида мешавад. Ин шакли баланди семинар аз донишҷӯён тайёр кардани маърӯза ва рефератро талаб мекунад. Онҳо матни тайёр кардаашонро дар ҳузури омӯзгор ва ҳакамон (жюри) қироат мекунанд, арзёбӣ меёбанд.

Машғулиятҳои амалии лабораторӣ ҳам яке аз шаклҳои таълимии мактаби олӣ ба шумор меравад. Лаборатория истилоҳи юнонӣ буда, маънояш меҳнат кардан, душвориҳоро бартараф намуданро ифода мекунад. Он ба фаъолияти меҳнати ақлӣ ва ҷисмонию амалӣ вобастагӣ дорад. Ин шакли таълимӣ аз донишҷӯён бештар ташаббускорӣ, мушоҳидабарӣ ва мустақилиро талаб мекунад. Ба машғулиятҳои лабораторӣ 20-30% вақти маводи таълимӣ ҷудо карда мешавад. Онҳоро, одатан, баъди хондани лексияҳо мегузаронанд, зеро маводи назариявӣ барои гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ асос мегарданд. Аммо баъзан бо сабаби шароитҳои маҳаллӣ онҳоро қабл аз хондани лексияҳо низ мегузаронанд. Дар чунин ҳолат муаллим бояд лексияҳои муқаддимавӣ ё коллоквиум гузаронад ва махазҳои заруриро пешниҳод кунад.

Кори курсӣ – кори мустақилонаи илмӣ-методии донишҷӯёни донишгоҳи олӣ буда, тибқи нақшаи таълимӣ таҳти роҳбарии муаллими фанни махсус иҷро карда мешавад. Донишҷӯ баҳри амиқ омӯхтани ин ё он мавзӯъ кори курсӣ менависад, ки ҳаҷмаш тахминан аз 20-25 саҳифа кам набошад. Муаллим – роҳбари кори курсӣ онро хонда мебарояд, тақриз менависад ва тахминан арзёбӣ мекунад. Корҳои курсӣ дар ҳузури аъзоёни комиссияи махсус ташкилшуда ҳимоя карда мешавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кори дипломӣ – кори ҷамъбастии хатмкунандаи мактаби олӣ, мактаби миёнаи махсус. Он характери таълимӣ – тадқиқотӣ дорад. Дар кори дипломӣ донишҷӯ нисбати мавзӯи интихоб намудааш тадқиқот мебарад ва моҳияти мавзӯъро дар 50-60 саҳифаи чопи компютерӣ бо далелҳои раднопазир ифшо медиҳад. Баъди ба анҷом расонидани кори дипломӣ роҳбар ва шахсони мутахассис онро хонда, ба ҳимоя пешниҳод мекунанд. Он дар ҳузури комиссияи имтиҳони давлатӣ ҳимоя карда мешавад.

Мавзӯъҳои кори курсӣ ва кори дипломӣ дар кафедра баррасӣ гардида ва ба донишҷӯён пешниҳод мегардад. Донишҷӯ мавзӯи дилхоҳашро интихоб намуда, дар он қувваозмоӣ мекунад. Донишҷӯ доираи мавзӯи интихоб намудаашро муайян карда, нақшаи пай дар пай равшан кардани масъалаҳоро пешакӣ аз назар мегузаронад, методҳои тадқиқотиро ба инобат мегирад, зимни озмуни педагогӣ иттилоотии муҳимро дастрас мекунад ва дар асоси хулосаҳо мавзӯъро таъсис менамояд.

Сохти тахминии кори курсӣ ва кори дипломӣ чунин шуда метавонад:

Муқаддима (сарсухан, пешгуфтор). Мавзӯъ асосонок карда мешавад, фарзия тасбият меёбад.

Боби аввал. Таҳлили вазъи масъала дар корҳои назарӣ ба таҷрибаи мактаб зикр карда мешавад.

Боби дуюм. Мушоҳидаҳои шахсӣ, далелҳои ба даст даровардашуда, натиҷаҳои таҷрибаи педагогӣ таҳлил карда мешавад.

Хулоса. Хулосаҳои умумӣ зикр мегардад ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда.

Илова (замима). Тарҳ, саволнома, ҷадвалҳо ва дигар маводҳои мушаххас оварда мешавад.

Мушовара ба маънои аз ҷониби муаллим ба донишҷӯён маслиҳат додан, фаҳмидани ягон маводи таълимии дархост намудаи онҳоро ифода мекунад. Ин шакли умдаи ёрирасонӣ мебошад. Дар шакл онҳо ба гурӯҳӣ, умумӣ ва инфиродӣ, аз нигоҳи мазмун ба муқаддимавӣ, мавзӯӣ ва пешазимтиҳонӣ тақсим мешаванд. Баъзан мушовара ба шакли мубоҳиса низ сурат мегирад. Дар деканат мушовара, одатан, дар семестрҳо ба нақша гирифта мешавад. Толибилмон ба ҳар як мушкилоти таълимии хеш аз мушовара ҷавоб ёфта метавонанд.

Дар омӯзиш асоси пешрафти донишандӯзии толибилмонро фаъолияти мустақилона коркунии худи онҳо ҳал мекунад. Мунтаҳо, аз рӯзҳои аввали ба донишгоҳ шомилшавии онон ба мустақилона коркунӣ одат кунонидан лозим аст. Набояд фаромӯш кард, ки корҳои мустақилона мунтазам, вале таҳти риояи ҳифзиссиҳа (гигиена)-и ритмология бояд сурат гирад.

Аттестатсияи тахминии донишҷӯён – санҷиш, бештар дар асоси натиҷаҳои корҳои лабораторӣ ва амалӣ сипас имтиҳонҳо мебошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Донишҷӯ барои супоридани имтиҳон донишҳои худро ба система меорад, амиқ мекунад. Имтиҳон арзёбии дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад. Имтиҳонҳо мувофиқи талаботи барномаи таълимӣ бо билет ва ё бо саволҳои шифоҳии имтиҳонгиранда гузаронида мешаванд.

Донишҷӯёни мактаби олии омӯзгорӣ бояд ба корҳои тадқиқотӣ ҷалб карда шаванд, то ки дар оянда аснои фаъолияти омӯзгории худ аз он самарабахш истифода бурда тавонанд. Зеро фаъолияти муаллим монанди меҳнати олим аст. Барои он ки шогирдонашро муфидона омӯзонад ва тарбия кунад, онопро хуб донад, омӯзад, мушоҳида кунад, зеро зимни тадқиқотҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда мешаванд. Бештари муаллимон дар соҳаи фанни тадрисии худ тадқиқотҳои ҷиддӣ мебаранд. Бо мақолаҳои худ дар саҳифаҳои маҷалла ва маҷмӯаҳо баромад мекунанд, ҳатто рисолаҳои номзадӣ, монографияҳо таълиф менамоянд. Барои корҳои илмӣ – тадқиқотӣ далелҳо ҳамчун ҳавои илмӣ мебошанд. Баҳри дастрас кардани бурҳону далелҳои раднопазири илмӣ аз методҳои илмӣ-тадқиқотӣ мушоҳида, сӯҳбат, саволу ҷавоб (анкета), омӯхтани ҳуҷҷатҳои таҳририи талабагон ва ғайра аҳамияти калон дорад. Мунтаҳо, донишҷӯ – муаллими оянда дар саҳни донишгоҳ бояд аз тадқиқотҳои педагогӣ комилан баҳраманд шавад.

### 3.Асосҳои физиологӣ – гигиении фаъолияти фикрӣ ва фароғатии донишҷӯён

Чӣ гуна тартиботи рӯз қобилияти кории толибилмонро афзун, бо суръати мӯътадил кор кардани онҳоро таъмин намуда, аз хасташавӣ боз медорад, дар як муддати муайян қобилияти коршоямиашонро барқарор ва саломатиашонро муҳофизат мекунад?

Қобилияти кории шахс хусусияти инфиродӣ дорад. Аксари одамон дар ду мавриди як шабонарӯз хеле самарабахш кор карда метавонанд: а)аз соати 9 то соати 12-13; б)аз соати 16 то соати 18. Донишҷӯён ҳам яке аз ҷониби пагоҳӣ, дигаре аз ҷониби бегоҳӣ сермаҳсул кор карда метавонанд.

Аммо нагуфта намонад, ки ҷисми инсон хусусияти мутобиқшавӣ дорад, ба бахши корӣ (смена) нигоҳ карда, ҷисман ба он созгор мегардад. Соҳаи илми биоритмология (истилоҳи юнонӣ буда, суръати ҷараёни зиндагӣ, фаъолияти кори одамонро меомӯзад) собит мекунад, ки дар ташкили меҳнат бояд мавқеи қобилияти кории одамон ба инобат гирифта шавад. Баъзеҳо нимаи аввалин рӯз хеле хуб кор мекунанд, вале гурӯҳи дигари одамон дар ин маврид дуруст кор карда наметавонанд, дар систмеаи асаби онҳо бозсдорӣ амал мекунал. Бинобар ин мавқеи фаъолияти қобилияти кории онҳоро ба назар гирифта, корҳои мушкилтар ва мураккабро тавсия намудан маъқул аст.

Аз ин лиҳоз донишҷӯ ҳангоми тартиб додани нақшаи корӣ бояд ин ҳолати шахсии худро ба ҳисоб гирад. Қоидаҳои умумии биоритмология



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

талаб мекунад, ки аввал корҳои начандон душвор, сипас мураккаб ба нақша гирифта шавад ва кор бо машғулияте анҷом дода шавад, ки шахсро фикран хаста накунад.

Донишҷӯён мавриди иҷрои корҳои мустақилона бояд ба қоидаҳои зайл риоя кунанд: 1) дар ду мавриди самарабахшии қобилияти коршоямӣ худро мутобиқ созанд; 2) иҷрои супоришҳоро тавре ба нақша гиранд, ки меҳнати ақлӣ як хел тақсим гардад; 3) супоришҳоро ба тезӣ ва зурбазурӣ иҷро кардан нашояд.

Ҳангоми хастагӣ хоб рафта, қобилияти кориро барқарор бояд кард. Хастагӣ се намуд дорад: якзайл – камтар хастагӣ, миёна ва беҳад хастагӣ. Якзайл хастагиро ба тарзи дамгирии муайян, чунончи мувофиқи ҷадвал кор карда дам гирифтан бартараф кардан мумкин аст. Дар хасташавии миёна қобилияти корӣ то рӯзи дигар паст мешавад, ки онро тавассути дамгирии истироҳат барқарор мекунанд. Беҳад хасташавиро бо роҳи дамгирии бардавом, ҳатто бо роҳи табобат ё мураххасӣ пешгирӣ кардан мумкин аст.

Аз ин нуктаи назар донишҷӯ бояд масъалаҳои зеринро донад: давомнокии фаъолияти ақлии ҳар яке дар ҳудуди 10-11 соат бояд буд. Вақти хуфтан дамгириро ба дигар корҳо сарф кардан мумкин нест, зеро қобилияти кори организм бо роҳи хобравӣ барқарор мегардад. Физиологҳо ба донишҷӯён 7-8 соат хоб рафтанро тавсия мекунанд.

Пеш аз хуфтан 30-40 дақиқа дар ҳавои тоза гаштан мувофиқи талаб аст. Ҳамчунин тағйир дода истодани машғулиятҳо низ фароғати ақлии шахсро таъмин мекунанд, чунончи, хонданро бо навиштан иваз кардан ва ғайра.

Дар фаъолияти ақлӣ ба тартиб овардани ҷои корӣ, риоя намудани регламенти корӣ низ аҳамияти калон дорад. Дар аудитория, дар корҳои мустақилонаи фориғ аз донишгоҳ меъёрии корӣ 6-7 соат, дар манзил 3-4 соат бояд бошад. Дар ҳар 45-50 дақиқа 5-10 дақиқа тафреҳ кардан лозим. Баъди 4-5 соати корӣ камаш 1 соат дам гирифтан шарт аст. Барои он ки вақт қадр карда шавад, ҳама чиз, аз ҷумла китобҳо ба қисматҳои муайян тақсим карда шуда бошанд, барои дастрас кардани китобҳо вақти зиёд сарф нагардад. Аснои кор дар назди донишҷӯ луғатҳо, дафтарчаи хотира бояд бошад.

Ҳангоми аз китобҳои дарсӣ ва кӯмакдарсӣ истифода бурдан ба қоидаҳои зерин риоя карда мешавад:

1. Фикр карда китобро мутолиа кардан.

2. Маводҳо таълимиро ба қисматҳо ҷудо карда, муҳимашро ҳифз намудан.

3. Ҳангоми мутолиаи китоб ҷойҳои муҳимашро ёддошт намудан. Дар мутолиа ба чунин қоидаҳо риоя карда мешавад: дар зери сатрҳои муҳим хат кашидан (агар китоби шахсӣ бошад), дар ҳошияи китоб барои дарки нуктаҳои муҳим аломати хитоб (!) гузоштан, дар ҷойҳои шубҳаовар аломати савол (?) гузоштан мумкин аст.

4. Маводи таълимӣ бояд ба системаи донишҳо мувофиқ бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

5. Агар дар як вақт бо чандин маъхаз кор кардан лозим ояд, дар мадди аввал барои пайдарҳамии кор бо ҳамаи онҳо шинос шуда баромадан лозим.

6. Тамоми маводҳои интихобшударо як маротиба хонда баромада, ҷойҳои заруроашро муайян кардан.

7. Маводҳои интихобкардаро бори дигар аз назар гузаронида, ҷойҳои зиёдатӣ ва такрорёфтаро ҳазф намудан.

Ҳамаи корҳои фавқузикр бояд мутобиқи тартиботи рӯзи фардии ҳар як донишҷӯ сурат гирад, зеро дар тартиботи рӯз имкониятҳои шахс ба назар гирифта мешавад.

**<u>Тартиботи рӯзи</u>**
**тахминии донишҷӯён, ки машғулиятҳои таълимиашон дар нимаи аввали рӯз оғоз меёбад.**

| Т/р | Фаъолияти корӣ ................................. | Сарфи вақт |
|---|---|---|
| 1. | Шустушӯи пагоҳирӯзӣ ......................... | $7^{00} - 7^{15}$ |
| 2. | Субҳона ........................................ | $7^{15} - 7^{55}$ |
| 3. | Ба донишгоҳ омадан ............................ | $8^{00} - 14^{10}$ |
| 4. | Иштирок ба машғулиятҳо ..................... | $8^{00} - 17^{30}$ |
| 5. | Наҳор ............................... | $13^{10} - 13^{30}$ |
| 6. | Машғулиятҳои гуногун ............................... | $13^{30} - 14^{00}$ |
| 7. | Иштирок дар маҳфилҳо .......................... | Ҳафта |
| 8. | Тафреҳ дар ҳавои тоза ........................ | $14^{00} - 14^{30}$ |
| 9. | Тамошои филм-театр ............................ | Ҳафта |
| 10. | Мутолиаи китоб, гӯш додан ба радио, дидани телевизор ................................. | $20^{30} - 22^{00}$ |
| 11. | Ичрои дарсҳои ҳатмӣ .......................... | $22^{00} - 22^{30}$ |
| 12. | Корҳои хона ...................................... | Вақти муайян |
| 13. | Мутолиаи китобҳои бадеӣ – хоб ................................. | $22^{30} - 7^{00}$ |

4.Гурӯҳи донишҷӯён – воситаи муҳими тарбия.

Муаллими оянда дар сатҳи донишгоҳи омӯзгорӣ на фақат донишҳои касбӣ мегирад, ҳамчунин тарбия низ дода мешавад, то ки вай шаҳрванди фаъоли иҷтимоӣ ба камол расад. Муҳити ғизои маънавидиҳандаи толибилм дар донишгоҳ асосан гурӯҳи донишҷӯён ба шумор меравад, ки онро иттиҳоди (коллективи) ибтидоӣ меноманд. Иттиҳоди донишҷӯён аз иттиҳодияҳои дигар бо саъю кӯшиш, мақсад, афкори ягона ва якҷоя дӯстона амалкунии худ фарқ мекунад. Дар ин дастаҷамъӣ донишҷӯ на танҳо бо корҳои таълимӣ, ҳамчунин аснои фориғӣ бо корҳои умумиҷамъиятӣ ва тарбиятӣ низ шуғл меварзад, ҳамчун барои барқарории иртибот замина мегузорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар гурӯҳи донишҷӯён фаъолон: сардори гурӯҳ, сардори иттиҳоди касаба интихоб шуда, онҳо ба шарикдарсони худ таъсири маънавӣ мерасонанд. Дар ин иттиҳоди ибтидоӣ таҷрибаҳои ҳамкорӣ, ғаихорӣ ба ҳамдигар зоҳир карда мешавад.

Коллективи ибтидоӣ ин асосан системаи муносибатҳои байнихудӣ, рафоқатӣ, дӯстиро мустаҳкам мегардонад, роҳҳои бо шогирдони оянда равобикуниро ёд медиҳад. Коллектив – ин омили муҳими ташаккулёбии шахсияти донишҷӯ – муаллими оянда мебошад. Айёми донишҷӯиро «давраи тиллоӣ» меноманд, зеро дар он ҳаёт дар ҷӯшу хурӯш аст, шавқу завқ пайдо кардани дӯстони нав, болоравии фазлу адаб гул мекунад. Барои муаллими оянда нисбати муносибат кардан бо талабагон, падару модарон ва иттиҳодияҳои меҳнатӣ замина дар ҳамин ҷо гузошта мешавад. Муаллим лектор ва тарғиботчии доимии донишҳои педагогию психологӣ ва ҳодисаҳои навини иҷтимоии байни омма мебошад, ки ҳамаи инро дар саҳни донишгоҳ меомӯзад.

Ба ҳамин муносибат чунин маслиҳатҳои мушаххасро додан мумкин аст:

1.Худро баҳри донистани корҳои муфиди гуногун ва хеле мураккаби ихтисос водор намоед

2.Супоришҳои ҷамъиятиро оқилона дарк намуда, онҳоро ба қадри имкон бо омодагии ихтисоси педагогӣ пайваста бояд бурд.

3.Дар чорчӯбаи иттиҳоди ибтидоӣ ва донишгоҳ маҳдуд мабошед, ба корҳои тарғиботии таалуқдор, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, варзиш ва дигар корҳои ободонии шаҳру деҳот фаъолона ширкат варзидан.

4.Ҳар як супориши ҷамъиятиро ба худ ҳамчун мактаби роҳбарӣ дониста амал кардан.

## Мавзӯи VII. Барномаи фардии такмилдиҳии ихтисоси педагогӣ ва роҳҳои худсозии он



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шогирде, ки дар ҷодаи ҳунар орзую умеди номбардории касб намекунад, бефайзу ногирост. Шоир хуб гуфтааст:

*Аз файзи хирад чу баҳравар шуд,*
*Омодаи касби пурҳунар шуд.*

Ин гуфтаҳо пеш аз ҳама ба пешаи поягузори ҳамаи касбҳои муосир – омӯзгорӣ мутааллиқанд, зеро Қонуни маориф ва Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар омӯзгорро водор мекунанд, ки дар ҷодаи ин касб ҳамаҷонибан пухтакору варзида бошанд. Баҳри он ки беҳбудии корҳои таълимӣ ва тарбиявии насли наврас, насле ки «аз мост, ки бар мост» бештар ба муаллим вобастагӣ дорад. Дар тарбияи насли ояндаамон бепарвоии муаллим гуноҳи азими нобахшиданист. Бинобар ин муаллим ҳанӯз аз курсии шогирдӣ ба ин касби пуршараф ҷавҳарғундор бояд буд, то ки дар назди миллат ба гуноҳи азим гирифтор нагардад.

Хатари асосии касби омӯзгорӣ мунтазам дар болои худ кор накардан, сатҳи маҳорати педагогии хеш баланд набардоштан аст. Педагоги бузург К.Д.Ушинский бар ҳақ гуфтааст: «Муаллим то даме зиндааст, ки вай мутолиа мекунад, ҳамин ки ӯ мутолиаро қатъ кард, дар он муаллим мемирад» яъне заволёбии касб аз мутолиакунӣ – наомӯхтани таҷрибаҳои пешқадами марбут рух медиҳад.

Донишҷӯён – муаллимони оянда барои ба пояи номбардори касбӣ расидан аз худи ҳозир ба худомӯзию худсозӣ бояду шояд бипардозанд ва дар таҳти раводиди имкониятҳои хеш барномаи фардии такомулот биандешанд. Бидуни худсозӣ матлаб ба даст намеояд. Пӯшида нест, ки тамоми номбардорони бузурги олам маҳз зимни худомӯзӣ ва худсозӣ шӯҳрат пайдо кардаанд.

Худсозӣ – ин фаъолияти фардии шахсият баҳри тағйир додани худ. Дар худсозӣ шахс шуурона ба беҳбудӣ, ба фатҳи қуллаҳои мурод сайю кӯшиш мекунад. Аз ин лиҳоз худсозӣ пояи баланди худтағйирдиҳист. Ба тариқи дигар гӯем, худсозӣ мактаби бағоят олист, ки шахс бо танфароғӣ, мусолиҳакорӣ, коҳилии вуҷуди хеш мубориза бурда, бо мардонагӣ ба комёбиҳо ноил шудан аст.

Илм исбот кардааст, ки ҳар фарди аз модар солимфикр таваллудёфта дар худ «муғчаҳои» муайяни қобилият ва ё нишонаҳои истеъдод дорад, вале он муғчаҳо мавриде нашъунамо меёбанд – мешукуфанд, ки шароит, имконияти муфид пайдо кунанд ва худи шахс саъю кӯшиш ба харҷ диҳад. «Муғчҳои» қобилияти инсон пас аз пайдоиши шароити мусоид ё айёми ҷавонӣ ва ё минбаъда – дар миёнсолию калонсолӣ метавонад бишкуфад – қудрати худро нишон диҳад. Аммо имконият ва шароити қулай пайдо шаваду худи шахс ҷуръати кӯшиш накунад, муғчаи қобилият нашкуфта хазон мешавад.

Азбаски баъзе бузургон шароит, имконияти мусоид аз даст надодаанд, қобилияташон бармаҳал, ҳатто айёми наврасӣ бишкуфтааст. Чуночи, Абӯабдуллои Рӯдакӣ дар синни то балоғат «Қуръон»-ро ҳифз



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

кардааст. Ибни Сино дар 16-солагӣ табиби машҳур гаштааст. Алишер Навоӣ – Фонӣ дар 14 – солагӣ ду мисраъ шеър навишта, устоди худ Лутфиро дар ҳайрат монондааст:

Оразинг ёпқоч, кӯзимдин сичиллур ҳар лаҳза ёт,
Буйлаким, пайдо булур юлдуз, ниҳон булғач қуёш.
(«Баъди пӯшидани оразат, аз чашмонам ҳар лаҳза
ашк пош мехӯрад,
Валекин, баъди пайдо шудани офтоб ситораҳо ниҳон мегарданд).

Аммо қобилияти баъзеҳо пас аз хатми мактаб нашъунамо мекунад. Чунончи, Н.В.Гоголь дар кӯдакӣ иншоро ба дараҷаи миёна навиштааст, Альберт Эйнштейн хонандаи сустхон будааст, Исаак Нъютонро қариб ақлаш заиф меномидаанд, Д.И.Менделеев ҳангоми дар гимназия таҳсил карданаш талабаи мутавассит ҳисоб мешудааст… Вале минбаъда ҳамаи онҳо машҳури олам гаштанд.

Набояд фаромӯш кард, ки инсон қобилият ва имконияти захиравии бузурги донишгирӣ дорад. Ҳар кас дар худ 14-17 миллиард ҳуҷайраи асаб дорад, ки дар айни замон қариб 10% онҳо фаъолият мекунанд. Бо фаъолияти ҳамин ҳуҷайраҳои асаб агар шахс кӯшиш кунад, 10-12 забонро азхуд карда метавонад…

Фаъолияти баланди ҳуҷайраҳои асаби мағзи сар синни 25-30 солагӣ аст.

Аз ин бобат шахс бояд қобилияти худро тавассути худсозӣ ривоҷу равнақ диҳад. Шоҳмотбози машҳури рус дар як маврид бо 30-40 нафар мебозид. Профессори немис Геестерман 132 забони хориҷиро медонистааст.

Худсозӣӣ ва худомӯзӣ аз худомӯз заҳмати зиёд ва қавииродагиро тақозо мекунад. Масалан, Ибни Сино дар ҷавонӣ барои омӯхтани илмҳои мантиқ, табиёт ва риёзиёт ба мутолиаи китоби файласуфи Юнони Қадим Арасту «Мо баъд-ут-табиа» (Метафизика) шурӯъ мекунад, онро чиҳил маротиба мутолиа намояд ҳам, мазмунашро фаҳмида натавонистааст. Ниҳоят, рӯзе китоби Абӯнасри Форобӣ «Фӣ аърози «Мо баъд – ут – табиат» (доир ба мақсадҳои «Мо баъд – ут – табиат»)-ро мехарад ва мутолиа мекунад ва ба фаҳмидани андешаҳои китоби Арасту муваффақ мегардад(30:15)..

Дар худтарбиякунии шахсияти омӯзгор усулҳои гуногун истифода бурда мешавад, ки мо дар зер нисбати онҳо таваққуф мекунем:

Худуҳдарорӣ – ин ба талаби худтарбиякунӣ иқдоми нек кардани шахсият. Ба ақидаи К.Д.Ушинский, худӯҳдадории зайл ба вай кӯмак намудааст: «Комилан осудаҳолӣ, ҳадди ақал дар намуди зоҳирӣ. Софдилӣ дар сухан ва кирдор. Боандешагӣ дар амалиёт. Боҷуратӣ. Дар бораи худ безарурат ягон калима сухан нагуфтан. Вақтро бешуурона нагузаронидан: он чизеро, ки мехоҳӣ, иҷро кун, на он чизеро, ки рӯй медиҳад. Ягон бор дар бораи он чизе, ки буд, он чизе, ки ҳаст, он чизе, ки мешавад, лоф мазан»(44:27).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Албатта, ҳар омӯзгор, ӯҳдадориро бояд мувофиқи қобилияти тавоноии гирад, зеро чунонки дар зикр кардем, ҳамаи донишҳои башарият боқӣ гузоштаро аз худ кардан мумкин нест, умри инсон намерасад.

Олими физики замин Отто Юльевич Шмидт дар ҷавонӣ ба мақсади омӯхтани тамоми донишҳои башариат кӯшиш карда, барои худ барнома тартиб медиҳад. Вақте ки донистани онҳоро ҳисоб мекунад, ҳазор сол лозим будааст. Вай аз нав барнома тартиб дода, фақат масъалаҳои муҳимро ба нақша мегирад, ки барои донистани онҳо 150 сол лозим будааст. Шмидт О.Ю. (1891-1956) ҳамагӣ 65 сол умр дид ва тибқи барномаи охиринаш амал карда, ба дараҷаи академикӣ расид.

Худӯҳдадорӣ худназораткуниро талаб мекунад. Худназораткунӣ усули муҳим буда, он таҳти назорат гирифтани фаъолияти худро ифода мекунад. Шахс мунтазам иҷрои вазифаҳои ҳаррӯзаи худ ва дақиқию возеҳии онҳоро ба инобат мегирад, алайҳи мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ, аз қабили беҷуръатӣ, камҳавсалагӣ мубориза мебарад, аз мақсадҳои дар назди худ гузошта даст накашида, фотеҳи орзуҳои неки хеш мекунад. Абулқосим Лоҳутӣ фармуда:

*Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ!*

Усули дигари худтарбиякунӣ, худмушоҳидакунӣ ва худбаҳодиҳӣ мебошад. Худмушоҳидакунӣ ин андешаҳои фаъолияту ҳиссиёти шахсӣ буда, тавассути эҳсосоти олами ботинӣ зуҳур меёбад. Бидуни худмушоҳидакунӣ худтарбиякунӣ маънӣ надорад. «Шахсе, ки қобилияти худмушоҳидакунӣ надорад, ба ҳаракат ва рафтори худ ҷавоб дода наметавонад, - мегӯяд равоншиноси маъруф Б.М.Теплов. – Бидуни худмушоҳидакунӣ худназораткунӣ ва худтарбиякунӣ имконнопазир аст»

Воқеан, агар шахс дар айни замон аз рафторҳои баду неки дирӯза, ҳафтаина, моҳона ва солонаи гузаштаи худ сарфи назар карда, нисбати онҳо андешаю мулоҳиза намеронад, чӣ ҷои худтарбиякунии уст. Шахси бохирад дар тӯли зиндагӣ хусусиятҳои баду некашро дар тасаввуроти хеш таҳлил намуда, аз рафторҳои некаш шод, аз кирдорҳои бадаш ба изтироб меояд, пушаймон мешавад. Дар тасаввурот худро ба ҷои шахси дигар гузошта, рафтору муносибатҳои худро холисона таҳлилу арзёбӣ менамояд.

**<u>Нақши ирода ва рафтор дар худтарбиякунӣ</u>**

Барои дар амал тадбиқ кардани ҳамаи гуфтаҳои боло иродаи қавӣ ва хулқу рафтори омӯзгор аҳамияти бузург дорад.

Ирода ин бо қатъият ва шуурона мамониятҳоро бартараф намуда, барои татбиқи фаъолияти муайян истодагарии шахсро ифода мекунад. Ирода асосан дар фаъолияти шахсӣ пайдо шуда, дар арсаи кор устувор мегардад, обутоб меёбад, зеро шахс дар ҷараёни амалиёт борҳо ба мамониатҳои ботинӣ ва зоҳирӣ дучор меояд ва онҳоро рафъ мекунад. Аснои бартараф кардани мушкилот дар ӯ сифатҳои муҳими иродавӣ: ҷуръатмандӣ, худнигаҳдорӣ, суботкорӣ, устуворӣ, тобоварӣ, принсипнокӣ ва ғайра ташаккул меёбанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Истилоҳи «мамониат» ҳам ба маънои зоҳирӣ ва ботинӣ (нохоҳамӣ, дудилагӣ, шаковардан, хастагӣ ва ғайра) фаҳмида мешавад, ки инсон маҳз ба қавиродагӣ метавонад онҳоро бартараф намояд. Биноан, барои худтарбиякунӣ тарбияи ирода – иродаи устувор зарур ва ҳатмист ва билохира, қавиродагӣ асоси ғолибияти ҳар шахсият аст.

Барои тарбияи ирода ва худтарбиякунӣ воситаи худфармондиҳӣ ва худилқодиҳӣ, иҷрои қоидаҳои шахсӣ, низоми рӯз низ аҳамияти калон дорад. Дар амали хеш асло шак ва калавиш лозим нест, зимни илқои «Бархезу амал кун!» майл бояд кард. Унсурулмаолии Кайковус барҳақ фармуда:

*Агар гӯӣ, ки битвонам, қадам дар неҳ, ки битвонӣ,*

*Вагар гӯӣ, ки натвонам, бирав, биншин, ки натвонӣ!*

Сарлашкари рус Суворов бо роҳи худсозӣ аз бачаи сусту заиф ба дараҷаи баланд расидааст…

О.Ю.Шмидт тибқи низоми рӯз (режим) дар як шабонарӯз 5-6 соат, академик Н.И.Вавилов 4-6 соат, А.В.Виноградов (академик) аз 6 соат беш хоб намекарданд. Дар ҳадисе омадааст: «*Хоби субҳ ризқ мебурад*». Илми биоритмология, чуноне ки гуфта шуд, мавқеи сермаҳсул кор карданро дар ду маврид: аввали шаб ва саҳар мепиндорад.

Дар шароити мо, ки илму техника хеле боло рафтааст, тарбияи ҳофизаи омӯзгор ва такомулоти он дар худсозӣ басо муҳим аст. Зеро ҳофиза пояи хирад (ақл, зеҳн) аст. Ҳофиза қобилияти нигоҳ доштан ва аз нав тасаввур кардани таассуроти пештара буда, он гарави самарабахши омӯзиш мебошад. Хирад қобилияти фикрӣ, шакли олии ба инсон хоси маърифати назарии воқеият аст.

Ҳофиза ва хирадро бо роҳи системанок, пай дар пай, мантиқан омӯхтани асосҳои дониш устувор гардонидан мумкин аст. Бояд зикр кард, ки донишандӯзӣ сатҳӣ ва рӯякӣ муносибат карданро намепарварад, он муқоиса, мантиқан дақиқ ва нуктасанҷиро мехоҳад. Бо ибораи дигар гӯем, он бо заҳмати зиёд таслим мегардад. Билохира, аз омӯхтани зиёд, ки дар хотир нигоҳ дошта намешавад, чӣ суд? Ба ин савол таъкиди Тошхӯҷаи Асирӣ ба маврид аст:

*Сад хона китоб хондию нест ба ёд,*

*Бояд ки китобхона дар сина бувад.*

Ҳамин тавр, саъю кӯшиши омӯзгор дар таҷрибағункунӣ ҳеҷ гоҳ зоеъ нахоҳад рафт, бо роҳи худтарбиякунӣ қуллаҳои баланди орзую умедро фатҳ намудан, ба мартабаи баланд ноил шудан ба худи ӯ тааллуқ дорад.

## Мавзӯи VIII. Таҷрибаи педагогӣ – омили муҳими тайёр кардани муаллими оянда

### §1.Вазифаҳои таҷрибаи педагогӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,*
*Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.*
*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Шогирдони азиз, бояд ки тазаккур дод, ки ниёгони мо мисли ин байти устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бештари афкори таълимию тарбиявии худро самимона ба назм ифода намудаанд. Чунин баёнкунии сир кори педагогии эшон бо нафосату латофат ширадору рангин, ҷолибу ҷаззоб ва пуртаъсиру хурӯшон зикр ёфтаанд. Мо бояд дар зиндагӣ аз ин таъинотҳои онон, ки аз таҷрибаҳои хеш дурри маънӣ суфтаанд, бебаҳра намонем.

Омӯзиши назариии фанҳои ҷамъиятӣ, педагогика, равоншиносӣ ва илмҳои махсуси донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ бо фаъолияти раванди таҷрибаи педагогии донишҷӯён вобастагӣ дорад. Таҷрибаи педагогӣ яке аз шаклҳои асосии ташкили муассиса ба шумор меравад. Мувофиқи талаботи замон нисбати тайёрии касбии муаллимон таҷрибаи педпгогии донишҷӯён сол аз сол афзоиш меёбад. Дар шароити кунунӣ таҷрибаи педагогӣ дар нақшаи таълимии донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҷои вижаеро ишғол мекунад ва қисми басо муҳими системаи тайёрии муаллими оянда мебошад.

Дар курсҳои назарӣ мантиқи илмии  таълиму тарбият ифшо мегарданд. Усул ва услубҳои таълиму тарбият мунтазам дар системаи фанҳои таълимии равоншиносию педагогӣ омӯзонида мешаванд: педагогика, равоншиносӣ, таърих, услуб умури  тарбиятӣ ва омӯзиш. Дар натиҷаи донишҳои илмӣ раванди таълиму тарбият, моҳият, қонунмандӣ, омилҳо ва шароити инкишофи фаъолият ташаккул дода мешавад. Аммо азхудкунии донишҳои назарӣ барои донишро дар амал истифодабарӣ кафолат намедиҳанд. Чунин кафолатро маҳз таҷрибаи мунтазами педагогӣ пайваста бо донишҳои назарӣ дода метавонад.

Нақши таҷрибаи педагогӣ дар тайёр кардани касби муаллимӣ бағоят зарур аст. Онро танҳо ҳамчун давоми омӯзиши амалии назарияи коркарди маҳорати педагогӣ фаҳмидан мумкин нест. Равобити назария ва амалия яке аз усулҳои барандаи омӯзиши мактаби олӣ ҳамчун инъикоси мураккаби диалектикии тайёрии касбии муаллими оянда мебошад. Аз як тараф, бидуни дониши зарурӣ дарки раванди воқеии таълимию тарбиятӣ ва идора кардани онҳо номумкин аст. Аз дигар ҷиҳат, амиқ дарк кардани назарияи омӯзиш ва тарбият бидуни такягоҳи далелҳои зиндагӣ, бидуни омӯхтани таҳлили воқеати ҳаёти мактаб имконнопазир аст. Ҳамин тавр, кори педагогӣ ҳамроҳи талабагон дар давоми тамоми соли хониши мактаби олӣ байни назария ва амалия равобити мустаҳкам қарор меёбад.

Вазифаи муҳими таҷрибаи педагогӣ – омӯхтани мушоҳидаи раванди таълиму тарбия, фаъолияти муаллимон ва талабагон, дарки маъно ва мантиқи ҳамкории онҳо мебошад. Ин маҳоратро амиқ бояд дарк кард. Амиқ омӯхтани назарияи тарбия ва омӯзиши педагогика ва равоншиносӣ ба дасти муаллим калидеро медиҳад, ки тавассути он сиру



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

асрорҳои ниҳони таълиму тарбият кушода мешаванд, моҳияти педагогӣ доштани онҳо ифшо мегарданд.

Мушоҳидаи воқеии раванди таълим ва тарбият, фаъолияти кӯдакон ва омӯзгорон аз мушоҳидаи табиат ба куллӣ фарқ мекунад. Иштироки мушоҳидакор – донишҷӯ (хусусан гурӯҳи донишҷӯён) метавонад вазъияти табииро вайрон кунад, моҳияти ҳодисаҳоро дигар намояд. Бинобар ин мушоҳидакор чунин рафтор кунад, ки аз қалби талабагон ҷой гирад, нозукиҳои ҳаёти ононро дарк намуда тавонад ва вазъияти табиии ҳодисаҳоро вайрон накарда амалиёт пеш гирад.

Инак, мушоҳидаи педагогӣ аз болои раванди умури таълиму тарбият баҳри дарки амиқи назария дар якҷоягии фаъолияти муҳими педагогӣ яке аз вазифаҳои умдаи таҷрибаи педагогӣ мебошад.

Таҷрибаи педагогии донишҷӯёни донишгоҳ ва донишкадаҳои омӯзгорӣ дар бахшҳои **IV ва** V ба мӯҳлати якуним моҳ тӯл мекашад. Дар ин асно донишҷӯе нест, ки бидуни ҳаяҷон ба мактаб ба сифати муаллими оянда ворид нашавад. Ба вай гӯё дар мактаб ҳама чиз шинос – бинои мактаб, хонаи синфӣ, хонаи муаллимон, коллективи калони мактабӣ, ки худаш қаблан бевосита иштирок карда буд. Ҳоло бошад, вай донишҷӯи мактаби олӣ, ба мактаб барои омӯхтани таҷрибаи педагогӣ омадааст. Акнун ба вай лозим аст, ки худаш ҳаёти талабагонро дар синф ва мактаб тарзе ташкил кунад, ки дилчаспу шавқовар бошад.

Бояд тазаккур кард, ки ҳар як коромӯз бори аввал дар таҷрибаи педагогӣ ба ҳаяҷону даступохӯрӣ гирифтор мешавад. Чунин ҳолат, ҳатто ба муаллими собиқаи зиёди коридошта низ ҳангоми пеш аз ба синфи нав воридшавӣ рӯй медиҳад. Дар чунин мавридҳо асло рӯҳафтода шудан лозим нест. «*Мард бояд ҳаросон нашавад, мушкиле нест, ки осон нашавад»* - мегӯяд андарзи мардумӣ. Бале, инсони моҳир – ба ҳар кор қодир. Донишҷӯ бояду шояд худро бо ин гуфтаҳо тамкину таскин диҳад: «Охир, ман таҷрибаомӯз – ку, на муаллими мумтоз, он чиро, ки намедонам, бояд аз дигарон омӯзам ва барои ҳамин ҳам ман ба таҷрибаомӯзӣ омадаам. Саъдии бузург нигоштаанд:

*Як гули мақсуд дар ин бӯстон,*
*Чида нашуд бемадади дӯстон.*

Донишҷӯи азиз, дониста бошед, сабукии кор – аз машқи бисёр. Он чиро, ки ҳоло намедонед, азму машқ кунед, то даме, ки онро бидонед, зеро сарбаландӣ – аз донишмандӣ.

Иддае аз муаллимон як-ду сол кор кунанд ҳам забони талабагонро ёфта наметавонанд, дар байнашон муносибати дуруст гусастааст. Ин ҳолат ба онҳое рӯй медиҳад, ки худро аз ҳад зиёд ҷиддӣ гирифта меоянд. Ҳол он ки барқароркунии муносибати дуруст бо кӯдакон талаботи асосии педагогӣ мебошад. Бидуни робитаи самимӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудан мумкин нест. Азхудкунии ин маҳорат вазифаи муҳимест дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ.

Дар коромӯзӣ аз чӣ бояд оғоз кард? Барои бо талабагон ҳамгапу ҳамкор будан ба донишҷӯ чӣ ва кӣ мадад мерасонад? Ба ин саволҳо аввало хоҳиши худ ва амали зуд мададгор шуда метавонад. Коромӯз, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳанӯз таҷрибаи кофии шахсӣ надорад, бояд сари вақт аз муаллимони таҷрибакор маслиҳат гирифта амал кунад. Ҷалолиддини Румӣ фармудааст:

*Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,*
*Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.*

Пеш аз ҳама таҷрибаомӯз бояд хусусиятҳои мактабхонро дониста гирад ва барои ин ба вай илми равоншиносӣ мадад мерасонад. Равоншиносӣ методҳои умумӣ, раҳёфтҳои омӯзиши рӯҳии шахсро аснои раванди таълиму тарбият ошкор мекунад. Ҳар шахс ва гурӯҳ аз педагог муомилоти хосро тақозо мекунад. Шахсияти фард дар фаъолият зоҳир мегардад ва ташаккул меёбад. Бинобар ин бача ба чӣ ва кадом фаъолият дилбастагӣ дорад, ба инобат гирифтан лозим аст, то ки орзуву умедаш ҷомаи амал пӯшад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ вазифаи ташаккулёбии муаллими оянда нисбати пайдо кардани маҳорати педагогӣ, пойдор намудани донишҳои назарии улуми равоншиносию педагогӣ ва донишҳои махсус ва истифодабарии онҳо дар ҷараёни таълиму тарбият ҳалли худро меёбанд. Ба замми ин коромӯзон дар ҷавлонгоҳи мактаб бо таҷрибаҳои пешқадами педагогии замон мусаллаҳ мегарданд.

## §2. Вижагиҳои мӯҳтавои таҷрибаи педагогӣ

Таҷрибаи педагогӣ вижагиҳои таълимӣ дорад. Кори донишҷӯён аз кори муаллимон фарқ мекунад. Муаллим ҳар рӯз, ҳар соат мунтазам ба раванди яклухти таълимию тарбиявӣ шуғл меварзад, мақсад ва вазифаҳои фаъолияти вай – ташаккул додани шахсияти талабагон. Мақсад ва вазифаҳои донишҷӯ бошад, пеш аз ҳама ташаккул додани худ, азхудкунӣ ва ӯҳдабароӣ нисбати барпо кардани раванди мураккаби яклухти таълимию тарбиявӣ мебошад.

Мазмуни таҷрибаи педагогӣ дар раванди омӯзиш бо ду роҳ ҷараён меёбад. Яке аз онҳо ба мантиқи раванди таълиму тарбияи воқеи итоат мекунад, ки дар он иҷрои воқеии вазифаи педагогӣ ҳаллу фасл меёбад. Дигараш – мантиқи фанҳои таълимии мактаби олӣ, ки бо таъсири онҳо мазмуни фаъолияти таҷрибаи педагогӣ тағйир меёбад.

Вазифаи умумии таҷрибаи педагогӣ аниқу мушаххас намудани ҳар курс, таъмин намудани мантиқи инкишофи муфидонаи маҳорати педагогӣ ва огоҳонии такрори бематлаби ин ё он масъала бо талабагон.

Дар бахшҳои чорум ва панҷум таҷрибаи педагогии истеҳсолӣ гузаронида мешавад, ки асосан дар мактаб ба фаъолияти азхудкунии касби муаллими фан эътибори махсус дода мешавад. донишҷӯён таҳти мушоҳидаҳои методистон ва муаллимони мактаб ба сифати муаллим ва роҳбари синф мустақилона кор мебаранд, ҳамаи вазифаҳои пешаи муаллимӣ ва омӯзгориро иҷро мекунанд.

Ҳангоми таҷрибаи педагогии истеҳсолӣ донишҷӯён мувофиқи нишондод ва дастурҳои пешниҳодшудаи донишгоҳ амал мекунад, ки он асосан чунин вазифаҳоро фаро мегирад:



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

1. Азхуд кардани маҳорат ва муносибати ба мақсад мувофиқи педагогӣ бо талабагон. 2. Азхуд кардани маҳорати омӯхтани ҳар як хонанда. 3. Азхуд кардани бештари раҳёфтҳои дастраси корҳои ташкилии фориғазсинфии ҳаёти кӯдакон. 4.Азхуд кардани маҳорати барқарории робита бо волидайни талабагон.

Донишҷӯён аз рӯзҳои аввали коромӯзӣ нақшаҳои тақвимии таълимии фанни ба худ мансуббуда, нақшаи корҳои таълимӣ ва тарбиятии роҳбари синфи таъиншудаашонро ёддошт менамоянд. Тибқи ин нақшаҳо дарсҳоро мушоҳида мекунанд ва ба ҳайси роҳбари синф корҳои тарбитӣ баргузор менамоянд. Ҳар дарс ва чорабиниҳои тарбитӣ дар ҷамъомади таҷрибаомӯзон ба таври муфассал баррасӣ карда мешавад ва ҳамаи ин бояд дар рӯзномаи шахсии ҳар кадом инъикос ёбад.

Коромӯз дар асоси нақшаи тарбиятии роҳбари синфи таъиншудааш ба ҳайси роҳбари синф фаъолият мекунад. Таҷрибаомӯзони синфҳои ибтидоӣ бо корҳои созмони «Ахтарон», дар мактаби асосӣ бо «Ворисони Сомониён», дар мактаби таҳсилоти умумӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ (ОКТ) бо «Сомониён»(34), бо кумитаи худидоракунии талабагон нисбати амиқ омӯхтани асосҳои фан ва интизоми бошуурона шуғл меварзанд. Барии фаъол гардонидани коллективҳои мактабиён чораҳо меандешанд.

## 3. Хусусиятҳои ташкили таҷрибаи педагогӣ

Дар бахшҳои чорум ва панҷуми донишгоҳои омӯзгорӣ мувофиқи нақшаи таълимӣ таҷрибаи педагогии истеҳсолии бефосила баргузор мегардад. чунин муттасилӣ ба коромӯзони касби педагогӣ имконият медиҳад, ки ба корҳои таълимӣ ва тарбиявии мактаб комилан чун омӯзгори оянда амиқтар шинос шаванд ва амал кунанд. Азбаски натиҷаи кори таълимӣ-тарбиятӣ зуд маълум намегардад, бояд коромӯз ин хусусияти фаъолияти касбиашро дона два бо сабру матонат кор пеш гирад.

Ин тавр ҳам мешавад, ки муаллим аснои дарс маводи таълимиро пурра ва бо завқу шавқ фаҳмонад, талабагон гӯё онро мефаҳманд, имрӯзу фардо такрор мекунанд, аммо баъди як моҳи дигар онро фаромӯш карда, қоидаҳои гузаштаро бо маводи нав пайваста метавонанд. Маълум мешавад, ки муаллим дар фаҳмондани маводи аввал қоидаро бо маводи пешгузашта ба қадри кифоя пайваст накардааст ва он лаҳзае, ки баҳри оянда кор кунад, муайян карда нашудааст.

Дар ин рӯйдоди мазкур натиҷаи кори таълимии муаллим ғайримақбул ошкор мегардад ва аҷибаш ин ки он камбудӣ на зуд, балки дертар шоён мешавад. мумкин аст муаллим ин ғалати худро пай набарад, вале баъдтар ҳангоми дучор омадан бо кори ба ин монанди омӯзиши фан саҳви худро пай барад.

Ҳамин тавр, на танҳо дар ҷараёни таълим, ҳамчунин дар раванди тарбият низ амалиёти ғайримақбул фавран ошкору намоён намегарданд, хусусан, агар гап дар бораи тарбияи ахлоқи талабагон равад. Чунинчи, муаллим вазифаҳои тарбияи покизакориро дуруст ба миён гузошт. Ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳамин мақсад чорабинии шавқовар ташкил мекунад. (Ин метавонад дар соати тарбиятии синф, ё ба тарзи сӯҳбат ва ё мубоҳиса сурат гирад). Муаллим нисбати покизакорӣ хеле таъсирбахш, бо обуранг нақл мекунад, ки дар ҳама соҳа покизакор бояд буд, чунки ин кори ҳатмии одами меҳнатдӯст аст. Сӯҳбат ба ҳама писанд омад, ҳар ки покизакору боинтизом шудан мехост.

Бо ҳамин ин масъала ҳалли худро пурра ёфт гуфтан мумкин аст? Рӯзи дигар яке ба мактаб бо либоси касиф, дигаре бекитоб, сеюмин бо нохунҳои расида, чорумин бо мӯйи сари парешон... омаданд. Гӯё покизакориро ҳама фаҳмида буданд, вале дар амал он дида нашуд. Магар ин намуди тарбият нобарор шуд? На, моҳияти тарбияти ахлоқ аз он иборат аст, ки ҳангоми фаҳмондани меъёри ахлоқ- ин ҳоло ибтидои кор ба ҳисоб меравад. Хонанда бояд онро амиқ фаҳмад, зарурати онро дарк кунад, то ки он ба вай дар талаботи минбаъда ба одат табдил ёбад. Барои ин баъди сӯҳбати умумии зикршудаи рӯбарӯй боз сӯҳбати барангезиши инфиродии худтарбиякунӣ ва назораткунӣ ҳам лозим аст. натиҷаҳои мусбатро надида, ту фаъолияти педагогиро баҷо овардӣ гуфтан бомавқеъ аст.

Бо вуҷуди ин дар давоми таҷрибаи педагогии истеҳсоли донишҷӯ бо гурӯҳи талабагон на дар як намуд, балки бо дигарон дар самтҳои гуногун кор мебарад. Ин тағйиротҳои таълимӣ ва тарбиятӣ коромӯзиашро мураккаб кунад ҳам, дар ҳамин радиф сатҳи ташаккулёбиаш, маҳорати касбиашро рушд медиҳанд.

Хусусияти бефосилагии таҷрибаи педагогӣ боз аз он иборат аст, ки вазифаҳо дар ҳар давраи нав қариб якнавохт мемонанд. Дар давраи нав он талаботҳое, ки қаблан ба ҳисоб гирифта нашуда буданд, дар ин давра фавран ҳис карда мешаванд ва ҳалли худро меёбанд.

Бояд зикр кард, ки таҷрибаи педагогӣ бо хусусияти комплексиаш фарқ мекунад. Дар рафти он ба ҳам пайвастагии тамоми амалиёт – дониши талаба, муаллим, раванди таълиму тарбияте, ки дар ҳар давр ва бахшҳои гуногун гирифташуда ҳамгиро ва синтез мешаванд. Донишҷӯ мазмуни тамоми фанни махсуси ихтисосии худро дар силсилаи фанҳои махсус, қонунҳои омӯзиш ва тарбиятро дар асоси улуми равоншиносию педагогӣва бевосита тарзи корбарӣ бо талабагонро меомӯзад. Зеро бидуни мазмуни фан, маҳорати педагогӣ ва бидуни истифодаи услубҳои марбута кор бурда наметавонад.

Ба омӯхтани таҷрибаи педагогӣ шурӯъ намуда, ба ҳар паҳлуи кори таълиму тарбият эътибори махсус додан лозим аст. Ба муносибати вусъатёбӣ ва амиқгардии доираи донишҳои касбӣ раванди таълиму тарбият дар мактаб бештар дақиқу фаҳмо мегардад ва хусусияти яклухтӣ мегирад. Комплексии таҷрибаи педагогӣ банақшагирӣ, ташкилкунӣ, мазмун, системаи назорат ва арзёбиро дар бар мегирад. Дар баҳогузории умумии донишҷӯ ҳамаи самтҳои амалии фаъолияташ инъикос меёбад.

Ҳамин тавр, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ зимни роҳбарии муаллимон ба муаллимони оянда системаи маҳорати донишҳои педагогӣ ташаккул дода мешавад. Агарчи тамоми фаъолияти таҷрибаи педагогӣ



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

коллективона гузаронида шавад ҳам, вале азхудкунии системаи маҳорат дар ҳар донишҷӯ хусусияти фардӣ мегирад. Ин яке аз хусусиятҳои касби муаллимӣ аст. Ҳар қадаре, ки донишҷӯ ин хусусиятҳоро дарк кунад, дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ амалиётҳои коллективонаро омӯзад, ҳамон қадар омодагии касбии вай афзун мегардад.

Сӯҳбат танҳо ба азхудкунии меъёри корҳои ахлоқи коллективона, ҳамчунин ба худ хоси ҳар касб меравад. Фаъолияти педагогӣ бо он хусусиятҳои худ фарқ дорад, ки шахсияти талабагон, коллективи хонандагон таҳти таъсуроти на як муаллим, балки зимни эҷодкории тамоми коллективи педагогӣ ташаккул дода мешавад. Аз муаллимон то китобдору ошпаз дар мактаб таҳти оҳанги ягонаи педагогӣ, талаботи ягонаи камолоти насли наврас равона карда шудааст.

Агарчӣ гурӯҳи коромӯзон- донишҷӯён дар мактаб муваққатианд, онҳо дар рафти таҷрибаи педагогӣ ҳамроҳи коллективи педагогӣ якдилона бо иттифоқ кор мекунанд, ғамхорӣ ба мактаб, талабагон, муаллимон дар як меъёр дар муҳити солим қарор меёбад, ҳар таҷрибаомӯз нисбати ин мактаб низ хайрхоҳ бояд бошад. Ҳар амалро бояд қаблан фикр кард, аз рӯи аввали ба мактаб омадан таҷрибаомӯз бояд ҷойи худро донад. Нисбати таҷҳизонидани гӯшаи худ, дақиқ омӯхтани ҳаёт, қоидаҳо ва тартиботи дохилимактабӣ, ба анъанаҳо ҳамроҳӣ кардани коромӯз ҳатмист.

Дар мактаб ташкилнамудани фаъолияти ягонагии иҷтимоӣ-педагогӣ ва тайёрии касби омӯзгорӣ низ як ҷиҳати муҳими таҷрибаи педагогӣ мебошад. Дар ин қисмат таҷрибаомӯз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро сармашқи кори худ намуда, дар байни падару модарон роҷеъ ба таълими умумӣ, фаҳмондани қонуну қоидаҳои таълиму тарбият, баррасӣ намудани талаботҳои ҳуҷҷатҳои давлатӣ тарғиботҳои педагогӣ –равонӣ мебарад. Дар ҳалли ин масъала ба онҳо омӯзгорони кафедраҳои умумӣ- ҷамъиятӣ мадад мерасонад.

Фаъолияти баланду мустақилияти коромӯзонро нисбати ташкили таҷрибаи педагогӣ аз вобастагии роҳбарии педагогӣ бяод донист. Дар барномаи таҷрибаи педагогӣ майлҳои асосии фаъолияти донишҷӯён муайян карда шудааст. мазмуни мушаххас ва ҳаҷми корҳои таълимию тарбиявиро донишҷӯ худаш муайян мекунад. Дар ҳамин сатҳ мустақилонагӣ ва фаъолияти ӯ ҷараён меёбад.

Дар 2 ҳафта як маротиба дар машғулияти амалӣ таҳти роҳбарии омӯзгор корҳои мустақилонаи таҷрибаомӯз таҳлил карда мешавад, маҳорату комёбиҳои педагогиро ба инобат мегиранд. Таҷрибаҳои ғуншудаи донишҷӯ нисбати фаъолияти мустақилонааш барои дар назди ӯ гузориши нави вазифаҳо дар 2 мӯҳлати ҳафтаи дигар асос мегардад. баъди таҳлил комёбӣ ва камбудиҳо ошкор карда мешаванд, ки донишҷӯ минбаъд нисбати кадом масъала бештар эътибор додани худро фаҳмида мегирад ва дар он самт кор мебарад, то ки дар он паҳлу ҳам маҳорату малака пайдо кунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зоҳир намудани мустақилӣ ба тайёрии минбаъдаи машғулиятҳои амалии коромӯз замина мегузорад. Донишҷӯ на танҳо таҷрибаи педагогии худ, ҳамчунин фаъолияти иҷтимоӣ- педагогии умумро низ таҳлил мекунад.

Ҳамаи талаботи зикрёфта нисбати таҷрибаи педагогӣ дар айни замон хеле муҳиманд, вале эҷодкорона ва муфидона бо кашфиётҳои нав такмил додани онҳо ба қобилияти минбаъдаи муаллимони оянда вобаста аст, зеро ҳар касбу пеша зинаҳои тараққиёти худро дорад.

## §4. Омодагии донишҷӯён ба таҷрибаи педагогӣ

Мавқеи муҳими оғози таҷрибаи педагогӣ аввало дар мустақилона амалкунӣ бо талабагон мебошад. Агарчи донишҷӯ ба худ боварӣ дошта бошад ҳам, вай бояд бо талабагон аз рӯзҳои аввал чӣ кор кардан, амалан бо онҳо чӣ тавр муомила намуданро дақиқ донад. Чунки вай дар мактаб бо толибилмони синну сол ва сатҳи донишашону фаҳмишашон гуногун сарукор мебарад ва бояд чуноне, ки дар урфият мегӯянд, «забони онҳро ёбад». Ҷалолиддини Румӣ фармуда:

*Чунки бо кӯдак сарукорат фитод,*
*Ҳамзабони кӯдакон бояд кушод.*

Пайваста ба ин гуфтан ҳақ мо ҳам илова мекунем:

*Ҳар саволе, ки биёранд бар миён,*
*Бо забони фаҳмашон бинмо баён.*

Дар амалиёти донишҷӯ ҳамаи ин масъалаҳо мувофиқи талаботи давру замон сурат мегирад: бо созмонҳои талабагӣ «Ахтарон», «Ворисони Сомониён», «Сомониён», кумитаи худидоракунии хонандагон, бо сустхонҳо, беинтизомон, дар гурӯҳҳои рӯзи шуғлашон бардавом ва ғ. фаъолият мекунад. Корҳои амалии ҳамарӯза бо мактабиён худ як манбаи зарурии таҷрибаҳосилкунӣ аст. Бинобар ин дар ҷавлонгоҳи мактаб ҳамаи ин вазифаҳо ташкили таҷрибаи педагогиро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз таҷрибаи педагогӣ системаи муайяни тайёриро мехоҳад, то ки донишҳои назарӣ дар ҷараёни он ҳалли амалии худро дарёбанд.

Ҳар курси назарӣ мазмуни донишҳоро дарбар гирифта, ба дараҷаи муайян моҳияти фаъолияти педагогиро кушоиш, ҳамчунин сифатҳои касбии шахсияти муаллими ояндаро ташаккул медиҳад. Вазифаи донишҷӯ- ҳар қадар бармаҳал мустақиона ба таври худ омӯхтану фаҳмидани донишҳои ҳосилкардаи касбии минбаъда мебошад. Ҳатто он қисми мазмуни маълумоти педагогӣ, ки ба майли инкишофи умумии шахсияти донишҷӯ равона карда шудааст, бахри инкишофи педагоги оянда кор мекунад. вале вақте ки сӯҳбат дар бораи фаъолияти амалии мушаххас меравад, дар хусуси вохӯрии фардо бо талабагон, роҳбарии аниқ ва ёрии дақиқро металабад.

Ин гуна роҳбарӣ, омодагӣ ба таҷрибаи педагогӣ дар нақша ва барномаҳои тахлимӣ пешбинӣ шудаанд. Дар курси «Муқаддимаи ихтисоси омӯзгорӣ» қисми зиёд бахри тайёрӣ ба таҷрибаи педагогӣ бахшида шудааст. Ин курс машғулиятҳои назариявӣ ва амалиро, ки дар



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

қатори дигар падидаҳо оиди корҳои тарбиявӣ бо хонандагон, раҳёфти робитаи педагогӣ, инчунин шиносоӣ бо мактаб- объекти ояндаи таҷрибаи педагогиро фаро мегирад.

Дар семестри аввали аксари факултаҳо системанок омӯзонидани курсҳои равоншиносӣ, физиология сину сол ва ҳифзиссиҳои (гигиенаи) мактабӣ шурӯъ мешавад. Дар барномаҳои таълимии онҳо машғулиятҳои махсус нисбати азхудкунии услуби омӯхтани хусусиятҳои талабагон – кӯдакон, наврасон, ҷавонон пешбинӣ шудааст. Ин услубҳоро метавон дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ истифода бурд.

Дар семестри аввал донишҷӯён имконияти азхудкунии асосҳои маҳорати ташкилотчигӣ ва баъзе маҳорати амалии педагогиро, ки бидуни онҳо бо талабагон робита барпо кардан мумкин нест, омӯзанд: ташкил ва гузаронидани бозии номураккаби варзишӣ, хондан ё нақл кардани ҳикоя, ёрӣ ба ворисони Сомониён дар хусуси тартиб додани рӯзномаи деворӣ ва ғ. Ҳамаи инҳоро ҳанӯз дар факултаҳои иҷтимоию касбии мактаби олӣ омӯхтан лозим аст.

Дар семестри дуюм омӯхтани курси педагогикаи умумӣ ва ҷузъи назарияи тарбияти он оғоз мешавад. Ҳар мавзӯи онҳо бевосита ба таҷибаи педагогии мактаб пайвастагӣ дорад, бинобар ин, ба донишҷӯ – таҷрибаомӯз ёрии муайян расониад метавонад. Ҳамин тавр ёрии аникро машғулиятҳои амалии лабораторӣ низ расонда метавонанд. Аснои бозиҳои амалӣ, тарҳсозии раванди таълимӣ –тарбиявӣ, микродарсҳо ба таври типӣ, вале вазъиятҳои аниқи педагогӣ хеле зиёд, моҳияти мазмун, ки аз ҷониби худи донишҷӯён ёдовар мегардад, таҳлил карда мешаванд. Ин ҷо, дар шароити муқаррарии донишҷӯён, сабабҳои дар амал рӯйдодҳои типии душвор, роҳ ва воситаҳои беҳтарини ҳалли типии вазифаҳои таълимию тарбиявӣ таҳлил мегарданд.

Дидактика ё назарияи таълим (омӯзиш)- қисми дигари педагогикаи умумӣ дар семестри сеюм тадрис мешавад. Донишҷӯён дар ҳамин қисм тарзи дарсдиҳӣ, навъ ва сохтори дарсҳо, шаклҳои гуногуни таълимӣ, усулу услубҳои таълим, тарзи гуногуни омӯзиш аз нигоҳи назарӣ ва баъзан амалӣ мусаллаҳ мегарданд.

Ҳангоми таҷрибаи педагогӣ ба дарсҳои муаллимон ташриф оварда, таҳти мушоҳидаҳо тарзи таълимдиҳии замонавиро ва худашон талаботҳои дарси ҳозиразамонро эҷодкорона ба кор бурда мустақилона дарс медиҳанд.

Алалхусус, коромӯзон таҳти роҳбарии педагогии методистон, муаллимони варзидаи мактаб ин қисмати басо муҳим ва мушкилу мураккаби касбӣ- системаи дарси синфиро ҳам амалан азхуд мекунанд.

Ҳамин тавр, таҷрибаи педагогии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбият нақши муҳим мебозад. Дар тӯли солҳои омӯзиш он звенои пайвасткунандаи байни тайёрии назариявию амалии муаллими ояндааст. Он иҷрокунандаи робитаи ҳаётӣ, кулли талаботҳои афзояндаи мактаби ҷомеаи демократӣ мебошад.

## <u>Мӯвзӯи VIII</u>



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Корҳои тарбитӣ бо мактабиён дар ҷараёни омӯзиши таҷрибаи педагогӣ**

## §1. Муаллим ва мактабиёни муосир

Дар замони мо – ибтидои қарни XXI бо шарофати пешрафти сареҳи илму техника иттилоот дар воҳиди ҷаҳонӣ густариш ёфт. Васоити ахбори умум- рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, радио, телевизион ва ғайраҳо ба густариши ин селаи иттилоот заминаи муносибе фаро расидааст

Чунин раванд воқеи буда, ба мактабиёни имрӯза ҳам бидуни таъсир намемонад, онҳо дар муносибат бо бузургсолон, алалхусус бо муаллимон ҳамкорӣ карда, селаи иттилоотро донистан мехоҳанд. Бояд муаллим дар ин ҷода ҳам намунаи ибрат ва пешсафи ҷомеа бошад, ба педагогикаи ҳамкорӣ пайравӣ намуда, дар омӯзиш хайрхоҳона мададгору ҷавобгӯи дастпарварон гардад. Чунки бидуни педагогикаи ҳамкорӣ бо мактабиён дилёб шудан, онҳоро бо донишҳои зарурӣ мусаллаҳ гардонидан имконнопазир аст.

Усулҳои педагогикаи ҳамкорӣ аз инҳо иборат аст: ғояи вобастании омӯзиши зарурии водоркунӣ; дар дарсҳо бо суръат истифода бурдани услуби афзалияти пешгузорӣ, арзёбии амалиёт, худтаҳлилкунӣ, тарбияи эҷодкоронаи коллектив, шароити зеҳнии синф, эҷодкорона худидоракунӣ, эҷодкорӣ дар меҳнати истеҳсолӣ, ҳамкорӣ бо падар ва модарон, ҳамкории муаллимон ва ғ. барои инкишофи равади педагогӣ дар мактаб имконияти зиёд медиҳад. Дар мактаб донистани ин хусусияҳои раванди ҳамкорӣ, аз дақиқ ҳис кардани кулли дигаргуниҳо ва сари вақт ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта, дар тарбият дақиқ таъсиррасонӣ карданро талаб мекунад. Яъне ин ташкил кардани тарбият дар асоси рафтори фардии талабагонро мепарварад. Дар ҳалли ин чорабиниҳо хусусиятҳои инкишофи синну соли талабагонро ба инобат гирифтан ҳам дониши зарурӣ лозим аст.

## §2. Синни хурдимактабӣ

Дар зиндагии кӯдак ба мактаб рафтан тағйироти куллӣ аст. Зеро фаъолияти асосии ӯ ҳамакнун оғоз мегардад. Вале омӯзиш –ин меҳнати ҷиддӣ мебошад. Ҳамаи он чизе, ки иҷро кардан лозим аст, хоҳ-нохоҳ иҷро бояд кард. Равоншиносҳо қайд мекунанд, ки нерӯйи муҳаррики рушди синну соли хурдимактабӣ аз мухолифатҳои мунтазам рушдёбандаи талаботи таълимӣ, муаллим, коллектив ба шахсияти кӯдак, ба таваҷҷӯҳ, хотира, тафаккур, сатҳи дараҷаи инкишофи рӯҳии ӯ иборатанд. Дар ин синну сол асосҳои рафтори ахлоқӣ ташаккул меёбад, азхудкунии меъёр ва қоидаҳои рафтор, майли ташаккули шахияти иҷтимоӣ пайдо шудан мегирад.

Дар ин ҷараён кӯдакони ин синну сол хусусиятҳои типилогии фаъолияти олии асаб равшан мешавад, ки минбаъд дар рафтори зиндагӣ ба шакли одат маъмулӣ мегардад. шарм, канорҷӯӣ метавонад аз сустии системаи асаб гувоҳӣ диҳад; ҳардамхаёлӣ, тундӣ-зоҳиршавии раванди боздорӣ; оҳистагӣ, аксуламал ва аз як фаъолият ба дигараш табдилдиҳӣ-камҳаракатии раванди асаб. Чунон, ки И.П.Павлов нишон медиҳад, системаи асаб бағоят нарм ва ба баъзе дигаргуниҳои таъсуротҳои беруна



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муқобил мебошад. Бино бар ин дар мактабхон малакаи худназоратӣ ва худсозиро ташаккул додан басо муҳим аст.

Дар рафтори мактабиёни хурдсол бештар хусусиятҳои мусбат ва манфӣ рафшан намоён мегардад. Мактабиёни хурдсол ҳардамхаёл – бо таъсири бевоситаи ангеза, бо далелҳои ногаҳонӣ майли амалиёти фаврӣ ва худсаронагӣ мекунанд (сабабаш –сустии танзими идораи рафтори синну-солӣ). Дар мактабхони хурдсол умуман нокифоягии ирода дида мешавад, вай ба мақсади гузошташуда дуру дароз таъқибкорӣ карда душворӣ ва монеаҳоро суботкорона бартараф намуда наметавонад. Баъзан дар онҳо, ҳамчун оқибати нодурусти тарбияи оилавӣ, ихтилол ва якравӣ мушоҳида мегардад. Кӯдаки ин синну сол хеле зуд дар ифодакунии хушнудӣ, ғам, ғусса, тарс ва ғ. бевосита ошкоргӯй мебошад.

Бавижа кӯдакони ин син имкониятҳои зиёди тарбияти муфиди ахлоқӣ доранд. Коройӣ ва ба дараҷаи муайян талқинёбӣ, боварибахш, майли тақлидкорӣ ва эътибори баланд нисбати муаллим хислати шоистаи онҳост. Аз ин лиҳоз тарбиягар -коромӯз бояд аз ин хислатҳои наҷиби кӯдакон дар равани тарбият муфидона истифода барад. Хусусан барои онҳо талаботи ягонаи мактаб, оила ва ҷамоатчигӣ хеле муҳим аст.

Дар барпо намудани коллективи ворисони Сомониён дуруст ташкил кардани ҳаёти созмони ахтарон нақши муҳими тарбиятӣ мебозад. Дар ин син аҳамияти тарбиятии бозиҳо басо калон аст, зеро бозиҳо на фақат ирода, муташаккилӣ, зирракӣ, ташаббускорӣ, ҳамчунин барои минбаъда барпо кардани коллектив, ҳисси эҷодкорӣ, маҳорати роҳбарикуниро низ тарбият мекунанд. Оре, арбоби оянда дар бозӣ намоён гардад. Кӯдакони боҷӯшу хурӯш ва мушфиқи ин синну сол дар сароғози меҳнатӣ қарор доранд. Мӯҳимтар аз ин онҳоро бо бозиҳои шаклҳои гуногуни дилхоҳ бояд фаро гирифт.

## §3. Синни наврасӣ

Наврасон хислатҳои ба худ хос доранд – аз нуктаи назари имконияти тарбият ба худсозӣ. Ононро синну соли дигаркунии қатъӣ, гузариш мешуморанд, зеро ки дар давоми ин давр гузаришҳои гуногуни аз ҳолати кӯдакӣ ба калонсолӣ майлкуниро паси сар мекунанд. Ин гузариш ба сохти рӯҳӣ ва раванди ҷисмонӣ, фаъолият, шахсияти мактабхон вобаста аст ва барои ҳамин ҳам дар муносибати байниҳамдигарӣ, ташкили фаъолият, рафтори муаллимон ва атрофиёни калонсол шаклҳои гуногуни ташкили чорабиниҳоро талаб мекунад.

То дирӯз наврасе, ки ба фаҳмонданҳои муфассали муаллим бо тамоми хоҳишмандӣ гӯш мекард, ҳоло бошад шакли баёни маводи нав ба вай нороҳатӣ ва бепарвоӣ меоварад. Ӯ кӯшиш дорад, ки маводро ба таври худ шарҳ диҳад ва вақте ки муаллим аз он баёни дақиқи матнро талаб кунад, эътироз баён мекунад. Ҳоло дирӯз навраси хушмуомила ногаҳон тундӣ, дағалӣ, саркашӣ, беинтизомӣ ба нишондодҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

калонсолон танқидона муносибат намуда, аз онҳо далелбиёрӣ ва аз нуктаи назари худ мантиқан эътимодро талаб мегузорад.

Равоншиносҳо воқеан ишора мекунанд, ки дар ин ҷо сӯҳбат на дар бораи бӯҳрони син, балки дар хусуси бӯҳрони муносибати байни наврасу калонсолон, аз он ҷумла муаллимон меравад. Равоншносӣ муқаррар кардааст, ки нерӯи муҳаррики рушди рӯҳии ин синну сол зоҳиргардӣ ва бартарафкунии мухолифатҳои тавлидёфтаи диалектики байни фаъолияти наврасон бо талаботҳои нави ононро қонеъкунанда, имкониятҳои байни рушдёбии ҷисмонӣ, зеҳнию ахлоқии наврас ва шакли пештар ба миёномадаи ҳаммкории ӯ бо атрофиён; байни афзоиши талабот нисбати наврас аз тарафи ҷомеа, калонсолон, коллектив ва шаклҳои рафтори мавҷудаи наврас иборат мебошад.

Дар ин синну сол, хусусан таъсири акселератсия (тезшавии расиш) низ калон аст. Ба балоғатрасӣ акнун якуним-ду сол бармаҳал нисбат аз чандин даҳсолаҳои гузашта қабл оғоз мешавад. ин ба инкишофи рӯҳӣ, қисман зеҳнӣ ҳам тааллуқ дорад.

Алалхусус, дар синни наврасӣ чунин хислатҳо арзи вуҷуд доранд: бошиддат ва нобаробар инкишофёбии ҷисм; номутаносиб, дағалона назаркунӣ ва инро сарфаҳм рафта шарм кардан, кӯшиши сохтаи мардонагӣ ва дағалии рӯякӣ, ба тарафи дигар кашидани намуди зоҳирии худ; ӯро фикрҳои дар назари одамон лабханду бемаънӣ шуданаш ситам медиҳад.

Дар онҳо номувофиқии инкишофи системаи қалбу раг мушоҳида карда мешавад. Калб ҳаҷман калон гашта, бештар бо иқтидор кор мекунад, вале диаметри рагҳои хунгард аз инкишоф мемонанд, ки ин баъзан ба иллати гардиши хун, баландшавии фишори хун ва фаъолияти номунтазами қалб меоварад. Дар натиҷа, дар наврас зуд задании қалб, дарди сар, зуд хасташавӣ мушоҳида мегардад. хусусияти инкишофёбии системаи узвҳои хунгард ва ибтидои фаъолияти шиддатнокии ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ баъзан ба баландшавии қобилияти ангезиш, зудранҷӣ, бадҷаҳлӣ меорад. Муаллим бояд ин хусусиятҳои наврасонро аснои корҳои таълимию тарбиятӣ ба инобат гирад.

Синни наврасӣ – ин синни сароғози фаъолияти ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, эътиқоди маънавӣ, усулу ормонҳо, системаи мулоҳизаҳои баҳодиҳӣ мебошад.

Бояд мадди назар дошт, ки дар ин син маҳз асосҳои дарки ахлоқӣ гузошта мешавад. аз хусусияти фаъолияти маънавӣ ва таҷибаи ахлоқ ташаккулёбии наврас вобаста аст.

Шояд аз ҳама мавқеи муҳим дар инкишофи наврас ташаккули худидоракунӣ, талаботи худшиносӣ ҳамчун шахсият бошад. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар наврас ба олами ботинӣ, ба сифатҳои хоси шахсияти худ эътибордиҳӣ пайдо мешавад. Ба худ назар карда, бахри хеш «ман»-ро кашф мекунад ва барои фаҳмидани тарафҳои пурқувват ва сусти худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ин ба наврас дар тамоми зиндагӣ, ба хулқу фаҳмаш, ба мавқеи ташаккулёбияаш нисбати атрофиён ва бо одамон муносибат доштанаш нақш мегузорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Инкишофи худидоракунӣ дар наврас аз баҳодиҳӣ ба рафтори худ оғоз меёбад, сипас сифатҳои ахлоқиаш, хулқ ва қобилияташ. Барои он ки ба наврас муқобилиятҳои якхелаи манфӣ ҷамъ нашавад, муаллим бояд дар коллектив муносибатҳои солим ташкил кунад. Барои муносибати атрофиён моҳияти ҳалкунанда дорад – дуруст худбаҳодиҳии ӯро таъмин мегардонад.

Давраи нави инкишофёбии худидоракунии наврас ҷудокунии фарқияти ибратомӯзӣ, идеалҳои ахлоқӣ, муқоиса кардани онҳо баҳри худбаҳодиҳии ӯ ёрӣ мерасонанд. Дар ин марҳила вазифаи асосии муаллим ташкил намудани худтарбиякунии наврас мебошад.

Агар тарбиядиҳандагон ба кори мустақилона кӯшишкунии наврасро ба назар нагиранд, ба онҳо чун кӯдаки хурд муомила кунанд, он гоҳ ба онҳо бисёр вақт муқобилати оқилонаи талаботи педагогӣ пайдо мешавад, ки инро бӯҳрони синни наврасӣ меноманд. Худтарбиякунии наврас дар ин давр хусусияти нигилистӣ (шаккокӣ) мегирад. Низоъ бо тарбиядиҳандагон дар наврасон пайдокунии роҳҳои мустақилона исботкунии худро берун аз мактаб меангезонад, ӯро хеле зудфаҳм мегардонад. Дар ҳолати таъсири манфӣ дар вай аломатҳои «қаҳрамонӣ» пайдо шуданаш мумкин: муомилаи дағал, сахтӣ, дурӯғгӯӣ ва амсоли онҳо.

Маркази тозазуҳури рӯҳии наврас ин ҳисси калоншуморӣ, ки дар муносибати ӯ ба ҳайси калонсолон рафтор кардан мушоҳида мешавад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки ба баъзе тарафҳои зиндагии шахсиаш калонсолон дахолат накунанд, дар ақидаю эътиқодотҳои худ истодагарӣ намояд.

То ҳар ҳол кам бошад ҳам дар наврас сифатҳои носолим, аз қабили тарси масъулият, эътибор надодан ба истодагарӣ нисбати мустақилият ва масъулияти худ, ғайрифаъолӣ, нахостани роҳбарикунӣ ва фармондиҳӣ ҷой дорад.

Наврасон завқи бо рафиқон, бо коллектив барқарории робитаро доранд, мехоҳанд, ки дар коллектив мавқеи хешро пайдо намоянд. Баҳои иҷтимоии коллективи синф аксар вақт барои наврас нисбат аз фикрҳои волидон ва муаллимон аҳамияти зиёд дорад,. Барои ҳамин ҳам муаллим ба онҳо талаботро тавассути коллектив бояд пешбинӣ намояд. Наврас фикрҳои солимро аз ҳаёти созмони ворисони Сомониён, аз меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва истеҳсолӣ пайдо карда метавонад.

## $4. Синни калони мактабӣ

Дар инкишофи шахсият синни калони мактабӣ моҳияти калон дорад. Нерӯи муҳаррики инкишофи калонсоли мактабӣ аз сатҳи мухолифатҳои баланди байни талаботҳое, ки аз тарафи ҷомеа, созмони Сомониён, коллективи мактаб ва дараҷаи рушди рӯҳии худаш гузошта мешаванд, иборат аст.

Дар охири инкишофи синни калони мактабӣ ҷавонписарон ва ҷавондухтарон ба камолати ҷисмонӣ мерасанд ва инкишофи онҳо аз рушди калонсолон кам фарк мекунад. Акнун гардиши хун баробар шуда, кори ғадудҳои дохилӣ мураттаб мегарданд, асосан расиши балоғати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷинсӣ ба охир мерасад. Вале танҳо дар 18-солагӣ камолоти аққалии зарурии ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва шаҳрвандӣ оғоз мешавад.

Дар ҷавонон ва духтарон ба дараҷаи муайян рушди сифатҳои худидоракунӣ пайдо мешавад. талаботи дарк кардан ва баҳо додан ба хислатҳои маънавию рӯҳии шахсияти худ аз нигоҳи мақсад мушаххас ва кӯшиши зиндагӣ ба вуҷуд меояд. Бо ҳамин худидоракунии синни калони мактабӣ аз худидоракунии наврас фарқ мекунад. Наврас ба худбаҳодиҳӣ мувофиқа шароити ҳозирааш, калонсолӣ мактабӣ бошад, ба ояндаи худ назар меандозад. «Ман чи гуна талабаи мактаб?»-чунин савол мегузорад наврас. «Оё ман ба ҳаёти мустақилонаи оянда сазоворам?»- чунин аст саволи синни калони мактабӣ. Акнун калонсоли мактабӣ ба шахсият ва маҷмӯи хусусиятҳои худ комилан пурра баҳо дода метавонад. Бо вуҷуди ин ба муаллим лозим аст, ки ба онҳо нисбати дуруст ташаккулёбиашон оқилона ва муадабона ёрии амалӣ расонад. Агар баҳодиҳии муаллим хайрхоҳона бидуни ғараз холисона бошад, он ба мамнуният ва миннатдорӣ қабул мегардад.

Кӯшиш ба худтарбиякунӣ ва ба он боварӣ доштан - ин хислати муҳими даврони ҷавонӣ мебошад. Дар ҷавонии бармаҳал ташаккули ҷаҳонбинӣ, бештар ба шаъни худ ва камбудиҳои худ эътибор додан хислати муҳим аст. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки барномаи мукаммали худтарбиякунии рушди ҳамаҷониба тартиб диҳад. Ба синни калонсоли мактабӣ интихоби идеалҳои тақлидовар ёрии тарбиятгарро мепарварад. Барои ин намунаи шахсияти муаллимони варзида ва калонсолони кордида лоиқи ибраташон шуда метавонанд.

Ҳисси калонсолӣ дар синни калони мактабӣ хислати хоси онҳост. Дар 16-солагӣ ҷавонон ва духтарон шиноснома мегиранд, дар иддаи ҷойҳо аз маҳдудияти тамошои синамо ва театр озод мешаванд. Синни 18-солагӣ ба онҳо наздик мегардад, ҳуқуқи интихобкунӣ ва ақди никоҳ пайдо мекунанд. Дар ин шароит ҳисси тағйирёбии худмаъқулкунӣ-хоҳиши фардӣ пайдо мешавад. аз ин ҷост, ки баъзе талабагони синфҳои болоӣ бо ҳар роҳ ба худ эътибор медиҳанд, иғроқи мӯд, намоишҳои рассомон, ҳайкалтарошон, мутрибон мегарданд.

Синни калони мактабӣ – синни ҷавонии орзуҳо, ҷасорат, романтикӣ, ташаббускории эҷодие, ки дар кори созмони Сомониён бештар зоҳир мешавад. ҳар оина ба рушди нерӯи коллектив бовар кардан, созмони Сомониёнро ба ҳаллу фасли корҳои ҷамъиятӣ, ташкили фароғат, баргузории шабнишиниҳо ва сайри табиат далерона ҷалб намудан лозим аст. Ба ҷавонон дӯсти калонсол ва маслиҳатгари пухтаю ғамхор лозим аст, то аз ӯ маслиҳатҳои муфид гирифта тавонанд.

Дар синни ҷавонӣ бисёр вақт ҳисси дӯстдорӣ зоҳир мегардад – дар ҳаёти мактабхон тамоман ҳолати нави пуртаъсир мебошад. Муҳаббати ҷавони покиза, ботароват, табиӣ, покиза, аз таассуроти бой, нишонаҳои хаёлӣ, ихлосмандӣ, лирикӣ, қобилияти пайбарӣ ва дӯстдории зебогӣ нисбати муҳити воқеии атроф: табиат, санъат ҳаёти иҷтимоӣ намоён мегардад. ин ҳиссиёт бо мураккабии худ ахз синни пештара фарқ мекунад. агар муаллим ба тарбияи эстетики ҷавонон (писарон ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

духтарон) эътибори дуруст надиҳад, дар онҳо завқи носолим, аз қабили намоишҳои разолат, бешавқӣ ориятӣ ва ғ. пайдо шуданаш мумкин аст. Барои неку бадро ба онҳо фаҳмонидан одоби муошırати педагогӣ пеш гирифтани муаллим ҳатмист.

На ҳамаи хатмкунандагони мактаби таҳсилоти умумӣ касби минбаъдаи худро устувор интихоб мекунанд. Тасодуфан интихоби касб бо таассуротҳои ношоямӣ, ноумедӣ, ихтилофоти ботинӣ оварданаш мумкин аст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин муаллим бояд бо онҳо роҷеъ ба касбогоҳӣ тибқи қобилият ва салиқаи ҳар кадом маслиҳат диҳад, то ки ҳар яки дар касби дилдодаи хеш сидқан бипечад.

*Замима*

**Мафҳуми педагогии «тарбият»**

1. *Мафҳуми* ***«тарбият»***

Дар таърифи тарбият табъан ба нуктаҳои зер бояд таваҷҷӯҳ кард:

1. *Як амали инсонӣ.* Тарбият аз нуктаи назарӣ танҳо ба инсон хос аст. Масалан, мо сагро омӯзиш медиҳем, лекин тарбият немекунем.
2. *Тарбият ба сифати амали доимӣ.* Тарбият сарват нест, ки яке дошта бошад, ё чизе нест, ки ба шахс ё ашхосе мутааллиқ бошад, балки навъи амали доимӣ аст ва навъи фаъолият аст дар равобит бо инсон.
3. *Рушд ва такомул.* Дар посух ба ин пурсиш, ки тарбият чӣ навъ амале марбут ба одамӣ аст? Бояд гуфт, ки он бо рушду такомули инсон дар ҳар шароите, ки бошад сару кор дорад. Амале аст, ки «шудан» -ро дар бар дорад, яъне шахсеро аз вазъи мавҷудаш ба вазъи матлуб дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меоварад. Бинобар ин, бо моҳияти воқеи ва дарунии шахс сарукор дорад на чизе (ашъё) мутааллиқ ба ӯ.

4. *Ҳидоят ва ҷиҳат додан.* Тарбият шахсро дар расидан ба ҳадафҳои хос ва муайян ҳидоят мекунад, ба фаъолиятҳо ва ҳатто афкори ӯ ҷиҳат медиҳад ё «шудан»-и шахсро шакл мебахшад. Тарбият мунтазам анҷом додани амали тарбиятӣ рӯи шахс аст, ки бояд тарбият шавад.
5. *Ба василаи шахс анҷом мегирад.* Тарбият ба василаи шахс ба номи мураббӣ ё муаллим анҷом мегирад ва рушду такомули шахсиро ҳидоят мекунад.
6. *Мақсади аслии тарбият.* Ҳидоят дар тарбият барои манзури Хосе анҷом мегирад,ҳидояте, ки дар Рушду такомули фард ба сифати як шахс асар мегузорад, Пас ҳар навъи ҳидоятро наметавон тарбият Хонд. Масалан, ноири роҳе, ки ронандаро ба хиёбон ё ҷиҳати дигаре ҳидоят мекунад сирфан барои ҳалли мушкили роҳ аст, на ба ҳадафи тарбият.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин гуфтаҳо, акнун метавон тарбиятро ***чунин таъриф кард***: «**Тарбият амали омодагии фард барои созгории мусбат бо муҳит аст». Ва ё таъсиррасонии бо ҳадаф ва муташаккилона ба рушди ҷисмонӣ, рӯҳӣ, ҷаҳонбинӣ, симои маънавӣ, идеалу завқи эстетики шахсият бо маҳорату малакаҳо мусаллаҳ гардонидан ва ба зиндагӣ омода кардани онҳо мебошад** (Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика, с.240). Яъне тарбият вақте анҷом мегирад, ки рафтори мавҷуди фард дар натиҷаи таҷриба ва ёдгирӣ тағйир ёбад, ки агар ин тағйир ба нафъи фард ва ҷомеа бошад онро «тарбияти судманд» ё «тарбияти мусбат» меноманд ва дар сурате, ки фардро аз ҷомеа дур кунад ва ё созгории матлуби ӯро муҳит душвор созад, яъне ӯ аз зиндагии иҷтимоӣ лаззат набарад ва ҷомеа низ аз ӯ истифода накунад, гуем тарбияти вай «тарбияти манфӣ» буда аст. Пас тарбияти судманд ба фард имкон медиҳад, ки рафторашро чунон тағйир диҳад, ки битавонад тағйироти иҷтимоӣ ё фарҳангӣ омили муассир ё созанде бошад, истеъдодҳо ва рағбатҳояшро ба нафъи худ худ ва ҷомеааш густариш диҳад ва дар тағйири вазъи номатлуб саҳми фаъол дошта бошад. Ба иборати дигар тарбият кӯшише аст барои кӯмак ба мардум дар пешрафти шароити назарӣ ва Амалии лозим барои созгории муваффақ бо муҳит ва бархурдорӣ аз зиндагии солим.

Чунин таърифе аз тарбият таваҷҷӯҳи моро ба нуктаҳои зер ҷалб мекунад:

1. Чун идомаи зиндагӣ бе созгорӣ бо муҳит имкон надорад ва тарбият барои пайдоиши омодагии лозим барои ин созгорӣ зарурӣ аст, пас тарбият як амри ҳамагонӣ ва ҳамаҷониба мебошад, яъне ҳамагон бад-он ниёзманданд ва бояд фард аз ҳар лиҳоз (баданӣ, зеҳнӣ, иҷтимоӣ, динӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғайра) барои созгории матлуб омода шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

2. Шинохти чигунагии истеъдод ва рағбатҳо ва ниёзҳои маъсулони тарбиятӣ аст.
3. Тарбият бояд доимӣ бошад, чун созгорӣ бо муҳит ба замон маънии маҳдуд нест.
4. Муррабию масъули тарбият бояд ниёзҳо ва масъалаҳои мушкилоти зиндагӣ, махсусан дар муҳити худ ва роҳи ҳои онҳоро бишносад.
5. Муҳити тарбиятӣ (хона, мактаб ва соири созмонҳои тарбиятӣ) бояд фурсатҳое фароҳам оварад, ки мураббиён (афроди мавриди тарбият) амалн бо масъалаҳои зиндагӣ ва навъи созгорӣ бо муҳит ошно шаванд. Муҳити хуб шояд муҳимтарин омилҳои таинкунанда дар тарбият аст. Ба иборати дигар зиндагиро зимни зиндагӣ кардан метавон омӯхт.
6. Тарбият чизе нест, ки аз хориҷ бар афрод изофа шавад ё битавон онро ба фард талқин ва таҳмил кард, балки натиҷаи кӯшишҳои раҳбаришудаи фард аст.
7. Мелоки арзишёбии тарбият (шинохти судмандӣ ва носудмандии тарбият) мизони мавқеияти фард дар созгории муваффақ бо муҳит аст.
8. Мелок ё меъёри интихоби мавод ва мавзӯъҳои дарсӣ (барномаҳои дарсӣ) ва таҳияи васоили омӯзишӣ ва таъйини зарурат ва увлавиятҳои онҳо, ниёзҳои фардӣ ва иҷтимоии фард дар зиндагии мавҷуд ва оянда ҳастанд.
9. Мелокҳои тарбиятӣ судманд тағйирёбанда ва бар асоси авзоъ ва аҳвоил зиндагӣ имрӯзу фардо аст.
10. Масъулияти тарбият ба созмон ё муассисаи хосе маҳдуд нест, зеро зиндагӣ чунин маҳдудияте надорад.
11. Тарбияти судманд асоси корбурд ва равишҳои таҷрибӣ аст.
12. Ҳар гуна ва ҳар миқдор сармоягузорӣ дар «тарбият» дар воқеъ муҳимтарин

ва муассиртарин навъи сармоягузорӣ дар умури иҷтимоӣ аст, зеро нерӯи инсонӣ лозим барои эҷод барои раҳбарии тағйироти фарҳангӣ зарур дорад. Ва ҳар гуна кӯтоҳӣ дар ин сармоягузорӣ метавон бетаваҷҷӯҳӣ барои имрӯзу фардои ҷомеа кард. пас тарбият амалн роҳу равиши зиндагии фардӣ ва иҷтимоиро таъйин ва равшан мекунад. Ҳарчанд, ки қабули ин ҳақиқат гоҳе барои мо душвор аст, зеро тағйири рафтори инсон, батадриҷ анҷом мегирад ва ин низ сабаб мешавад, ки аҳамияти нуфузи тарбият дар фаъолиятҳои рӯзонаи мо бештар ҷилва кунад.

Мо метавонем ва вазифадор ҳастем, ки дар авзоъ ва аҳволи кунунӣ, дар бораи маънои воқеии таълиму тарбият дар ҷаҳони имрӯз масъулиятҳои онро дар қиболи наслҳои кунунӣ, ки онҳоро барои дунёи фардо омода созад аз нав Таин кунем ва низ нерӯҳо ва орзуҳо, чашмандозҳо ва ҳадафҳои онро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин бояд чунин корҳо анҷом пазирад:

1. Вазъи мавҷуди иҷтимоӣ мавриди таҳлил ва интиқод қарор гирад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

2. Омилҳои табиӣ, фардӣ ва иҷтимоии муассир дар эҷоди вазъи мавҷуд Таин ва таҳлил шаванд.
3. Зарурат ва кайфияти вазъи матлуб ва омилҳо ва васоили лозим барои он мушаххас шаванд ва мавриди таҳлил қарор гиранд.
4. Тарбият кардан мунтазам ёдгирӣ аст ва ин масъулият асоси маркази тарбияти муаллим аст.

***Адабиёти зарурӣ***


1. *Раҳмонов Э. Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар.-Паёми Душанбе.-№47-49.-26.12.06*

*2.Раҳмонов Э. Маърифат ва маънавият ҷавҳари ҳақиқии инсон аст: Суханронӣ дар Сессияи Генералии XXX111 ЮНЕСКО// Садои мардум.-№112.-15.10.05.*

3.Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.с.84.

4.Атаханов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълим). Душанбе.- 2005.

5.Атаханов Т.Сулаймонӣ С. Тамаддун.- Дар 4 ҷилд.-Душанбе:Маориф ва фарҳанг.-2003-2007.

6.Афзалов Х. Таърихи педагогикаи тоҷик.-Душанбе: Матбуот,2002.-100с.

7.Афзалов Х. Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик.-Душанбе,1994.

8.Буйдоқов Х. Асосҳои дидактика. Душанбе,1995.

9.Консепсияи маълумоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе,1995 – 2002.

10.Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 1994.

11.Қодиров Қ.Б.Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик.-Душанбе,1998.

12.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2004.

13.Қосимов М., Муродов Н. Фаъолияти созмонҳои талабагии муассисаҳои
таълимӣ (мактабҳои) Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Дастури методӣ). Д.,2000.

15. Луғати тафсирии истилоҳоти педагогӣ/Мурат.Обидов И. ва диг..-




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Душанбе,1988.
16.Лутф М.(Лутфуллоев М.) Педагогикаи шафқат.-Душанбе,1994.
17. Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе, 1995.
18. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. Душанбе,1997.
19. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе, 2001.
20. Нуров А.,Раҳимов Х. Методикаи корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ.
Душанбе,2005.
21.Обидов И. Маорифи халқ дар Тоҷикистони шӯравӣ. –Душанбе: Ирфон,1985.
22.Одобнома. Китоби дарсӣ барои синфҳои 3,4. Душанбе,1996.
23.Осори Рӯдакӣ. Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1958. - С.175.
24.Раҳимов Х. Педагогика. Душанбе,1997.
25.Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. Душанбе,2000.
26.Раҳимзода Х. Одоби оиладорӣ. Дастури методӣ. Душанбе, 1987.
27.Раҳимзода Х. Оила ва ҷомеа. Душанбе,1999.
28.Сангинов Н. Ҳ. Дидактика. Душанбе,1992.
29.Сулаймонӣ С. Донишномаи педагогикаи навин. Дар 2 ҷ.- Душанбе:Маориф ва
фарҳанг,2007.-Ҷ.1.-500 с. Ҷ.2.-497 с.
30.«Сурат ва сират»-и Ибни Сино.-Душанбе.-1980.-С.15.
31.Тусун А. Эҳёи Аҷам. Душанбе :Ирфон, 1984.- С. 77.
32.Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе, 1979.
33.Унсурулмаолии Кайковус. Оини рӯзгор. Душанбе.,1991.
34.Фаъолияти созмонҳои талабагони муассисаҳои таълимӣ (мактабҳои) ҷумҳурии
Тоҷикистон (дастури методӣ)- Душанбе, 2000.
35.Футувватномаи султонӣ. Душанбе: Ирфон, 1991.- С. 27.
36.Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Душанбе,1991.
37.Юнусов Й. Педагогика: китоби дарсӣ барои коллеҷҳо ва омӯзишгоҳҳои
педагогӣ.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг,2005.-380с.

***Ба забони русӣ***

38. Коменский Я.А. Изб.пед.соч.,М., 1979.- Т.2.-С..250.
39.Калинин М.И. О коммунистическом воспитании. М.:Молодоя гвардия,1956.-
С.143.
40.Лихачев Б. Т. Педагогика. Курс лекций. М., 2005.
41.Педагогика: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений/
В.А.Сластенин, И.Ф.Исаев, А.И.Мищенко, Е.Н.Шиянов. — 5-е изд. — М.: Школа-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пресс, 2007— 512с.
42.Педагогика: Учебник/ Л.П.Крившенко,М.Е.Войндорф-Сысоева и др.;Под
ред.Л.П.Крившенко.-М.:ТК Велби,Изд-во Проспект,2007.-432 с.
43.Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям.- Киев,1974.-С.10.
44. Ушинский К.Д. Собр.соч., М., 1992.-Т.11. – С. 27.

ББК 74.03 я 73

Р 43

**Рахимов Х. Мухторова Г. Введение в педагогическую специальность / Под общ.ред С.Сулаймони.-Душанбе: Ирфон,2007.-119 с.**

**Компютерная вёрстка и дизайн Пахлавоновой Г.**
**Ответственный за выпуск Ашурова Д.**



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Подписано в печати 10.03.07 Формат 84x108 1/32
Усл.печ. 10. Тираж 1000 экз. Заказ № 67

Отпечатано с готовых диопозитивов
В типографии «Хумо» г. Душанбе, Бохтар,3



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*